ISSN: 2959-6394 (Print)
ISSN: 2959-6408 (Online)

# ИЛМ ВА АМНИЯТ

**МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ МАКТАБИ ОЛИИ
КДАМ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# НАУКА И БЕЗОПАСНОСТЬ

**НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ВЫСШЕЙ ШКОЛЫ ГКНБ
РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

# SCIENCE AND SECURITY

**THE SCIENTIFIC JOURNAL OF HIGH SCHOOL
SCNS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

**№ 2 (12), 2025**

**Душанбе – 2025**

*Маҷалла соли 2018 таъсис ёфтааст.*
*Шохис (индекс)-и обуна дар феҳристи «Почтаи тоҷик» – 77798*

*Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Илм ва амният» соли 2018 таъсис ёфта, дар давоми як сол чаҳор шумора ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад. Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти 253/МҶ-97 аз 21-уми июни соли 2022 ба қайд гирифта шудааст.*

*Маҷалла ба феҳрасти маҷаллаву нашрияҳои илмии пешбари тақризшаванда, ки натиҷаи асосии рисолаҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзад ва докторони илм дар онҳо бояд интишор гарданд, аз 2-юми июни соли 2023, бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №136/м ворид гардидааст.*

*Маҷалла шомили пойгоҳи иттилоотии «Шохиси иқтибосҳои илмии Россия» (РИНЦ) шудааст, ки дар сомонаи Китобхонаи илмии электронӣ ҷойгир аст: http://elibrary.ru*

***Суроғаи редаксияи маҷалла:*** *734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 54/2, Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
***Тел****: +(992 37) 233-55-19*
***E-mail****: maktabi_oli24@mail.ru*
***Сомонаи маҷалла****: https://ilm-va-amniyat.tj*

**Муовини сармуҳаррир:** Абдуллоев А.А.
**Котиби масъул:** Қурбонов А.С.

**АЪЗОИ ШӮРОИ МУШОВАРА:**

Ятимов С.С., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Меликзода М.Э., Муҳаммад А.Н., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, Музаффарӣ М., узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор, Маҳмадҷонова М.Т., доктори илмҳои фалсафа, профессор, Қудратов Н.А., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

**АЪЗОИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

Сафарализода Х.Қ., доктори илмҳои сиёсӣ, Шарифзода И.З., Назаров У.Қ., Ғуломова Ф.А., номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент, Салимов Б.А., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

**Муҳаррирони матнҳо бо забонҳои русӣ ва англисӣ:**
Малтсева Г.Ю., Худойназарова З.Ч.
**Муҳаррири техникӣ:** Камолов С.А.

**© Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2025**

** Назари ҳайати таҳририя метавонад ба ақидаи муаллифон мувофиқ набошад. Барои мазмуни мақолаҳо ва маълумоти пешниҳодшуда муаллифон масъул мебошанд. Ҳангоми пурра ё қисман чоп намудан, истифода бурдан, истинод ба сарчашма ҳатмист.*

***Журнал основан в 2018 году***
***Подписной индекс в каталоге «Почтаи точик» – 77798***

*Научно-теоретический журнал «Наука и безопасность» основан в 2018 году. Выпускается четыре номера в течение года на таджикском, русском и английском языках.*

*Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан под номером 253/МЖ-97 от 21 июня 2022 года.*

*Издание включено в Перечень ведущих рецензируемых научных журналов и изданий, в которых публикуются научные результаты диссертаций на соискание ученой степени доктора и кандидата наук, согласно приказу ВАК при Президенте Республики Таджикистан №136/м от 2 июня 2023 года.*

*Журнал включён в «Российский индекс научного цитирования» (РИНЦ) на сайте электронной библиотеки: http://elibrary.ru*

***Юридический адрес редакции:*** *734018, Республики Таджикистан, город Душанбе, улица Н.Карабаева, 54/2, Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан.*
***Тел:*** *+(992 37) 233-55-19*
***E-mail:*** *maktabi_oli24@mail.ru*
***Сайт журнала**: https://ilm-va-amniyat.tj*

**Заместитель главного редактора:** Абдуллоев А.А.
**Ответственный секретарь:** Курбонов А.С.

**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ:**

Ятимов С.С., член-корреспондент НАНТ, доктор политических наук, профессор, Меликзода М.Э., Мухаммад А.Н., член-корреспондент НАНТ, доктор политических наук, профессор, Музаффари М., член-корреспондент НАНТ, доктор философских наук, профессор, Махмаджонова М.Т., доктор философских наук, профессор, Кудратов Н.А., доктор юридических наук, профессор

**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:**

Сафарализода Х.К., доктор политических наук, Шарифзода И.З., Назаров У.К., Гуломова Ф.А., кандидат политических наук, доцент, Салимов Б.А., кандидат юридических наук

**Редакторы текстов на русском и английском языках:**
Мальцева Г.Ю., Худойназарова З.Ч.
**Технический редактор:** Камолов С.А.

**© Высшая школа ГКНБ Республики Таджикистан, 2025**

** Взгляды редакционной коллегии могут не совпадать с мнением авторов, которые несут ответственность за содержание статей и представленных сведений. В случае полной или частичной перепечатки и использования, ссылка на источник обязательна.*

*The journal was founded in 2018*
*Subscription index in the Postal Tajik catalog – 77798*

*The scientific and theoretical journal «Science and Security» was founded in 2018 and publishes four issues per year in Tajik, Russian, and English languages.*

*The journal is registered with the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan under number 253/МЖ-97 dated June 21, 2022.*

*The journal is included in the list of leading peer-reviewed scientific journals and publications in which the main scientific results of dissertations for the degrees of Doctor and Candidate of Sciences must be published, according to order HAC under the President of the Republic of Tajikistan No. 136/m dated June 2, 2023*

*The Journal is included in the database of «Russian Science Citation Index» (RISC), placed on the platform of the National Digital Library. http: //elibrary.ru*

***Legal address of the editorial office:****734018, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, N. Qaraboev street, 54/2 High school of the SCNS of the Republic of Tajikistan*
***Phone***: +(992 37) 233-55-19
**E-mail:** maktabi_oli24@mail.ru
**Journal website:** https://ilm-va-amniyat.tj

**Deputy Chief Editor:** Abdulloev A.A.
**Responsible secretary**: Qurbonov A.S.

**EDITORIAL COUNCIL:**

Yatimov S.S., corresponding member of NAST, doctor of political sciences, professor, Melikzoda M.E., Muhammad A.N., corresponding member of NAST, doctor of political sciences, professor, Muzaffari M., corresponding member of NAST, doctor of philosophy sciences, professor, Mahmadjonova M.T., doctor of philosophy sciences, professor, Qudratov N.A., doctor of legal sciences, professor

**EDITORIAL BOARD:**

Safaralizoda H.K., doctor of political sciences, Sharifzoda I.Z., Nazarov U.K., Gulomova F.A., candidate of political sciences, assistant professor, Salimov B.A., candidate of legal sciences

**Editors of texts in Russian and English:** Maltseva G.Yu., Khudoynazarova Z.Ch.
**Technical editor:** Kamolov S.A.

**© High school of SCNS of the Republic of Tajikistan, 2025**
** The opinion of editorial board cannot be suitable to the persuasion of authors. Authors are responsible for the contents of articles and proposed information. During full or partly publishing, using, reference on the source is necessary.*

## МУНДАРИҶА

### ИЛМҲОИ СИЁСӢ


1. **ЯТИМОВ С.С.** САДРИДДИН АЙНӢ ВА ИНҚИЛОБИ МАДАНӢ..........................8
2. **БОЕВ З.У.** ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ – ТАҲДИД БА АМНИЯТ ВА СУБОТИ ҶОМЕА: ТАҲЛИЛИ ОМИЛҲОИ ЗУҲУРОТ ВА РОҲУ ВАСИЛАҲОИ ПЕШГИРИИ ОН..........20
3. **РАҲИМОВ Ш.К.** ШАКЛҲОИ ЗОҲИРШАВИИ ИФРОТТГАРОӢ ДАР РАВАНДИ ҶАНГИ ТАҲМИЛИИ ШАҲРВАНДИИ ТОҶИКИСТОН ................26
4. **СУЛАЙМОНОВ У.М.** ҲОЛАТ ВА ДУРНАМОИ ҶАЛБИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ БА САФИ ТАШКИЛОТҲОИ ТЕРРОРИСТӢ ДАР ШАРОИТИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ..........31
5. **АСЛАМЗОДА Н.** «КИБЕРАРТИШ»: АЗ МУДОФИАИ АНЪАНАВӢ ТО УСТУВОРИИ КИБЕРӢ-ТАҲАВВУЛОТИ СТРАТЕГИЯҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ.......36


### ИЛМҲОИ ФАЛСАФӢ


6. **МУЗАФФАРӢ М.** ҶОЙГОҲИ АХЛОҚ ВА ХАРАКТЕРИ МИЛЛӢ ДАР ТАЪИНИ САРНАВИШТИ МИЛЛАТ..........49
7. **АМИНОВ Ф.А., НАВРӮЗОВ И.С.** ТАНҚИДИ НАЗАРИЯИ БИОХИМИЯВИИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ИҶТИМОИИ ИНСОН..........56
8. **НОСИРОВ Ш.М.** ТАШАККУЛИ НАЗАРИИ ҒОЯИ ИФТИХОРИ МИЛЛӢ ДАР ФАРҲАНГУ АДАБИЁТИ ТОҶИК..........62
9. **РАҲИМОВ Р.М**. БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА ФАЛСАФАИ ХУДШИНОСӢ..........68
10. **МУҲАММАДИЕВА С.М.** АЗ ТАЪРИХИ ХИСЛАТШИНОСӢ ДАР ФАЛСАФАИ ВЕДОӢ..........73


### ИЛМҲОИ ҲУҚУҚӢ


11. **ҚУДРАТОВ Н.А** ЭКСТРЕМИЗМИ РАҚАМӢ: ТАҲДИД БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ ВА РОҲҲОИ МУҚОВИМАТ БА ОН..........81
12. **АБДАЛИЕВ А.А.** АСОСҲОИ ТАКТИКАИ ИСТИФОДАБАРИИ ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКӢ-КРИМИНАЛИСТӢ ДАР ОШКОР ВА ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО............91
13. **КАРИМЗОДА А.А.** ТАҲҚИҚОТИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ДУЗДӢ..........96
14. **ҲОШИМЗОДА Д.Д., САТТОРОВ А.Ҳ.** ҶАВОБГАРИИ СУБЪЕКТҲОИ ШАРТНОМАИ ХИЗМАТРАСОНИИ РИЭЛТОРӢ ДАР БОЗОРИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ..........102

## СОДЕРЖАНИЕ

### ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ


1. **ЯТИМОВ С.С.. САДРИДДИН АЙНИ И КУЛЬТУРНАЯ РЕВОЛЮЦИЯ**.................8
2. **БОЕВ З.У.** ТЕРРОРИЗМ И ЭКСТРЕМИЗМ – УГРОЗА БЕЗОПАСНОСТИ И СТАБИЛЬНОСТИ ОБЩЕСТВА: АНАЛИЗ ДАННОГО ЯВЛЕНИЯ, ПУТИ И МЕТОДЫ ИХ ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ.....................................................................20
3. **РАХИМОВ Ш.К**. ФОРМЫ ПРОЯВЛЕНИЯ ЭКСТРЕМИЗМА В ПРОЦЕССЕ НАВЯЗАННОЙ ГРАЖДАНСКОЙ ВОЙНЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ………………..26
4. **СУЛАЙМОНОВ У.М** ПОЛОЖЕНИЕ И ДИНАМИКА РАЗВИТИЯ ПРИВЛЕЧЕНИЯ В РЯДЫ МЕЖДУНАРОДНЫХ ЭКСТРЕМИСТСКИХ И ТЕРРОРИСТИЧЕСКИХ ОРГАНИЗАЦИЙ СО СТОРОНЫ ТАДЖИКСКИХ ТРУДОВЫХ МИГРАНТОВ В УСЛОВИЯХ РОССИСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ……………………………………………..31
5. **АСЛАМЗОДА Н.** «КИБЕРАРМИЯ»: ОТ ТРАДИЦИОННОЙ ОБОРОНЫ К КИБЕРУСТОЙЧИВОСТИ — ЭВОЛЮЦИЯ ГЕОПОЛИТИЧЕСКИХ СТРАТЕГИЙ..36


### ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ


6. **МУЗАФФАРИ М.** МЕСТО НРАВСТВЕННОСТИ И НАЦИОНАЛЬНОГО ХАРАКТЕРА В СУДЬБЕ НАЦИИ……………………………………………………49
7. **АМИНОВ Ф.А., НАВРӮЗОВ И.С.** КРИТИКА БИОХИМИЧЕСКОЙ ТЕОРИИ СОЦИАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ ЧЕЛОВЕКА..................................................56
8. **НОСИРОВ Ш.М.** ФОРМИРОВАНИЕ ИДЕОЛОГИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ГОРДОСТИ В КУЛЬТУРЕ И ЛИТЕРАТУРЕ ТАДЖИКОВ………………………....62
9. **РАХИМОВ Р.М.** НЕКОТОРЫЕ РАЗМЫШЛЕНИЯ О ФИЛОСОФИИ САМОПОЗНАНИЯ.........................................................................................68
10. **МУХАММАДИЕВА С.М.** ИЗ ИСТОРИИ ХАРАКТЕРОЛОГИИ В ВЕДИЙСКОЙ ФИЛОСОФИИ...............................................................................................73


### ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ


11. **КУДРАТОВ Н.А.** ЦИФРОВОЙ ЭКСТРЕМИЗМ: УГРОЗА НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И СПОСОБЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ЕМУ............................81
12. **АБДАЛИЕВ А.А.** ОСНОВЫ ТАКТИКИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ТЕХНИКО-КРИМИНАЛИСТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ В РАСКРЫТИИ И РАССЛЕДОВАНИИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ...................................................................................................91
13. **КАРИМЗОДА А.А.** УГОЛОВНО-ПРАВОВЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ПОНЯТИЯ И ОСОБЕННОСТЕЙ КРАЖИ…………………………………………………….96
14. **ХОШИМЗОДА Д. Д., САТТОРОВ А. Х.** ОТВЕТСТВЕННОСТЬ СУБЪЕКТОВ ДОГОВОРА РИЭЛТОРСКОГО ОБСЛУЖИВАНИЯ НА РЫНКЕ НЕДВИЖИМОСТИ……………………………………………………………102

# CONTENT

## POLITICAL SCIENCES

1. **YATIMOV S.S.** SADARIDDIN AYNI AND CULTURE REVOLUTION…………….8

2. **BOEV Z.U.** TERRORISM AND EXTREMISM - A THREAT TO THE SECURITY AND STABILITY OF SOCIETY: ANALYSING OF THE FACTORS OF THE PHENOMENON AND WAYS OF PREVENTING IT...............................................20

3. **RAHIMOV S.K.** FORMS OF MANIFESTATION OF EXTREMISM IN THE PROCESS OF IMPOSED CIVIL WAR IN TAJIKISTAN………………………………26

4. **SULAYMONOV U.M** THE CAUSES AND FACTORS OF ATTRACTING TAJIK MIGRANTS IN THE RUSSIAN FEDERATION TO THE INTERNATIONAL EXTREMIST AND TERRORIST ORGANIZATIONS…………………………………....31

5. **ASLAMZODA N.** "CYBER ARMY": FROM TRADITIONAL DEFENSE TO CYBER RESILIENCE - THE EVOLUTION OF GEOPOLITICAL STRATEGIES..................36

## PHILOSOPHY SCIENCES

6. **MUZAFFARI M.** THE PLACE OF MORALITY AND NATIONAL CHARACTER IN THE DESTINY OF THE NATION..........................................................................49

7. **AMINOV F.A., NAVRUZOV I.S.** CRITIQUE OF THE BIOCHEMICAL THEORY OF HUMAN SOCIAL ABILITIES……………………………………………………………..56

8. **NOSIROV SH.M.** FORMATION OF THE IDEOLOGY OF NATIONAL PRIDE IN THE CULTURE AND LITERATURE OF THE TAJIK PEOPLE……………………62

9. **RAHIMOV R.M.** SOME THOUGHTS ON THE PHILOSOPHY OF SELF-KNOWLEDGE...............................................................................................................68

10. **MUHAMMADIEVA S.M.** FROM THE HISTORY OF CHARACTEROLOGY IN VEDIC PHILOSOPHY..................................................................................................73

## LEGAL SCIENCES

11. **KUDRATOV N.A.** DIGITAL EXTREMISM: A THREAT TO NATIONAL SECURITY AND WAYS TO COUNTER IT...............................................................81

12. **ABDALIEV A.A.** FUNDAMENTALS OF TACTICS FOR USING TECHNICAL AND FORENSIC TOOLS IN SOLVING AND INVESTIGATING CRIMES……....91

13. **KARIMZODA A.A.** CRIMINAL AND LEGAL LNVESTIGATION THE CONCEPTS AND FEATURES OF STEALING………………………………………………........96

14. **HOSHIMZODA D.D., SATTOROV A.KH.** LIABILITY OF THE PARTIES TO REALTOR SERVICE CONTRACTS IN THE REAL ESTATE MARKET...............102

## ИЛМҲОИ СИЁСӢ – ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ – POLITICAL SCIENCES

# САДРИДДИН АЙНӢ ВА ИНҚИЛОБИ МАДАНӢ

**ЯТИМОВ С.С.**

*Доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур андешаҳо перомуни қаҳрамони Тоҷикистон ва яке аз поягузорони илму адаби Тоҷикистони муосир устод Садриддин Айнӣ ифода гардида, дар он нуқтаи назари дигар мутафаккирон доир ба олам нақши шахсият дар мутттаҳидсозии ҷомеа инъикос меёбанд. Ҳамзамон, бо назардошти қонуниятҳои диалектикӣ ва мантиқӣ ба гузориши масъала таваҷҷуҳ гардида, мушкилоти таълиму тарбия ва зеҳнияти ҷавонону наврасон, инчунин хатарҳои таассубгароию ифротишавӣ ба онҳо мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.*

*Нақши С. Айнӣ ба сифати шахсияти барҷастаи таърихӣ таҷассум ёфта, воқеиятнигорӣ, назар намудан ба умқи масъала, маорифпарварӣ ва донишмандии ӯ ибрати зиёиёни замони имрӯз ба ҳисоб меравад. Махсусан, нақши намояндагони илм ва маориф, дар ташаккул додани шуури миллӣ ва таҳкими устувории ҷомеа, ки хатарҳои зиёди дохилию хориҷиро дар бар дорад, барҷаста мебошад. Маҳз тавассути таҳкими ҳуввияти миллӣ азхуд намудани донишҳои мантиқию исботшуда, пеши роҳи ҷаҳолатро гирифта метавон.*

**Калидвожаҳо:** *Садриддин Айнӣ, илм, адаб, хирад, дониш, мантиқ, ҷаҳонбинӣ, ҳуввияти миллӣ, зиёӣ, давлатдорӣ, манфиатҳои миллӣ.*

# САДРИДДИН АЙНИ И КУЛЬТУРНАЯ РЕВОЛЮЦИЯ

*Доктор политических наук, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана*

*В данной статье автор выражает мысли о герое Таджикистана Садриддина Айни как одного из основоположников современной таджикской литературы, а также отражены взляды других мыслителей на мир, роль личности в объеденинении общества. При этом учитывая диалектические и логические закономерности, в докладе основное внимание уделяется проблеме образования и воспитания молодежи, интеллекта, а также опасности фанатизма и радикализации.*

*Роль С. Айни отражена как выдающаяся историческая личность, его реализм, проницательность в сущность проблемы, просветительство и эрудиция считаются примером современной интеллигенции.*

*В частности, значимой является роль представителей науки и просвещения в формировании национального сознания и укреплении стабильности общества, которое находится перед лицом внутренних и внешных угроз. Именно посредством укрепления национального самосознания, усвоения логических и научно-обоснованных знаний можно предотвратить невежество в обществе.*

**Ключевые слова:** *Садриддин Айни, наука, образованность, мудрость, знание, логика, мировоззрение, национальное самосознание, интеллигенция, государственность, национальные интересы.*

# SADRIDDIN AYNI AND CULTURE REVOLUTION

**YATIMOV S.S.**

*Doctor of political science, corresponding member of National Academy of science of Tajikistan*

*The article expresses the ideas conserning tajik hero and one of the founder of science and literature of modern Tajikistan Sadriddin Ayni, the point of view of other thinkers ruated to the universe, the role of personality in unifaction of society are releeted in it. At the same time taking intu consieation of dialectical and logical natural law paying attention to the report of issue, the*

*difficulties of education and upbninging and the intellect of youth and tanagers, also fanaticism and extremism to them are considered.*

*The role of S. Ayni personified as prominent historical personality, the reality, to examine the battom of issue, his veneightenment and wisdom is the example of the intellectuals of present time . Especially, the role of science and education representatives, in forming national conscience and strengthening the stableness of society that include a lot of internal and external threats is promineht. Must by the help of strengthening natijnal inkiduality, study logical and confirmed knowledgs can stop the ignorance.*

**Keywords**: *Sadriddin Ayni, science, literature, intellect, knowledge, logic, ideology, national individuality, intellectual, rule of state, national lntersts.*

Муҳимтарин масъалае, ки устод Садриддин Айнӣ ҳаёти худро ба ҳаллу фасли он сарф намудааст, тарғиби зарурати донишандӯзӣ, маърифаткунонии саросарӣ, ташвиқи оммаи мардум барои расидан ба истиқлоли руҳиву равонӣ ҷиҳати ноил гаштан ба пирӯзии инқилоби маданӣ, таъсис, рушд ва пойдории давлати миллии тоҷикон буд.

Мутаассифона, дар шароити кунунӣ, агар бо такя ба принсипи таърихии дарки воқияти ҳастӣ муҳокимаронӣ кунем, раванди ташаккули мафкураи қисме аз насли ҷавон самти диалектикии ***инкори баръакс*** – буҳрони хавфноктар аз замони Айниро касб кардааст.

Ҷаҳонбинӣ ва идеологияи хурофотӣ сабаб гашт, созмонҳои экстремистиву террористӣ давра ба давра шакл бигиранд. Ҳалқаҳои махфии он тамоюл ва имконоти барои давлати миллӣ хатарзои афзояндаро аз худ нишон диҳанд.

**Ин ҷараёнҳои махлут бо ифротгароӣ дар ягон давр чунин вусъати паҳншавӣ надоштанд, агар даҳшати замони ҷанги шаҳрвандиро истисно кунем.**

Омилҳои аслии фоҷиа аз камбуди тарбия дар шароити оила (1), нотавонии мактаб (2), заифии муҳити маънавӣ (3) ва инфрасохтори ташаккули ҳисси ватандории баробарвазн ба ҷаҳонбинии таассубгароёна (4), адами масунияти *(**иммунитети**)* ақидавӣ дар муқобили таҳрики ғояҳои зиддимиллӣ (5) сарчашма мегиранд.

Маълум аст, ***ҷаҳонбинӣ маҷмуи систематикунонидашудаи муҳтавои руҳи инсон – ангезандаи вокуниши амалии ӯ нисбат ба муҳити атроф аст. Маҳз ҳамин ҷавҳар воқеиятро ба тарзи идеалӣ дар худ инъикос мекунад. Баҳогузорӣ, ҳамзамон нақшаи тағйири онро тарҳрезӣ менамояд. Тимсоли*** *(образи)* ***вазъ ва намунаиояндаи чунин дигаргуниро дар ақли худ ҷой медиҳад. “Мебинад”. Роҳу восита ва усули бамақсадрасиро интихоб мекунад.***

Бидуни шак, тафсири мазкур ифодаи классикии таърифи шинохти табиат, ҷамъият ва тафаккур аст. ***Муҳим ба назар мерасад, ки ҳангоми арзёбии инкишофи ҷаҳонбинии узви ҷомеа, дар маҷмуъ, шуури ҷамъиятӣ, формулаи ёдшуда мадди назар гирифта шавад.*** Махсусан, вақте сухан дар бораи ҷараёни ифротишавии ҷомеа, оқибатҳои на чандон дур ва агар пешгирӣ нашавад, фоҷиабори он равад.

Адабиёт муҳимтарин воситаи ташаккули руҳ, ҷаҳонбинии воқеӣ – муассиртарин василаи сохтани давлати миллӣ аст. Агар ин амал ***бо дарки интихоби мавзуи рӯз,*** ҳамчун ниёзи иҷтимоӣ – таърихӣ, мақсаднок, устодона, нишонрас, ***ба умеди ноил гардидан ба натиҷаи меҳнати нависанда тарҳрезӣ ва анҷом шавад.*** Чуноне ки мо онро дар эҷодиёти устод Садриддин Айнӣ мебинем.

Мавзуи баҳси мо, тавассути хотиррасон кардани заҳматҳои эҷодии ин нобиғаи илм ва каломи бадеӣ, ***кӯшиши наздик кардани адибон ва адабиёти муосир ба дарки ҳолати буҳронии руҳиву равонӣ ва воқеияти вазъи маънавии қисме аз аъзои ҷомеаи имрӯза мебошад***. Зеро муътақид ҳастем: ***“Суханҳо ҳеҷ арзише надоранд, агар идеяҳоро ифода намуда, бо далелҳо зарурат ва ҳақиқати онҳо исбот нагарданд”*** [5,107].

**Зарурати иҷтимоии айнишиносӣ**

Аз давраи ба истиқлоли давлатӣ расидани миллати тоҷик чанд даҳсола сипарӣ гашт.

Таърихи навтарин бори дигар исбот кард, халқ замоне соҳибдавлат мегардад, ки зарурати ногузир ва бебозгашти аз кашмакашҳои дохилии ҷомеа раҳо шудани хешро ба куллӣ эҳсос намояд (1), руҳ, маънавиёт ва соҳибиродагии сиёсӣ нишон диҳад (2), шароити таърихӣ ба он созгорояд (3) ва сарвари қудратманди дорои сифатҳои фавқулода дошта бошад, ки таъсис, ташкил ва раҳбарии давлатро ба уҳда бигирад (4), дар фаъолияти сиёсӣ нақша ва ормонҳои тамаддунии миллатро собитқадамона амалӣ созад (5).

Ба бахти таърихии халқи тоҷик дар вазъи фоҷиабор, ки Тоҷикистон ***на ҳамчун мафҳуми ҳуқуқии давлат***, балки дар доираи ***истилоҳи ҷуғрофиёии мамлакат*** ҳанӯз ҳам арзи ҳастӣ менамуд, Пешво, саробон ва роҳнамои худро пайдо кард.

Ӯ тавонист шароит, захираҳои маънавӣ ва моддии мардуми хешро ба хотири барқарории давлат, таъмини сулҳу субот, рушду тараққии он хирадмандона сафарбар кунад. Давлати мустақили барои таъмини ниёзҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маданӣ комгор ва дар муносиботи байналхалқӣ соҳибихтиёр барпо намояд. Ба тарзи дигар, бунёди муассисаи ҷавобгӯ ба манфиатҳои миллиро, бо назардошти шароити рақобатҳои пешгӯинашавандаи геополитикӣ, асос гузорад ва устувор созад.

Дуруст аст, ***"ёдоварии давлат набояд чизи дигаре бошад, ғайр аз рӯйдодҳои муассир. Давлат муҳокимаронӣ намекунад. Ҳарф намезанад. Аз худ фаъолияти натиҷаманд нишон медиҳад"*** [4, 7]. Ин аст табиати таъйиноти принсипалӣ ва императивии давлат.

Аммо яке аз классикони фалсафаи эмпиризм меомӯзад: ***"Инъикоси табиатро дар тафаккури инсон бояд на ба тарзи "шахшудамонда", на ба тарзи "номуайян", на бидуни ҳаракат, на бидуни зиддият, балки дар шакли абадии ҳаракат, рух додани зиддиятҳо ва ҳаллу фасли онҳо фаҳмидан лозим аст"*** [8, 49].

Собиқ давлати пуриқтидори дар шашяки рӯйи замин истиқрор, ин ***қонунмандии диалектикиро сарфи назар кард. Шикаст хӯрд.*** Аз харитаи сиёсии олам нопадид гашт.

Дар алоқамандӣ бо чунин воқеият, дар шароити кунунӣ масъалаи ***ҳифз ва афзун гардонидани дастовардҳои муҳимми замони Истиқлол*** аз мавзуъҳои марказии давлатдорӣ ба ҳисоб меравад.

Аммо дарки ҳақиқати воқеӣ ва тибқи он ноил гаштан ба пешрафт ва муваффақият, дар раҳи рост муяссар намегардад. Тибқи ифодаи мантиқии Аристотел дар асари машҳураш "Сиёсат", ***давлат мебояд раванди ташаккули мафкураи сиёсии аҳли ҷомеаро мадди назар бигирад. Ба он таъсиргузор бошад.***

Дар ин маврид, **формулаи ҳолати муайянкунандагӣ доштани ҳастӣ нисбат ба руҳ ва ҷаҳонбинӣ, зуҳуротеро касб кардааст, ки мутаассифона, дараҷаи донишу хиради қисме аз аъзои ҷомеаи мамлакатҳои мусулмоннишин ба фаҳми муҳтавои найрангҳои геополитикӣ намерасад. Ба осонӣ, дар кӯтоҳмуддат онҳоро раҳгумзада мекунонад.** Аз манзалати истифодабаранда ва ҳимоякунандаи манфиатҳои миллӣ, ***"дареғу дард, ки ғофил зи кори хештан"*** *(Ҳофиз),* ***ба унсури истифода ва роҳбаришаванда ҳамчун усулу восита*** мубаддал мегардад.

Ба ин мантиқ, сухани Уинстон Черчил шоистаи ёдоварист. Ӯ дар оғози ***Ҷанги дуюми ҷаҳон,*** дар хусуси нафари ташаббускори он, бо таассуфу нафрат, изҳор дошта буд: ***"Бубинед, як ефрейтор тамоми дунёро ба даҳшат овард"***.

Сухан сари муаммоест, ки ҳамагӣ чанд ашхоси ҷаҳолатпешаи аз ***мантиқи миллат ва манфиатҳои миллӣ, давлат ва давлтадорӣ*** ноогоҳ, бар болои **"ҷумҳурии мардумаш саросар босавод",** чунон мушкил эҷод карданд, ки ҳазорон назариётчӣ, олим, мутафаккир ва сиёсатмадору давлатдор дар посухгӯйӣ ба он суолот лол монданд.

Сабаби ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон низ, аз ҳамин ҳақиқат иборат буд.

Боиси таассуф аст: ***"Таърих ба инсон меомӯзад, ки инсон аз таърих чизеро намеомӯзад"*** [9, 55].

***Акнун ҳамарӯза шоҳиди он муаммое ҳастем, ки ҷаҳолат, таассуб, торикӣ, бефарҳангӣ, нодонӣ, чорагарӣ, бедонишиву носипосӣ, осоиш аз омӯхтан, илмситезӣ ва***

***натиҷаи он оҳарманӣ – ҳанӯз ҳам дар ҳазор шакли хурофот дар муқобили сохти давлтадорӣ, донишситоӣ, ақлгароӣ, нексиголӣ, додгарӣ, ватанпарварӣ, хидматгузорӣ ба халқу миллат, рисолатшиносӣ, ҳушмандӣ, балоғатсолорӣ, номусгароии аҳли Аҷам муборизаи ошкору пинҳон мебаранд***. Дар олами ғаразпарвар растагор меҷӯянд. Пуштибон меёбанд. Гоҳе муваффақ ва дастболо мешаванд

Тули асрҳо мушкили аслӣ ва фоҷиабори миллати тоҷик ҳамин буд ва ҳаст.

Ба ҳамаи ин суолҳо дар осори ҷовидонаи Садриддин Айнӣ посух ёфтан мумкин аст. Онҳо дастур ва роҳнамои маорифи халқ мебошанд, на танҳо барои Вазорати маориф.

**Садриддин Айнӣ – сарчашмаи маънавии таъсис ва таҳкими сохти давлатдорӣ**

Масъалаи ***муҳтаво, руҳ, мантиқ, мундариҷа*** ва ***маънавиёти миллӣ*** истилоҳоти мураккаб ҳастанд. Агар мо онҳоро ҳамчун ***мафҳум***, ***категория*** **ё** ***дефинитсия*** истифода карданӣ бошем. Агар мо бо ин ***"силоҳ"*** вориди баҳс шуданӣ бошем.

Дар яке аз мусоҳибаҳои охирин, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муҳаққиди барҷаста Соҳиб Табаров коромад, сифат, мундариҷаи адабиёти пешин ва муосирро бо ҳам муқоиса карда, аз ҷумла, мегӯяд:

***"...бо вуҷуди ин мани 23-соларо соли 1947 ба аъзогии Иттифоқи нависандагон пазируфтанд. Он вақт иттифоқ 33 аъзо дошт. Ҳоло 400-500. Он вақт ҳар сол, аққалан, 10-15 асари нағз ба дасти хонанда мерасид. Аммо имрӯз дар 10-15 сол як асари хуб ҳам ба майдон намеояд. Имрӯз ҳама узви Иттифоқ...***

***Канӣ шумо ду се адиби замони Истиқлолро ба ман гӯед, ё китобашро ба ман оред... ман кӯру кар. Асарашро баланд – баланд хонед. Ман фаҳмам. Ана баъд мебинем. Наметавонед! Зеро нест!"*** [10].

Ба гуфти В.Г. Белинский, асар ҳамон аст, ки хонанда онро на кам аз ду бор, батакрор, бо иштиёқ хонад. Ва ба дигарон бо завқи баланд қисса намояд.

Дар муддати сад соли мавҷудияти Тоҷикистон ҳамчун истилоҳи сиёсӣ, ***муҳтаво ва ҷараёни ташаккулёбии шуури миллӣ*** аз мавзуъҳои маркази қаламбадастони ватанпараст маҳсуб мегардид.

Сарфи назар аз камбудиҳо, адабиёти бадеӣ, матбуот, васоити ахбори умум, дар маҷмуъ, дар ин ҷараёни масъулиятноки таърихӣ нақши мусбат доштанд.

Албатта, иҷрои муваффақонаи ин вазифа кори саҳл нест.

Қудрати нависанда, тавоноии ӯ дар истеъдод (1), донишу хирад ва фазилати (2) ӯст. Асоснокии ин фарзияро академик будани нависандагони бузург Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Чингиз Айтматов ва баъзе аз қаламкашони сатҳи ҷаҳонӣ тасдиқ мекунад.

Адабиёт илм аст. Нависандаи ҳақиқӣ олим. Ӯ медонад, ки адабиёт ҳам шакли фаъолияти пурмуҳтавои ҷомеаи инсонист. Мақсад аз он омӯхтан, тадқиқи оламу одам, тафаккур, равандҳои ҷомеа, ҷараёнҳои табиат ва қонунмандиҳои тараққиёти онҳост. ***Баръакс, ба адабиёти воқеънигорӣ ҳеҷ зарурат намемонд, агар байни зуҳурот ва моҳияти раванди ҳастии ҷамъиятӣ номуайянӣ, нофаҳмӣ, мавҳум ва тазод вуҷуд намедошт.***

Шарт нест, ки адиб аз доираи салоҳияти худ берун ва ба илм машғул шавад. Не. Аммо ӯ бояд донишманд, то дараҷае энсиклопедист бошад. Дар ин маврид, дониш ба сифати ***тасаввуроти илмӣ*** мадди назар аст. Агар хоҳад, ки асари хотирмон ва барои ҷомеа судманд эҷод намояд, то ***"аз боду борон, наёбад газанд"***.

Бартарии Садриддин Айнӣ дар кори эҷодӣ, дар замири як шахс ***тавъам омадани хотироти таърихӣ, истеъдоди камназири нависандагӣ бо донишманди бузурги илмҳои таърих, мардумшиносӣ, забоншиносӣ, адабиётшиносӣ ва руҳшиносист.*** Баркамолӣ ва безаволии асарҳои бадеии ӯро низ сабаб ҳамин аст. Ин хосиятро дар ҳар шакл нависандагони машҳури олам, аз ҷумла, **Уилям Шекспир (1564 -1616), Иоган Волфанг Гёте (1749 – 1832), Оноре де Балзак (1799 – 1850), Лев Толстой (1828 -1910), Робендранат Такур (1861 - 1941)** нишон дода буданд.

Бидуни шак, Садриддин Айнӣ аз ҷумлаи онҳост. Ҳамзамон, ***афзалияти ин абармард нисбат ба дигарон дар матонат, ҷасорат, аз худ гузаштанҳо, мубориз будан ва руҳияи инқилобӣ*** доштани ӯст.

Садриддин Айнӣ медонист, ки натиҷаи муборизаи ҳазорсолаи миллати тоҷик ба муқобили нимғуломдорӣ тавассути Инқилоби Бухоро, мисли ҳадяи таърих ба орзуву омол ва фаъолияти ҷоннисоронаи халқи ӯ амалӣ гардид. Мутафаккир, ҳамчун фарзанди намаксипос, ки аз хислатҳои ҳамидаи халқи бузургаш аст, ин инқилобро бо ташбеҳи ***"машъали рахшони адолат" ва "мурғи ҳумо"*** васф кард. Ҷавонмардона, бе дудилагӣ дар оламӣ ақибмондаи хатарнок, пешгӯинашавандаи сиёсӣ ва иҷтимоии асримиёнагии Шарқ, худро шогирди чилсолаи Инқилоб эълон намуд. Инқилобе, ки асли онро дунявият ташкил мекард.

Худи Айнӣ, вобаста ба замон ва муҳити ба камол расиданаш, имкони даст ёфтан ба адабиёти илмӣ, ки ***инқилоби иҷтимоиро ҳамчун дигаргун кардан, барҳам задан, шикаст додани форматсияи иҷтимоӣ-иқтисодии куҳна, ба минбар нишондани низоми пешбар, мутараққӣ ва инсонмеҳвар тафсир мекард,*** надошт. Дар шароити Бухорои асримиёнагӣ чунин табақаи иҷтимоӣ, назарияи илмӣ ва шуури инқилобӣ аз худ дарак ҳам намедод.

Дар чунин ҳолат, Айнӣ ҳама гуна дигаргуниҳои иҷтимоиро дар натиҷаи амалҳои фаъол ва таъсирбахши маорифпарварона – инқилоби маданӣ тасаввур мекард ва медид.

Аз лиҳози дигар, агар Айнӣ Аҳмад – махдуми Донишро "доҳии модарзод" номида бошад, худи ӯ низ аз ҷумлаи нобиғагони банӣ башар буд, ки қобилияти ирсӣ, табиӣ ва фавқулодаи дарки воқеияти ҳастиро дошт. Бидуни инқилоб ҳам, то дами марг рисолати худро мисли Гомер, Шекспир, Гёте, Байрон, Мартин Лютер ва дигар қаҳрамонони миллатсоз иҷро мекард. Як шахсияти одӣ набуд.

Дар шароити хатари марговар ба ӯ ва ҷигарбандонаш, ду сол қабл аз Инқилоби Бухоро, ҳанӯз соли 1918, бидуни такягоҳу пуштибон сохти амириро рӯирост чун ***"хонаи бедоду ситам", "маҳкамаи ҷабр" маҳкум, "он қозиву муфтиву он шоҳу вазир"-ро орзуи сарнагун кардан дошт***. Ҳамчун инқилобчӣ мардонавор қад барафрохт. То охири умр ба муқобили ***ҷаҳонбинӣ, руҳу маънавиёти миллаткуш ва урфу одати боқимондаи замони куҳан*** мубориза бурд.

Бидуни шак, ***"Ҳар як инсон таърих дорад. Шахсро дар ин таърих лаҳзаҳои хатарнок ҳамраҳӣ мекунанд: дар бораи одам бошад, фақат ҳамон вақт бехато муҳокимаронӣ кардан мумкин аст, ки ӯ дар он асно чӣ тавр фаъолият кард, чӣ гуна рафтор нишон дод, вақте ки дар ду паллаи тарозу ҳаёту мамот, шаъну шараф ва хушбахтии ӯ меистоданд.***

***Чӣ қадар инсон баландмоя бошад, ҳамон қадар таърихи вай пуршукӯҳтар, лаҳзаҳои хатаровар барояш даҳшатбортаранд. Ҳамзамон, берун гаштан аз чунин ҳолати фалокатбор барои ӯ ҳамон қадар тантанавор ва ба дараҷаи баланд муассир ҳастанд. Ҳаёти чунин шахс ба ҳаёти халқаш тавъам меафтад"*** [3,138 – 139].

*Садриддин Айнӣ фақат баъди инқилоб ҳамсони худро дар шахсияти Абулқосим Лоҳутӣ пайдо кард. Аз рӯйи дарку қобилият ва ҷавонмардиву матонат, сарсупурдагиву садоқат, дӯсти дар парешонҳоливу дармондагии худро дарёфт.*

*Руҳи инқилобии Лоҳутӣ ҳам ба Айнӣ бетаъсир намонд.*

Садриддин Айнӣ, ба ғайр ***аз ҷаҳонбинии динӣ – схоластикӣ,*** боз ба вуҷуд доштани назарияи дигар – ***нақши инсони донишманд дар дигаргунсозии ҳаёти ҷомеа ниёз дошт. Ва аз адабиёти дастрас ба ҳамин суолҳои худ посух меҷуст.***

Албатта, баъдан ин дастоварди маънавӣ дар суханони Садриддин Айнӣ иброз гаштааст.

Аммо раванд ва воқеияти ташаккули шахсияти худи мутафаккирро ҳам бояд ба инобат гирифт. Ҳамчун ҷавонмарди ташнаи дониш, то замони шиносоӣ бо эҷодиёти Аҳмади Дониш, Айнӣ бо маъхазҳои асосии инсонпарваронаи адабиёти классикӣ оғоз аз Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Умари Хайём, Носири Хусрав, Низомии Ганҷавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ,

Камоли Хуҷандӣ, Сайидои Насафӣ, Мирзо Абдулқодири Бедил ва даҳҳо мутафаккирони бузурги таърихи ҳазорсолаи адабиёти тоҷик шиносоии баркамол дошт. Ва баҳравари эҷодкорона аз мафкураи таърихӣ – ҷоннисориҳои абармардони майдони сиёсат ва ақидаҳои маорифпарваронаи адабиёти классикӣ – тамаддуну фарҳанги ниёгон, оқибат ҳимоя кардан ва ба истиқлол расидани миллатро тавассути ин нависандаи баркамол ва дигар ҷавонмардони мубориzу фидоӣ сабаб шуд.

Ҳамзамон бо ин, асарҳои равшангаронаи Аҳмади Дониш, ҳамчун дидгоҳи бозбинии замони истибдоди амирӣ, ҷамъбасти мантиқӣ ва ифодакунандаи вазъи ҷаҳонбинӣ ва фазошиносии давр, такони ҷиддӣ барои дарк ва инъикоси воқияти замони Айнӣ маҳсуб мегарданд.

***Таърихи таҳаввули ҷаҳонбинӣ ва афкори миллати тоҷик дар тули ҳазор сол, бори дигар исбот кард, ки руҳ, маънавиёт, дидгоҳ, нуқтаи назари сиёсӣ, ки онро дар маҷмуъ, идеология ном мебаранд, хосияти иманентии диалектикӣ надоранд. Он аз воқеият, ки амали мақсаднок ва бошууронаи инсон, аз муҳимтарин ҷузъи он мебошад, вобаста аст.***

Оғоз аз ҳамин **нуқтаи дарк ва камоли андеша,** мубориzаи ақидавӣ ва инқилобии Айнӣ муҳтавои баробарвазн ба воқеият гирифт.

Дар ин маврид, Айнӣ ***муносибати худро ба ҳукумати амирӣ аз лиҳози мавқеъгирии сиёсӣ комилан тағйир дод*** (1). ***Хурофотро ҳамчун усул, восита, ҳамсафар ва ҳимоятгари аслии маънавӣ ва ҷисмонии ҷиноятҳои амирӣ бар зидди оммаи мардуми ноогоҳу бесарпаноҳ шинохт*** (2). ***Донист, ки идеологизми таҳмилӣ ва урфу одати аҷнабиён, дар ягон ҳолат наметавонад созгори имрӯзу ояндаи босубот ва умедбахши халқи азияткашидаи тоҷик бошад (3). Ба хулосае омад, ки ягона роҳи озодӣ, аввалан, дар тағйири моҳият ва мундариҷаи ҷаҳонбинӣ, руҳиву равонӣ – дар истиқлоли зеҳни инсон аст. Бидуни он озодии воқеӣ ва ояндасоз хобу хаёлу шиору орзуе беш нест (4). Ва ин дастовард, танҳо тавассути рӯ овардан ба илм, босавод кардани оммаи мардум (5) ва баҳраварӣ аз нуқтаи бунёдӣ, такягоҳӣ – таърих ва тамаддуни миллати ӯст. На афсона ва тахайюли дигар(6).***

Ин ақидаҳои барои миллат ҳаётбахшро Садриддин Айнӣ дар тули умри бобаракати худ ҳам бо сухан, ҳам бо қалам ва ҳам бо қадам исбот кард.

**Айнӣ – доҳии адабиёти навини тоҷик**

Садриддин Айнӣ дар таърихи тоҷикон, аз ҷумла, дар мураттабсозӣ, муаррифӣ, рушди адабиёти он сармашқ, абармард, воломақом, соҳибдафтар, баландҳиммат, Рустами таърихсози миллат, муҳандис ва бозофарандаи забони адабии ҳозираи тоҷик, масъулиятшинос, инқилобчии матин, озодихоҳ, муҷассамаи бузурги ҳувияти миллӣ буд, ҳаст ва мемонад.

**Дар давраи навини Истиқлоли давлатӣ, ки худшиносии миллӣ аз муҳимтарин масъалаи суботи давлатдорист, ҷойи Айнӣ ҳамчун олим ва адиби мубориз холист.**

Дар оғози асри гузашта, Айнӣ бо вуҷуди маҳдудияти зимом ва тангии замон, дар байни обу оташ роҳи зиндагии худро интихоб кард.

Аммо дар ин маънӣ Айнӣ мисли худ ҳамфикру ҳамақидаи якдилу рӯинтан надошт.

Ба дарбор ҳамчун шоир даъват гардид. Онро рад кард. Нахост қаҳрамони ягонаи ба миллати худ бегона бошад. Дар сахтиҳо дилшикаста нашуд. Мубориzаашро идома дод. Ба оммаи мардуми бесаводи азияткашида, маҳкум ба бадбахтӣ ва “тири фалак” хӯрда муроҷиат намуд. Онро омӯхт. Қаҳрамон интихоб кард. Хост мардумро ба худи мардум шиносонад. Онҳоро оинаи якдигар қарор бидиҳад. То фаҳманд, ки ҳазор соли бандагӣ, адами истиқлол онҳоро ба чӣ аҳвол рӯ ба рӯ кардааст. Хост адабиёти миллии бошахсият, анъана ва урфу одати тоҷикиро асос гузорад. Ба истилоҳҳои **“халқ”**, **“миллат”**, **“манфиатҳои миллӣ”** ҷон бахшад.

Айнӣ аз аввалин адибони миллии воқеиятшинос буд. Кӯшид, ба одамони одӣ сабаб ва воситаи раҳоӣ аз мушкилоти фоҷиабори иҷтимоиашро фаҳмонад. Онҳоро ба бесуботии тафаккури афсонавии “**малакутӣ**” (*олами фариштаҳо*), дом ва доди бедоди гиряолуди идеологияи шикоятомези нотавонӣ, оҷизӣ, ночорӣ, дармондагии дастҳо сӯйи

“**фалак**” *(осмон, тақдир, гардише, ки инсон дигар наметавонад дар он нақш дошта бошад, маҷбур аст ба чунин қисмат тан диҳад)* муътақид созад. Фаҳмонад, ки озодӣ ва шоистасолории инсон фақат аз Ақл, Хирад, Илму Дониш ва рафторҳои заминии ӯ вобастагӣ доранд.

Нобиғагӣ ва заковатмандии ***толибилми мадрасаи Бухорои асримиёнагӣ*** дар он буд, ки дарк кард, ***арзиши дониш дар муносибат ва муқоиса ба воқеияти ҳаёт санҷида мешавад.*** Ва дараҷаи муҳиммияти ҳама гуна назария дар алоқамандӣ бо таҷрибаи зиндагист.

**Шогирди солманди Инқилоби навини иҷтимоӣ нисбат ба худ ва пайравон ниҳоят серталаб буд. Таъкид менамуд, сухани бадеӣ ҳеҷ чизеро ифода намекунад, агар он ормону орзу ва афкори пешқадамеро тафсир ва тасвир нанамояд. Муътақид накунонад. Одамро ба шахсият мубаддал насозад. Посухгӯи ниёзҳои иҷтимоии давр набошад.**

Чунин эътиқодмандӣ на танҳо дар асарҳои бадеӣ, илмӣ ва илмӣ–таърихии Айнӣ, балки дар мукотибаҳои ӯ бо аҳли илму адаб ҳам ба назар мерасад. ***Ин мактаби нави адабиёт ва адабиётшиносии тоҷик буд.***

Барои мисол, таваҷҷуҳ карда шавад, ба як номаи ватандӯсти беамсол, ниҳоят пуркору масруфу гирифтору масъулиятшиносу фаъол, ки умре ба хурдтарин зуҳуроти ҷаҳонбинии миллӣ бетарафӣ накарда, аҳаммият додааст. Фурсат пайдо карда, онро баҳогузорӣ ва хулосабарорӣ намудааст. Мутаносибан, барои ислоҳи вазъи тарбия дар мактабҳо, мундариҷа ва муҳтавои ҷаҳонбинии муаллимон тавсияҳо манзур сохтааст:

**“Ман дар бораи аз ҳама ҷо дар Ленинобод зиёд будани хурофоти динӣ ба шумо як мисол нишон медиҳам. Дар тобистони соли 1946 ба Самарқанд як студенти ленинободӣ, ки дар Москва таҳсил мекунад, омад. Аз рӯйи шуниди ман, он студент бародари хурдтараки худро, ки «кокулаш ба Шоҳи Зинда назр будааст», гирифта овардааст, то ки гӯсфанде харида, ба сари мазори мазкур бурда кокули бародарашро тарошонад.**

**Ин корро ягон касе аз аҳолии ҳозираи Самарқанд ва Бухоро намекунад. Ин факт ҳаминро нишон медиҳад, ки агар шумо бинои сари мазори шайх Маслаҳатро вайрон карда партоед ҳам, хурофотпарастон аз ҷоҳои дур ҳам бошад, барои қонеъ кунонидани орзуи хурофотпарастии худ, мазоре меёбанд ва инчунин ин факт ҳаминро ҳам нишон медиҳад, ки дар Ленинобод – дар мактабҳо ҳанӯз тарбияи советӣ–коммунистӣ дуруст ба амал монда нашудааст, вагарна як студент ин корро намекард.**

**Бинобар ин, аз ҳама пештар ба воситаи мактабҳо муборизаро ташкил кардан лозим аст ва аз ҳама пештар муаллимонро аз назари тавфиқ гузаронидан даркор аст”** [2, 449].

Дар олам инсони бешахсият буда наметавонад. Агар мо ин истилоҳро ҳам аз лиҳози маънавӣ, ҳам аз лиҳози ҷисмонӣ ва ҳам аз лиҳози иҷтимоӣ баррасӣ намоем. **Аммо наметавон инкор кардан ҳақиқатеро, ки баҳогузорӣ ва қимати шахсият ҳам дараҷабандӣ дорад**. Гарчанде дар ин арҷгузорӣ сифр ҳам меъёр аст.

Шахсияти гениалӣ дараҷаи олии сифати инсон аст, ки дар соҳаи муайян шуурнокӣ, ақл, хирад, дониш, касбият, тахассус, тавон, истеъдод, иродатмандӣ, ҷавонмардӣ ва масъулиятшиносии фавқулодаеро аз худ ба намоиш мегузорад. Аз замони худ чанд зина пештар меистад. Дар илму адаб ва паймону пайкор намунаи афзалияти бебаҳси иҷтимоӣ нишон медиҳад. Ин хосият ва дастовардҳои ба мерос мондааш барои аҳли башар чанд аср хизмат мекунанд.

Як аломати гениалии нависанда он аст, ки ӯ ***вазъият*ро** меомӯзад. ***Қисмати ҳассоси*** ба талаботи иҷтимоӣ нигаронидашудаи онро ҳамчун ***ҷузъ аз кулл*** тасаввур ва интихоб мекунад. Дар тасвир мегирад. Нуқтаи калидиашро пайдо намуда, ин вазъро мутобиқ ба манфиати ҷомеа ***саҳнасозӣ, роҳбарӣ*** ва ***роҳнамоӣ*** мекунад.

Чунин эҳсоси баланди ***миллатдӯстӣ ва ватанпарварии*** Айнӣ дар очеркҳои таърихӣ – бадеии “Исёни Муқаннаъ” ва “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” боз ҳам аниқтар ба назар мерасад.

Маълум аст, ки ин ду асар дар замони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ навишта шудаанд. Қаҳрамониву фидокории миллати тоҷикро ҳини асрҳои VIII ва XIII, дар мудҳиштарин

лаҳзаҳое, ки мардуми мо ба муқобили фашизм муборизаи беамон мебурд, бо далелҳо, ***чун мафкураи таърихии ҳифзи Ватан ва нангу номуси миллӣ***, на танҳо ба оммаи тоҷик, балки дар назди оламиён тафсир ва исбот менамояд. Дар ин ҳамосаҳо нависанда характери миллӣ, моҳияти маънавии миллати тоҷик, корномаҳои воқеӣ–таърихии фарзандони ӯ, ки маънан ба рафти муборизаи башарият ба муқобили вабои аср тавъам афтода буданд, ҳамчун арзиши умумибашарӣ тафсир ва ба оламиён манзур кард.

Яъне "Исёни Муқаннаъ" ва "Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик", ки ҳамосаҳои ҷовидонаи қаҳрамонҳои миллати тоҷик ҳастанд, дар баробари ***идеалҳои бузурги маънавии умумибашарӣ*** гузошта шуданд. Шакл ва воситаи ***муаррифии миллати куҳанбунёди муаллифи асарҳои ҷовидона ба ҷаҳониён мебошанд.***

Нависанда намунаҳои тавонмандии фитрии хешро ҳанӯз дар аввалин шеърҳои худ "Дар фоҷиаи шиаву суннӣ", "Бомдоди баҳорон", "Саҳаргоҳон", "Заминро мафрӯш", "Марсия", "Суруди озодӣ" ва дигар ашъораш тахассусмандона нишон дода буд. Яъне нишонаҳои нобиғагии нависанда то замони эълони принсипҳои *синфият, ҳизбият ва халқият,* ки гоҳо Айниро мехоҳанд ба онҳо пойбанд кунанд, арзи ҳастӣ доштанд.

Албатта, метавон, тавре имрӯз барои иддае ҳукми анъана касб кардааст, худро шоиру нависандаву олим номид ё номаълумакак соҳибунвон гашт. Аммо табиат дар тақсими истеъдоду қобилият ниҳоят хасис аст. Ва мардум баҳогузори сахтгир.

Агар Садриддин Айнӣ дар алоқамандӣ ба ҳар як зуҳуроти муҳимми сиёсӣ ва иҷтимоӣ ***ҳамқадам будани худро бо дарди ҷомеа ва ватандорӣ*** нишон дода бошад, дар маҷмуъ, ӯ тули ҳаёти эҷодии худ фақат асарҳое офаридааст ва оммаи мардумро бо дарк, фаҳм, инъикоси равонӣ ва вокуниши баробарвазн ба он даъват кардааст, ки ***барои таъмини суботи сохти давлатдорӣ ва рушди миллӣ*** ҳаётан муҳим аст. Яъне воқеан, дар амал суварнигори ҳадис будани худро исбот намудааст.

Доҳии адабиёти навини тоҷик муътақид буд: ***"Маданият, агар он ба тарзи стихиявӣ инкишоф ёбад, на бошурона мудирият шавад, инкишоф ёбад, рушд намояд, баъди худ биёбонро мемонад"*** [7, 15]. Ҳақиқат доштани ин назарияро мо дар таърихи на чандон дури инсоният ва замони муосир дар ҳама кунҷу канори олам дидем ва баръало дида истодаем.

Масъулиятшиносии меъмори бузурги руҳи миллӣ тули фаъолияти эҷодӣ, сарфи назар аз маҳрумият ва мушкилоти даҳр, вазъи сангини иҷтимоӣ, гоҳо дар ҳолати ногувори руҳиву ҷисмонӣ ҳам, собитқадамона эҳсос мегардад.

Таҳлили характер, рафтор, сифатҳои шахсӣ ва тақдири қаҳрамонҳои Айнӣ дар қисса, повест, роман ва ёддоштҳо, аз ҷумла Муқаннаъ, Темурмалик, Одина, Ёдгор, Абдуллоҳхоҷа, Сафар, авлоди Раҳимдод, Гулбибӣ, Гулнор, падараш Сайид Муродхоҷа, Тутапошшо, Муҳаммадсиддиқи Ҳайрат, Аҳмади Дониш, Шарифҷон – махдуми Садри Зиё ва садҳо персонажҳои мусбату манфии офаридаи ӯ ҳамагӣ образҳои типӣ ҳастанд.

Нависанда қаҳрамонҳои офаридаашро аз маъхазҳои таърихӣ, таърихӣ – бадеӣ омӯхтааст. Бо чашми худ дидааст. Ба гӯши худ шунидааст. Дар рӯзгор санҷидааст. Онҳо бо дарки илмӣ, бадеӣ ва воқеъбинона дар тасаввур ва қалами нависанда инъикос ёфтаанд.

Баъзе мунаққидҳо Айниро дар сустирода будани Одина мазаммат кардаанд. Баръакс, Одинаро чунин тасвир намудани нависанда аз афзалиятҳои эҷодии ӯст.

Адиб дар кӯҳистони ақибмондаи тоҷик ҳамин симоро дарёфт ва нишон додааст. Субъекти намунаи умумияти иҷтимоӣ офаридааст. Бадбахтӣ ва камҳавсалагии ӯро сабаби фоҷиаи шахсиаш ва ҳамчун намунаи фоҷиаи миллӣ, дар маҷмуъ, тасвир кардааст. Аммо Ятим, Ёдгор, Сафар, Абдуллоҳхоҷа ва насли дуюму сеюми Раҳимдодро пайдо намуда, аз онҳо шахсони воқеан фаъол, мубориз, сафшикан, дар муборизаи ҳаёт пирӯз тарбия карда, ба воя расонида, қаламдод намудааст. Дар муқобили Одинаҳои азияткашида, таҳқирдида, дар азоби хурофот ва урфу одатҳои ақибмонда танида гузоштааст.

**Адибони имрӯза, ҳамасрони замони Истиқлоли моро чӣ мушкил домангир аст, ки чунин андешаву маҳсули эҷодро ба намоиш гузоранд. Аз тоҷики раҳгумзадаи замони ҷанги шаҳрвандии ба ном “демократ”, “муҷоҳид”, “мубаризи роҳи исломи ноб”, муаллимбадбини пойбанди ҷаҳолату торикӣ, “зиёӣ” – профессорону журналистони** *(дар ҳоли ҳозир забондарози пушаймоннагаштаи)* **думрави муллоҳои ташаббускори ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ ва акнун, дар даҳаи чоруми замони Истиқлол – ҷавонони гумроҳи узви созмонҳои террористии байналхалқӣ, зархаридони бозигарони геополитикӣ, соҳибунвонҳову мансабдорони хурофотзадаи бетарафи дампову хомӯши розӣ ба авҷи ҷаҳолату бегонапарастӣ қаҳрамонони воқеан табдилгаштаи бошууру мубаризи роҳи эъмори давлати миллӣ офаранд.** Тарзе ишора шуд, ***вазъи фоҷиаборро “бигиранд***” ва аз он ***фазои маънавии шахсияти бунёдкор “созанд”***. Дар амал **“фалакро сақф бишкофанду тарҳи нав дарандозанд**”. Ба **“фатвои хирад хилофомади одат талабанд**”, “**субҳхезиву саломатталабӣ**”-ро *(маъниҳо аз Ҳофиз)* ба хотири суботу гул-гулшукуфоии Ватан – модари азиз, Тоҷикистон кунанд. ***Шанси фавқулодаи таърихро аз даст надиҳанд.*** “**Типҳое офаранд, ки дар он муҳри нишони муаллиф насб шуда бошад. Барои коғаз, барои як шумораи маҷалла нанависанд. Китоб не, асар офаранд. Эҷодашон аломати расмиятчигӣ, намоишӣ, ҳисоботдиҳӣ ва рӯякӣ надошта бошад. Ва адиб қаҳрамони парварида, комил ва пирӯзи худро дар зиндагиаш бо чашми худ бинад. Ифтихор намояд. Агар қаҳрамон, персонажи барои нависанда тип бошад, хонанда онро дар ҷомеа эҳсос намояд, бишиносад. Аз ӯ омӯзад. Пайрави ӯ бошад** [3]. Ин аст асари зинда, коромӯз, коргар ва тавре дар боло ишора шуд, офаридае, ки масъули нақди сухан ҳам аз набудани он эҳсоси таассуф наварзад.

***Агар Айнӣ ҳозир ҳам зинда мебуд, ҳамин масъулият ва нақшу мартаба барҳақ моли ӯ буданд. Баъди сад соли дигар ҳам, ин афзалият мансуби ӯ мемонд.***

Қаламкаши бузургро тақдир ва таъйин ҳамин аст, чуноне ки нишонаҳои барҷастаи онро мо баъдтар дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Ҳабиб Юсуфӣ, Ғаффор Мирзо, Ҷалол Икромӣ ва Фазлиддин Муҳаммадиев медидем.

**Айнӣ – асосгузори маънавиёти миллӣ**

Садриддин Айнӣ дар чандин лаҳза худро, барҳақ, инқилобчӣ номидааст. Албатта, ин хулосаро, замоне ки нависандаро ***ҷабри рӯзгор ва аъмоли ҳасудони фурӯмояи дурӯяи чоплуси замонасози носозгор*** ба ҷон расонидаанд, иброз доштааст. Аммо ***чашми воқеъбин ва гӯши ҳақшунав*** ниёз ба изҳори чунин мавқеъ надошт.

***Аз лиҳози дигар, ҷаҳонбинӣ маҷмуи дидгоҳи инсон аст, ки он муносиботи назариявии ӯро ба табиат, ҷамъият ва худи инсон муайян мекунад. Муҳтавои фаъолияташро мақсадгузорӣ ва роҳнамоӣ месозад. Фаъолияти ӯро ба танзим медорорад.***

**Бидуни шак, ҳама шахс ҷаҳонбинӣ дорад. Аммо агар дар як нафар он ба тарзи номуназзам, ғайриихтиёрӣ, механикӣ, таҳти омилҳои ғайриинтизор ташаккул ёбад, нафари дигар мекӯшад, тавассути аз худ кардани илму маърифат, донишҳои баробарвазн ба воқеият ва таҷрибаи рӯзгор зиндагиро дарк намояд, фаҳмад, ба он ворид гардад.**

Фарзияи охирин дар ҳаёти Айнӣ бо омили фавқулодаи генетикӣ, табиӣ, чун зуҳуроти муайянкунандагии ҳаёти ӯ тавъам омада буд.

Мубориза барои инқилоби маънавӣ ва тавассути он расидан ба таҳаввулоти иҷтимоӣ аз мақсадҳои Айнӣ ба шумор мерафт. Агар инқилоб ӯро раҳоӣ намебахшид, Айнӣ дар ҷодаи интихобкардааш ҷоннисорӣ мекард, чунончӣ режими зиддимиллии асримиёнагии амирӣ барои қасдгирӣ аз ин ҷавонмарди акнун дар роҳи инқилоб қадамҳои устувормонда, бо палидии хабисона бародари ҷигарбанди маъсуми ӯро ба қатл расонд.

Муборизаҳои таърихӣ ва тақдирсози Садриддин Айнӣ ***барои исбот кардани тоҷикон ҳамчун миллати тамаддунофари бумӣ, бо таърихи зиёда аз шашҳазорсола*** (1), ***забони тоҷикӣ – воқеияти мустақили ҷамъиятӣ*** ва ***далели барҷастаи шуури таърихӣ, зеҳниятсоз, воситаи акумулятсия ва инкишофи илм, адабиёт ва яке аз намунаҳои бузурги тамаддуни ҷаҳонӣ*** (2), аслияти руҳ, анъана, урфу одат, фарҳангу маданият ва характери миллӣ, ки

дар муборизаҳои шадиди сафшикан ***“зи баҳри бару буму фарзанди хеш”*** ба муқобили истилогарони аҷнабӣ зуҳур ёфтаанд (3), қобилияти пазируфтан, таҳаввул дидан, рушд ёфтан, ғанӣ гардонидан, мутобиқ кардан ва ҳамқадам буда тавонистани миллати тоҷик ба ҳама гуна дастовардҳои пешқадами тамаддуни ҷаҳонӣ, ки инқилоби иҷтимоии даҳаи дуюми асри XX (4), аз зумраи онҳо маҳсуб мегарданд, равона шуда буданд.

Таърихи тафаккури инсониро аз нигоҳи фалсафӣ, адабӣ, ҳуқуқ, ахлоқ ва маънавиёт асрҳо боз ду раванди ба ҳам зид ҳамроҳӣ мекунанд. **Яке иртиҷоӣ**, *(хурофотии асримиёнагӣ, бегонапарастӣ, рукуди зеҳнӣ ва ҷаҳолат)* ва **дигаре пешқадам** (*миллатдӯстӣ, меҳанпарастӣ, хештаншиносӣ, тарғиби идеяҳои маорифпарварӣ, илму хирад, ростиву растагорӣ, пайкор ба беадолативу дурӯғ, тороҷу ғорати мардуми бесарпаноҳ).*

Ҳардуи ин ҷараёнро ***манфиат*** ҳамчун категорияи фалсафӣ, иқтисоди сиёсӣ, идеологӣ, ахлоқиву маънавӣ муҳтаво мебахшад. Шакл меофарад. Ба намоиш мегузорад.

Дар як масъала ду ҳақиқати мухолиф вуҷуд дошта наметавонад.

Ҷаҳонбиние, ки аз исёни Муқаннаъ сарчашма мегирифт, барои Садриддин Айнӣ ҳамчун манбаи ғоявии эҷодиёт ва ҳақиқати оштинопазир боқӣ монд.

Минбаъд на дар тарҷумаи ҳол, на дар асарҳои бадей, илмӣ, бадей – таърихӣ, публитсистика, мукотибаҳо ва на дар гуфтору рафтор, муколама ва муносиботи рафиқона ҳаргиз дудилагӣ, замонасозӣ ва расмиятчигии ноҷо, ки шахсият, роҳи интихобкарда ва бузургвории ин доҳии модарзоди илму адаби миллати тоҷикро зери шубҳа гузошта бошад, дида намешавад.

***Садриддин Айнӣ Қаҳрамони барҳақи миллати тоҷик аст, ки Пешвои муаззам муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ӯро ба ин унвон сазовор донистааст.***

**Далели ақибмондагии шуурнокӣ аз воқеияти ҳастӣ**

Бо шарофати Истиқлол орзу ва нияту мақсадҳои Садриддин Айнӣ амалӣ гардиданд. Миллати тоҷик соҳибдавлат шуд. Аммо тавассути прототипҳои персонажҳои манфии таърихии Айнӣ, давлати тозабунёд ба хоку хун оғушта ва ҳукумат сарнагун гардид.

Ҷанги хонумонсӯзи шаҳрвандӣ аланга зад.

Бо шарофати тақдир ва ба бахти мардуми ҷафокашида, шахсияте сари қудрат омад, ҳаракати озодихоҳонаи миллатро раҳбарӣ кард, ки устоди забардасти илму маърифат ва адабиёту маданият Садриддин Айнӣ сифоташро дар замири хеш мепарварид. Дар асарҳои бадей ва илмию таърихӣ образи қаҳрамононаи ӯро тасвир ва тафсир мекард. Ба хотири тантанаи пирӯзӣ ва адолат қасидаҳои ҳамсони “Ҷанг ва зафар” менавишт. Онеро инъикос мекард, ки баъди ҳазор сол давлати миллӣ сохт. Анъана, урфу одат, фарҳанг ва маданияти миллиро эҳё намуд. Тамаддуни беш аз шашҳазорсолаи ӯро аз нав ҷон бахшид. Тасдиқ кунонд. Муҳру васиқа кард. Эътиқодмандона ҳамчун сарвати поённопазир ва шиносномаи беназир ба ҷаҳониён муаррифӣ сохт.

Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти мардуми кишварашро тарзе ташкил кард, инкишоф дод ва рушд бахшид, ки миллати тоҷик ҳазорсолаҳо орзуи онро мекард.

Ҳамзамон хотирнишони кардани он нукта зарур аст – рисолати адабиёт, театр, кино, ки онҳоро классикони илм ва адабиёти ҷаҳон меъмору созандаи руҳи инсон номидаанд, баробари масъулияти давлатсозист.

Мо аз ғарази бадхоҳони миллат ва руҳияи таърихии бегонапарастии онон огаҳӣ дорем. Ва медонем, **“фаъолияти мақсадгузорӣ** *(дар муносибат ба руҳ, андеша, идея, образ, мафкурасозӣ* – С.Я.) **ба худи он** (*ташаббускор–С.Я.*) **равона нагардидааст. Баръакс, ба он нигаронида шудааст, ки тавассути *нобуд кардани* хосият, аломат ва зуҳурот – ҳадафҳои ҷаҳони беруна** *(дидгоҳ, ҷаҳонбинӣ, маънавиёт – С.Я.),* **воқеят доштани фаъолияти худро дар муҳити атроф бубинад, тасдиқ кунонад** [6, 8].

***Вобаста ба ин ҳар вақте мо зуҳуроту рӯйдодро аз паси худ набарем, аёну ноаён зуҳуроту рӯйдод моро аз паси худ мебаранд.*** Чунин муносибат зуҳуроти нобахшиданист.

Воқеияти имрӯзаи ҷомеаи Тоҷикистон, ***дар масъалаи вазъи ҷаҳонбинии миллӣ***, сарфи назар аз дастовардҳое, ки дар кулли соҳаҳои замони истиқлол рух доданд, ниёз ба

бознигарӣ дорад. Гап сари он аст, ки маънавиёти (*дидгоҳ, арзишҳои ҷамъиятӣ*) хештаншиносии қисме аз аъзои ҷомеа, аз дараҷаи суръати тараққиёти иқтисодӣ – иҷтимоии мамлакат, таҳаввулоти инқилобие, ки ҳукумати кишвар ба тарзи пешгӯинашаванда рушди онро таъмин кард, фарсаххо қафо монд.

Аз як тараф, ин камбуди ҷиддии дастгоҳи идеологӣ ва маорифи халқ (*на Вазорати маориф дар танҳоӣ)* – падару модар, муҳити оилавӣ, маҳал, деҳа, мактабҳои миёна, олӣ, иттифоқҳо ва иттиҳодияҳои эҷодии мафкурасози ҷомеа, васоити ахбори умум, муассисаҳои фарҳангӣ, коргоҳҳо – дар маҷмуъ, ниҳодҳои масъули ташаккули муносиботи ҷамъиятӣ мебошад.

Аз лиҳози дигар, ин падида хосияти қонунмандӣ ҳам дорад.

***Гурӯҳҳои ифротӣ ҳаргиз рӯшод намегӯянд, ки ҳукумат мехоҳанд. Онҳо амалҳои террористӣ ва мақсаду мароми худро бо шиору суханҳои муқаддас пӯшонида, зебу зинат ва обу ранг медиҳанд.*** Нигаред ба ҳодисаҳои солҳои навадуми Тоҷикистон, воқеаҳои тули таърихи на чандон дуру наздики кишварҳои Шарқи Наздику Миёна, ба ***ҳамсоякишвари*** мо. Далел ва зуҳуроти фоҷиаабори ***ақиб мондани шуурнокӣ аз воқеияти зиндагиро*** мо дар таърихи бисёр кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, ҳамчун падидаи хатарнок, баръало мебинем.

***Вазъи бамаломада мебояд ҳамчун ҳадаф ва мавзуи тадқиқоти илмӣ, таърихӣ–бадеӣ ва бадеӣ интихоб шавад. Омӯзиш бинад. амалан татбиқ гардад.***

Дар ин маврид, дониста бошем, ҷаҳонбинӣ ва идеологияҳое, ки ҳамакнун мардумро ба раҳгумӣ андохтаанд, аз нигоҳи назарӣ ва таҷрибаи таърихӣ ***нисбат ба идеяҳои эҳёгарии миллӣ, ҳувиятсозӣ, худшиносӣ, давлатдории миллӣ, ватанпарварӣ, равшангароӣ, таърихофаринӣ, ҷамъияти маданӣ, дунявият ва халлоқияту додхоҳӣ*** ҳазор сол ва зиёда аз он собиқаи бештар доранд. Ба қавли мардуми англис: ***''Devil is very wise, because He is very old''***.

Аз лиҳози дигар, омили этногенетизм наметавонад, рефлексия ва ё инъикоси хотираи таърихии ирсиятро дар рафторҳои иҷтимоӣ сарфи назар кунад. Ин воқеят масъулияти зиёиёни миллиро, ки ба тақдири мардуми хеш бетараф нестанд, боз ҳам зиёдтар мекунад.

Акнун майдони адабӣ нависандаеро тақозо дорад, ки айнивор қудрати кушодан ва фош кардани муаммои сарбастаи раҳгумии фоҷиаи иддае аз намояндагони ҳамин миллатро дошта бошад, ки ӯро бо шиорҳои дурӯғини хурофотӣ назди оламиён дар хиҷолат монда ва садҳои дигарро, ки барои як порча нон дар талошанд, дар вазъи бозгардониву сарсониву ҳайронӣ гузоштааст. Гарчанде мо медонем, ки ***ҳозира натиҷаи гузашта ва ишора ба оянда аст***. Ва сухани ёдшудаи он абармарди Ғарб: ***"як ефрейтор дунёро ба таҳлука даровардааст"***, аз ҳар гӯшае акси садо медиҳад.

Дарк ва тафсири вазъи рӯз ба рӯз мушкилшудаиситодаи ҷаҳонбинии як қисми фаъоли ҷомеа навъи ҳушдор аст, ки раванди онро аз нигоҳи методологӣ, ҳазор сол қабл Абуалӣ ибни Сино пешбинӣ ва хотирнишон мекунад: ***"Валекин ҳар он чӣ ба чизи ҳозирбуда далолат намояд, инчунин ба чизи интизорбудаамон низ далолат мекунад"*** [1, 270]. Аз Шимолу Ҷанубу Шарқу Ғарб акси садои ҷаҳолат, ифротгароӣ ва терроризми идорашавандаи маҳсули адами адабу фарҳангу масъулияти ватандорӣ баланд мешавад. Ана ҳамин аст, ба назари мо, суоли матраҳ ба *"**пайравони (**имрӯзаи) **Айниву Турсунзода"**,* масъалаи коҳилии баҳсбарангези муҳандисони руҳ ва самтгирии маънавӣ дар мавзуи рӯз – фанатизми динӣ ва тантанаи шабаҳи фарогири бадбахтӣ.

**Хулоса, ч**ун Инқилоби соли 1917 ва 1920 мардуми тоҷикро аз ғуломӣ озод кард, ба ӯ ихтиёр, шароит ва раванди давлатсозӣ ато намуд, фарде доно ва нигорандае тавоно, зиндакунандаи руҳи Муқаннаъу Темурмалику Рӯдакиву Фирдавсӣ Саъдиву Ҷомӣ, Восифиву Аҳмади Дониш ва даҳҳо дигар бузургони ҷодаи набарди руҳу ҷисми миллат – Садриддин Айнӣ ба ҳайси ҳимоятгари ин лаҳзаи мусоиди гардиши бузурги таърихӣ, лаҳзаи бедорию бедорсозӣ ба майдон бархост.

Дар шароити зарурати бозсозии рух, эҳтиром гузоштан ва афзалият бахшидан ба арзишҳои миллӣ, дар муқобили ҳама гуна ***равияҳои хурофотӣ, бегонапарастӣ ва ифротгароӣ, ки авҷи он рӯз ба рӯз нигаронкунанда ва харобиовар мегардад***, ***адабиёту фарҳанг ниёз ба Рустами дунёи сухан, додгару додҷӯву хирадманд ва сафшикани руҳи Оҳарман доранд.***

Мақсад – бо эҷоди асарҳои синну солӣ, публитсистика, очерк, қисса, ҳикоя, повест, роман, драматургия, саҳнасозӣ, филмҳои ҳуҷҷативу бадеӣ бо қаҳрамон, персонаж – образҳои бадеӣ ***бархостан, қад афрохтан ва қотеона ҳимоя кардани сохти давлатдории дунявӣ – давлатдории миллӣ аз бузургтарин вазифаи адабиёти имрӯз ба ҳисоб меравад***.

Муҳим ба назар мерасад, мисли ҷонфидоиҳои устод Садриддин Айнӣ, ки раҳбарии инқилоби мадании тоҷикро сад сол қабл ба уҳда гирифта, дар он пирӯз гашта буд, тавонем, то бори дигар ***"ҷаҳонро ба бад наспарем***". Ангуштнамои таърих нагардем.

Мавзуи рӯзмарра ҳамин аст.

Ахиран, ягона аз ҳамасроне, ки Садриддин Айнӣ ӯро дар номаҳои худ, бо арзи эҳтиром ва истифода аз мартабаи ***"устод"*** ва ***"рафиқи шафиқ"*** ном мебарад, Абулқосими Лоҳутӣ мебошад [2, 242, 276, 294]. Ва доҳии адабиёти давр як шеъри бузургворонаи дӯсти ҷонии худро борҳо, эҳтиромона, ҳамчун шиор, рамзи дилсӯзиву масъулияти ватандории ӯ ва ҷавобгӯи талаботи замон ёдоварӣ кардааст, ки ин аст:

Бо ҳама нуқсу мавонеъ кор мебоист кард,
Тӯдаи тоҷикро бедор мебоист кард...
Сустию навмедӣ андар роҳи заҳматкаш хатост,
То нафас боқист дар тан, кор мебоист кард.

**АДАБИЁТ:**


1. Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷ.2. –Душанбе: Ирфон,1980.
2. Айнӣ.С. Мактубҳо. –Душанбе: Дониш, 2024.
3. Белинский. В.Г. Собрание сочинений. Т.2.–М.: 1977.
4. *Белинский. В.Г.* Собрание сочинений. Т.4. –М.: 1954.
5. Белинский. Собрание сочинений. Т. 8. – М.: Художественная литература, 1982.
6. Гегель И.В.Г. *Лекции по философии.* – Санкт-Петербург: 2000.
7. Гегель. И.В.Г. Илми мантиқ. –М.: 2013.
8. Живкович. Л. *Теория социального отражения. –М.: Прогресс,* 1969.
9. Сагатовский. В.Н. Вселенная философа. –М.: 2013.
10. Ҳафтаномаи *"*Тоҷикистон*",* №15. 15.04.2015

УДК:341 (575.3)

# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ – ТАҲДИД БА АМНИЯТ ВА СУБОТИ ҶОМЕА: ТАҲЛИЛИ ОМИЛҲОИ ЗУҲУРОТ ВА РОҲУ ВАСИЛАҲОИ ПЕШГИРИИ ОН

**БОЕВ З.У.**

*унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар замони муосир, ки терроризм, экстремизм ва таассуби динӣ беш аз пеш хатари фаромиллӣ ва умумибашариро касб намуда, на танҳо дар минтақаҳои алоҳида ва том, балки дар тамоми ҷаҳон доман паҳн кардааст, таҳқиқу омӯзиши сабабҳо, решаҳо, омилҳо ва ангезаҳои пайдоиши он, роҳу василаҳои пешгирӣ ва мубориза алайҳи ин падидаи номатлуб аҳамияти муҳимми илмию назариявӣ, маърифатӣ ва махсусан амалӣ дорад.*

**Калидвожаҳо:** *терроризм, экстремизм, исломи сиёсӣ, дин, идеология, геополитика, амният, ифротгароии динӣ.*

# ТЕРРОРИЗМ И ЭКСТРЕМИЗМ – УГРОЗА БЕЗОПАСНОСТИ И СТАБИЛЬНОСТИ ОБЩЕСТВА: АНАЛИЗ ДАННОГО ЯВЛЕНИЯ, ПУТИ И МЕТОДЫ ИХ ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ.

**БОЕВ З.У.**

*Соискатель Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В современном мире, где терроризм, экстремизм и религиозный фанатизм приобрели угрожающий транснациональный и международный характер, распространившись не только в одном регионе, но и по всему миру, с чем в связи исследование и изучение корней, причин и мотивов возникновения, а также путей их предотвращения, имеют важное научное, теоретическое и особенно практическое значение.*

**Ключевые слова:** *терроризм, экстремизм, политический ислам, религия, идеология, безопасность, религиозный экстремизм.*

# TERRORISM AND EXTREMISM - A THE TEHREAT TO THE SECURITY AND STABILITY OF SOCIETY: ANALYSIS OF THE FACTORS OF THE PHENOMENON AND THE WAYS OF PREVENTING IT

**BOEV Z.U.**

*Applicant of the Institute of Philosophy, Law and Political Science named after Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*In modern times, when terrorism, extremism and religious fanaticism have become more and more of a global and universal threat, and have spread not only in individual and some regions, but also throughout the world, the study and searching of the causes, roots, factors and motives of its emergence and the ways of preventing and combating this undesirable phenomenon have great scientific, theoretical, educational and especially practical importance.*

**Keywords:** *terrorism, extremism, political Islam, religion, ideology, geopolitics, security, religious extremism.*

Яке аз масъалаҳое, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла мақомоти давлатӣ ва шаҳрвандони кишвари моро ба ташвиш овардааст, ин раванди ифротишавии босуръати ҷомеа, болоравии таассуб ва фанатизми динии сокинони кишвар, гаравидани ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои динӣ-ифротӣ ва гурӯҳҳои тундраву моҷароҷӯ мебошад.

Терроризм ва экстремизм дар замони муосир на танҳо ба як миллату давлат, балки барои тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ хатари ҷиддӣ дошта, боиси нооромиҳо дар гӯшаву канори олам гардидааст. Мубориза ҳадафнок ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар ин самт, чораву амалҳои якҷояи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аҳли ҷомеа, давлатҳо ва созмону ташкилотҳои сатҳи байналмилалиро тақозо мекунад. Терроризм ва экстремизм бар

асари босуръат сиёсӣ кардани дини мубини ислом рӯйи кор омада, имрӯз тамоми сайёраро фаро гирифтааст. Дар заминаи руҷӯъ ба ин мавзуи доғи рӯз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2024 қайд намуданд, ки «Мубориза бо терроризм ва экстремизм самти афзалиятнок ба шумор меравад, зеро ин зуҳурот ҳоло ба хатари глобалӣ мубаддал гардида, тамоми аҳли башарро ба ташвишу нигаронӣ овардааст» [1].

Солҳои охир раванди шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои мамнӯъ, созмону ташкилотҳои терористиву экстремистӣ рӯ ба афзоиш ниҳода, хатари он афзуда истодааст. Асоси шомилшавии ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳои номатлуб, пеш аз ҳама, надонистани таърихи миллати худ, мероси маънавию фарҳангии хеш, бегонапарастӣ ва қадр накардани дастовардҳои Истиқлоли давлатӣ, сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ, динӣ, худшиносӣ ва таълиму тарбияи нокифояи насли наврас ва хусусан ҷавонон мебошад.

Амали нангини террористӣ дар толори «Крокус Сити Холл”-и шаҳри Москва бори дигар дурустии суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро собит кард, ки қайд намудаанд: «Террорист ватану миллат надорад ва муқовимат бо ин зуҳуроти номатлуб дастаҷамъӣ ва ҳамбастагиро тақозо мекунад» [2] .

Тули 10 соли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 6680 ҷинояти дорои хусусияти экстремистиву террористӣ, аз ҷумла 86 амали террористӣ ва сӯиқасд ба он ошкор ва ба қайд гирифта шуда, 11 ҳолати амали террористӣ ва сӯйиқасд ба он, пешгирӣ гардидааст. Ҳамзамон, 4075 нафар шаҳрвандони кишвар барои содир намудани амалҳои экстремистиву террористӣ дар кофтуков қарор доранд [3].

Дар ин давра бар асари ташвиқоти густурдаи экстремистӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ва ҳангоми дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштани шаҳрвандон шомилшавии ҷавонон ба ташкилотҳои экстремистиву террористӣ ва дигар гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ, сафарбар гардидани онҳо ба минтақаҳои даргир афзуда, нигарониҳои ҷиддии ҷомеаро ба миён овард.

Тибқи маълумоти сохторҳои марбута, зиёда аз ҳазор нафар шахсоне, ки дар кишварҳои хориҷӣ дар задухӯрдҳои мусаллаҳона иштирок кардаанд, кушта шуда, ҳазорон нафари дигар беному нишон гардидаанд. Ин нуқтаҳоро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 9-уми марти соли 2024 зимни вохӯрӣ бо ходимони дин иброз намуданд. Аз ҷумла, Сарвари давлат қайд карданд, ки давоми се соли охир 24 нафар шаҳрвандони мо дар 10 кишвари дунё ба амалҳои террористӣ, аз ҷумла дар анбӯҳи одамон таркондани худ, даст задаанд [3].

Боиси зикр аст, ки ин амалҳои мудҳиши террористӣ аз ҷониби хадамотҳои махсуси баъзе кишварҳои хориҷӣ ва гурӯҳҳои манфиатҷӯ бо мақсади бадном кардани миллати тоҷик ва мавқеи сиёсии давлати тоҷикон дар арсаи ҷаҳон тарҳрезӣ гардида, аз паст будани сатҳи маърифатӣ ва ноогоҳии баъзе ҷавонони мо истифода мекунанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти олии мамлакат, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешгирӣ ва мубориза бар зидди терроризму экстремизмро ҳамчун вазифаи муҳимтарини таъмини амнияти миллии давлат дониста, мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва тамоми ҷаҳон онро мавриди таваҷҷӯҳи махсус қарор дода, барои тақвияти фаъолият, ҳамкориҳои муштарак дар ин самт чораву тадбирҳои таъхирнопазир меандешанд.

Аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз таърихи 21 апрели соли 1997 Фармон «Оид ба чораҳои пурзӯр намудани мубориза бар зидди терроризм» қабул карда шуда буд. Аз ҷониби Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирӣ ва мубориза бо терроризм як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардидааст ва амал менамояд. Аз ҷумла, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм», «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм», «Дар бораи муқовимат ба экстремизм»,

«Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ», «Дар бораи мубориза бар зидди ҷинояткории муташаккилона», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим», «Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд» ва ғ [2].

Бо Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи ягонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм (ифротгароӣ), Консепсияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи дин ва Стратегияҳои миллӣ оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 ва 2021-2025 қабул гардидаанд, ки барои субъектҳои бар зидди терроризм ва экстремизм мубориза баранда роҳнамо ва дурнамои фаъолият ба шумор меравад [7]. Ин Стратегияҳо ва Консепсияҳо дар асоси қонунгузории кишвар мураттаб шуда, сиёсати давлатиро дар самти муқовимат бо терроризму экстремизм ва пешгирии шомилшавии шаҳрвандон ба ин равияву гурӯҳҳои номатлуб муайян менамояд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикргардида пояи ҳуқуқии сиёсати оштинопазири Роҳбарияти Олӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бар зидди терроризм маҳсуб меёбад. Бо вуҷуди қабул ва мавриди амал қарор додани санадҳои ҳуқуқӣ, ҳоло ҳам чунин ҳолатҳо ба назар расида, солҳои охир зуҳуроти ифротгароии динӣ афзоиш ёфта истодааст. Бояд зикр намуд, ки дар ҷаҳони муосир терроризм ва экстремизм бештар зуҳуроти бо дин омехта намуданро дорад ва ин ташкилоту созмонҳо динро ба манфиатҳои худ истифода мебаранд.

Тибқи маълумоти коршиносон имрӯз дар сатҳи ҷаҳон беш аз 500 ҳизбу ҳаракатҳои динию ифротгаро, созмонҳои террористию экстремистӣ ошкорову пинҳонӣ амал мекунанд, ки 80%-и онҳо худро бо дин иртибот медиҳанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз бо ҳалномаи Суди Олӣ фаъолияти 29 ташкилоти экстремистиву террористӣ манъ шудааст, ки ҳамаи онҳо хусусияти динӣ доранд [3].

Баъзе муҳаққиқон, таҳлилгарон ва коршиносони исломи муосир бар он ақидаанд, ки дар ҷаҳони ислом ва баъзе кишварҳои мусулмони ҳоло ду падидаи номатлуб ва хатарафзо ба мушоҳида мерасад.

Падидаи аввал, аз ҳад зиёд ба сиёсат омезиш ёфтан, ба сиёсат гаравидани дин, ё ба истилоҳ густариши исломи сиёсӣ, сиёсишавии дин (политизации религии).

Падидаи дуюм, ба дин гаравидани сиёсат, махлутшавии сиёсат бо дин, ё ба истилоҳи дигар динӣ гардидани сиёсат, афзалият ва ғолибияти арзишҳо, меъёрҳо ва муқаррароти динӣ, дар самту соҳаҳои гуногуни сиёсат нисбат ба меъёрҳо ва қонунҳои мутамаддин (религизации политики).

Сиёсишавии дин яке аз омилҳои асосии пайдоиши ифротгароии динию сиёсӣ мебошад. Одатан сиёсишавии дин дар зери таъсири омилҳои объективӣ ва субъективӣ ба амал меояд. Аммо хавфу хатари омилҳои субъективӣ зиёдтар аст ва он оқибатҳои ногувор дорад. Зеро дар бисёре аз мавридҳо мушоҳида намудан мумкин аст, ки сиёсишавии дин ба таври бошуурона ва ҳадафмандона ба амал оварда мешавад. Чунин омилҳоро дар шароити бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ дидан мумкин аст. Кам нестанд ҳолатҳое, ки дар онҳо бо роҳи фаъолгардонии нерӯҳои тахрибкор сиёсишавии дин ба амал оварда мешавад ва дар симои дин ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароию террористӣ ташкил карда шуда, дар самти ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ аз ҷониби баъзе давлатҳо истифода мегарданд [4].

Хусусан, бархӯрди манфиатҳои геополитикии як зумра давлатҳо низ сабаби пайдоиши ифротгароӣ ва тундгароӣ мегардад. Қариб ки ҳамаи ташкилотҳои ифротгароӣ ва террористӣ дар раванди амалигардонии манфиатҳои геополитикии давлатҳои мушаххас ҳамчун воситаи расидан ба мақсадҳои геостратегии худ истифода бурда мешаванд.

Агар муносибати кишварҳои ҷаҳон ба терроризм ва экстремизми сиёсию динӣ то нимаи аввали соли 2021 дастаҷамъона вуҷуд дошта бошад, баъди ғасби ҳокимият дар кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиё аз ҷониби гурӯҳҳои иртиҷоӣ, ин муносибат ба куллӣ тағйир ёфт. Аксари кишварҳои абарқудрату пешрафтаи ҷаҳон, ки солҳои тулонӣ баъзе

ташкилотҳои экстремистию террористии байналмилалиро ба рӯйхати террористон дохил намуда буданд, айни замон мутаассифона, бо ин гурӯҳҳои террористӣ ҳамкориро оғоз намудаанд [10].

Дар шароити муосир барои паҳншавии ғояҳои динӣ-ифротгароӣ дар баробари омилҳое, ки дар боло қайд гардиданд, инчунин дар заминаҳои эътиқодиву динбоварӣ омилҳои зиёде, чун омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, геополитикӣ, муҳоҷирати нодурусти меҳнатӣ, набудани назорати солими оила ва падару модар, тарғибу ташфиқи намояндагони ҳаракатҳои ифротӣ, хоҳиши худомӯзӣ ва шавқи дар гирудорҳои низомиву задухӯрдҳо иштирок намудан ва ба ташаккулёбии ин зуҳурот мусоидат мекунанд, сабаби ҷалби шаҳрвандон, махсусан ҷавонон, ба ҳаракатҳои ифротиву террористӣ мешаванд.

Ба андешаи сиёсатшиноси ватанӣ Х.Қ. Сафарализода «Идома пайдо намудани ин тамоюлот барои кишвар оқибатҳои нохуб дошта метавонад. Замоне, ки ҷонибдорон ва пайравони идеологияи радикалӣ бештар мешавад, хавфи аз давлати дунявӣ ба давлати теократӣ табдил ёфтани кишвар ба амал меояд. Дар чунин шароит эҳтимоли ба лонаи террористон табдил ёфтани ҷомеа ё бештар гардидани ҳалқаҳои хуфтаи террористӣ низ ба амал меояд. Ҳукмрон гардидани идеологияи радикалие, ки хусусияти архаистӣ дорад ва ҷомеаи кишварро аз равандҳои мутамаддин канда месозад, метавонад мавҷудияти миллати тоҷикро зери суол гузорад» [12].

Инчунин, таҳсили ғайриқонунии ҷавонон дар кишварҳои исломӣ ва донишгоҳу донишкадаҳои ин кишварҳо, муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишварҳои хориҷӣ низ хавфи ба гурӯҳҳои ифротгароӣ ва террористӣ пайвастани онҳоро зиёд менамояд. Мутаасифона аз ҳисоби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ баъзе нафарон дар чунин муассисаҳои динии иртиҷоӣ таҳсил менамоянд.

«Бо кӯшишҳои Ҳукумати мамлакат дар давраи аз соли 2010 инҷониб қариб 4000 нафар шахсони дар хориҷи кишвар ба таълимоти ғайрирасмии динӣ машғулбуда, ба Ватан баргардонида шуда, 205 нафар то ҳол дар хориҷи кишвар боқӣ мондаанд» [3].

Муттассифона ҷавонони дар мадрасаву муассисаҳои динии хориҷӣ ғайриқонунӣ таҳсилкунанда аз ҷиҳати мафкуравӣ осебпазир гашта, ғоя, мазҳаби бегонаро қабул мекунанд ва рафтору кирдорашон хавфноку хатарнок мегардад. Муҳаққиқи тоҷик Ғ.Ҷ. Мирзоев қайд менамояд, ки «таълимот ва таъйиноти ҷангхоҳона ва даъват ба зӯроварию табъиз, ки дар сарчашмаҳои ислом вуҷуд доранду вобаста бо замони исломи ибтидоӣ ва вазъи таърихии даврони пайғамбар ташаккул ёфтаанд, барои ифротгароёни имрӯза ғизобахшу илҳомбахш мешаванд» [9, 30].

Дар баробари ин, аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар давраи аз соли 2020 то соли 2023 дар кишвар 680 ҳолати ба таълими ғайриқонунии динӣ фаро гирифтани 5000 нафар таълимгиранда ошкор карда шудааст, ки аз вусъати раванди мағзшуйии кӯдакон, наврасон ва ҷавонон дарак медиҳад.

Мисол, моҳи марти соли 2024 кӯшиши содир намудани силсила амалҳои террористӣ дар арафаи ҷашни байналмилалии «Наврӯз» дар шаҳри Душанбе аз тарафи «ҳалқаи хуфта»-и шохаи ташкилоти экстремистиву террористии «Давлати исломӣ» – «Давлати исломии вилояти Хуросон» ошкор ва пешгирӣ карда шуд. 28 нафар боздошт ва ба ҳабси пешакӣ гирифта шуданд. Аз аъзоёни гурӯҳ маводи зиёди худсохти тарканда ва заҳролудкунанда мусодира гардид. Маълум шуд, ки ташкилкунандаи «ҳалқаи хуфта», шаҳрвандони Тоҷикистон – Ҳикматов Абӯбакр Маҳмадуллоевич бо тахаллуси «Форуқ», соли таваллудаш 1988, ғайриқонунӣ солҳои 2007-2011 дар Донишкадаи исломии «Бадриддин Ҳасанӣ» шаҳри Димишқи Ҷумҳурии Арабии Сурия таҳсил намуда, дар давоми таҳсил ақидаҳои иттиҳоди экстремистии «Салафия»-ро қабул кардааст ва ба гурӯҳи ифротии «Ҷейш-ал-ҳур» шомил гардидааст.

Мисоли дигар, ташкилкунандагони суиқасд ба амали террористӣ нисбат ба раиси ҲХДТ дар шаҳри Кӯлоб С.С. Сайвализода – шаҳрвандон Маҷидзода Бахтиёри Акбар, Одинаев Наврӯзҷон Абдусаторович ва дигарон солҳои 2014-2015 дар назди собиқ

имомхатиби масҷиди шаҳри Кӯлоб Шоев Саидмаҳмуд Саидович таълимоти ғайриқонунии динӣ гирифтаанд. Ғояҳои иттиҳодияҳои экстремистӣ ва террористиро тавассути мутолиаи адабиёти хусусияти экстремистидошта ва наворҳои омода сохтани дастгоҳҳои тарканда ва силоҳи кимиёвиро дар сомонаҳои иҷтимоӣ аз худ намудаанд [6].

Дар баробари таълимоти ғайриқонунии динӣ дар дохил ва хориҷи кишвар, рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, махсусан шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ, ба зеҳну тафаккури ҷавонон таъсири бештар мерасонанд. Зеро ифротгароён дар раванди фаъолиятҳои таблиғотии худ аз иқтидори шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои видеоии интернетӣ ба таври васеъ истифода менамоянд. Дар чунин шароит киберэкстремизм ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ ва ҳамчун технологияи назарфиребӣ ба осонӣ ба мушоҳида мерасад. Барои бартараф ва пешгирӣ намудани он, пеш аз ҳама, ба тарбияи хонаводагӣ ва мактабу маориф диққати махсус бояд дод.

Мо бояд дар байни ҷавонон корҳои тарғиботиро оид ба таҳаммулпазирӣ ва ҳамзистии осоиштаи одамон, дӯст доштани Ватан, инсондӯстӣ, расидан ба қадру қиммати истиқлолияту ваҳдати миллӣ ва бовар накардан ба ҳар гуна фиребу дасисаҳои душманони миллат тақвият бахшем ва бо далелу мисолҳои равшану возеҳ ба онҳо оид ба ин хатар ва оқибатҳои онро фаҳмонем.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъзе ҷавонон дар хориҷи кишвар ҳангоми муҳоҷирати меҳнатӣ рафтору кирдор, намуди зоҳирӣ ва ақидаҳо динии худро тағйир медиҳанд. Дар ин самт бояд падару модар ва хешу пайвандон хуб андеша намуда, аз таҳсил, ҳолату аҳвол ва рафтору гуфтори фарзандонашон дар муҳоҷирати меҳнатӣ низ бохабар бошанд, нагузоранд, ки онҳо ба доми шахсони фиребгару душманони миллати мо афтанд.

Имрӯз корҳои тарғиботию ташфиқотии ҳадафнок бо баромадҳои таҳлилӣ барои ҷавонон ва дигар қишрҳои ҷомеа зарур аст. Хусусан гузаронидани корҳои тарғиботӣ бо қишрҳои осебпазири аҳолӣ махсусан оилаҳое, ки фарзандашон дар муҳорибаҳои ҷангии «Давлати исломӣ» дар Ироқу Сурия иштирок доштанд, бо ҷурми алоқамандӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ маҳкум карда шудаанд, ё гумонбар диниста мешаванд, таълимоти ғайриқонунии динӣ гирифтаанд ва алоқаҳои наздики онҳо мувофиқи мақсад аст.

Ҷалби васеи ҷавонони боистеъдод ба корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, маҳфилу кружокҳо, чорабиниҳои фарҳангиву варзишӣ натиҷаҳои мусбиро ба бор хоҳад овард. Чунки муносибат ва муоширати ҳамсол ба ҳамсол усули хуби корҳои фаҳмондадиҳӣ ба шумор меравад. Бо ҷалби ҷавонон ба ҳаргуна маҳфилу чорабиниҳо онҳоро аз шомилшавӣ ба гурӯҳҳои ифротӣ эмин нигоҳ медорад, диду назари онҳоро ба тарзи ҳаёту зиндагии солим гарм месозад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», яке аз воситаҳои қонунии мубориза бар зидди шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ, хусусан террористиву экстремистӣ мебошад. Аммо, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки баъзе падару модарон ва шахсони ивазкунандаи онҳо то ҳол моҳият ва зарурияти меъёрҳои ин қонунро дарк накардаанд ва нисбат ба тарбияи фарзанди худ, бепарвоӣ, бетарафӣ ва беэътиборӣ зоҳир менамоянд. Ин ҳолатҳо боиси ба содир намудани ҷиноят даст задани ноболиғон, коста гардидани одобу ахлоқ, осебпазир гардидани онҳо ва афзудани хатари шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ мегардад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ, бархӯрди манфиати абарқудратҳо, сиёсати дуҳӯраи баъзе давлатҳо нисбат ба мафҳуми терроризму экстремизм ҳар як шаҳрванди моро вазифадор менамояд, ки бояд зиракии сиёсиро аз даст надиҳем ва қарзи шаҳрвандии худро аз ёд набарорем ва барои солим нигоҳ доштани мафкураи мардум кӯшиш ба харҷ диҳем.

**АДАБИЁТ:**


1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28 декабри соли 2024. Душанбе: «Шарқи озод», 2025. – 40 с.

2. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Конференсияи сатҳи баланд дар мавзуи «Ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавӣ дар мубориза бо терроризм ва манбаъҳои маблағгузории он». – Душанбе. 16-17 майи соли 2019.
3. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини кишвар, Кохи Ваҳдат, 9 марти соли 2024. Душанбе: «Шарқи озод», 2024. – 64 с.
4. Боев З.У. Заминаҳои пайдоиши исломи сиёсӣ дар Тоҷикистон. Илм ва амният. Нашриёти «Меҳвар»-и Мактаби олии КДАМ ҶТ №2 (8), 2024. – С. 48 – 54.
5. Белков Е.А. Политический ислам в Афганистане: истоки и идеология // Ислам в современном мире. – М. - №1 (15). – 2023. – С. 169 – 190.
6. Кравченко О.В. Проблемы правовой социализации несовершеннолетних в Республике Таджикистан: теоретический аспект. Монография – Душанбе: РТСУ, 2022. – 192 с.
7. Маводи парвандаи ҷиноятии №18030 нисбат ба Ҳикматов А.М. ва дигарон.
8. Маводи парвандаи ҷиноятии №1437 нисбат ба Маҷидзода Б.А. ва дигарон.
9. Мирзоев Ғ.Ҷ. Терроризм ва дин (таҷрибаи Тоҷикистон),– Душанбе: Дониш, 2021.– 75с.
10. Муҳаммад А.Н. Соҳибистиқлолӣ – арзиши олии давлатдории миллӣ [Матн] /Муҳаммад А.Н.// Паёми МТС назди Президенти ҶТ «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз». – Душанбе. - №1 (85). – 2024. – С. 15-29.
11. Назиров Д. Политический ислам и конфликт в Таджикистане. Монография – Душанбе, 2019. – 518 с.
12. Сафарализода Х.Қ. Хусусиятҳои таъмини амнияти идеологии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити соҳибистиқлолӣ [Матн] /Сафарализода Х.Қ.// Паёми МТС назди Президенти ҶТ «Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз». – Душанбе. - №2 (82). – 2023. – С. 35-48.

# ШАКЛҲОИ ЗОҲИРШАВИИ ИФРОТТГАРОӢ ДАР РАВАНДИ ҶАНГИ ТАҲМИЛИИ ШАҲРВАНДИИ ТОҶИКИСТОН

**РАҲИМОВ Ш.К.**
*унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур муаллиф шаклҳои зоҳиршавии ифротгароиро дар раванди ҷанги таҳмилии шаҳрвандии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор додааст. Хусусиятҳои идеологияи ифротгароӣ шарҳ ёфта, таъсири он ба низоми мавҷудаи сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ, фикрӣ ва моҳияти зиддибашарию зиддитамаддунӣ нишон дода шудааст. Муаллиф паҳлӯҳои гуногуни сабақҳои таърихии ҷанги таҳмилӣ, таъсири ифротгароӣ ва фаъолияти гурӯҳҳои сиёсӣ-радикалиро таҳқиқ намуда, вобаста ба пешгирии пайомадҳои номатлуби он хулосаҳои илман асоснокшуда пешниҳод кардааст.*

**Калидвожаҳо.** *Ифротгароӣ, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, давлати миллӣ, таҳдидҳо, тафаккури ифротӣ, идеологияи ифротгароӣ.*

# ФОРМЫ ПРОЯВЛЕНИЯ ЭКСТРЕМИЗМА В ПРОЦЕССЕ НАВЯЗАННОЙ ГРАЖДАНСКОЙ ВОЙНЫ В ТАДЖИКИСТАНЕ

**РАХИМОВ Ш.К.**
*соискатель Института философии политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

В данной статье автор рассматривает формы проявления экстремизма в процессе навязанной гражданской войны в Таджикистане. Раскрывается особенности экстремистской идеологии, показывается ее влияние на существующую политическую, экономическую, социальную, культурную и идеологическую систему, ее антигуманная и антицивилизационная сущность. Автор исследовал различные аспекты исторических уроков навязанной войны, влияние экстремизма, деятельность политико-радикальных группировок и представил научно обоснованные выводы относительно предотвращения ее нежелательных последствий.

**Ключевые слова:** *Экстремизм, навязанная гражданская война, организованные преступные группировки, национальное государство, угрозы, экстремистское мышление, экстремистская идеология.*

# FORMS OF MANIFESTATION OF EXTREMISM IN THE PROCESS OF IMPOSED CIVIL WAR IN TAJIKISTAN

**RAHIMOV S.K.**
*applicant of the Institute of Philosophy of Political Science and Law by name A. Bakhovaddinov National Academy of Sciences of Tajikistan*

*In this article, the author discusses the forms of extremism in the process of the imposed Civil War in Tajikistan. It describes the features of unfavorable manifestations of extremist ideology, shows its impact on the existing political, economic, socio-cultural, intellectual system and its anti-human and anti-civilizational character. The author explores various aspects of the historical lessons of the imposed war, the adverse effects of extremism and the activities of political radical groups and offers scientifically based conclusions on the prevention of its adverse effects.*

***Keywords:*** *Extremism, imposed civil war, organized criminal groups, nation state, threats, extremist thinking, extremist ideology.*

Бо гузашти айём сабақҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ аҳли зиё ва рӯшанфикрони кишварро водор ба он месозад, ки пайваста паҳлуҳои гуногун масъалаи ифротгароиро мавриди омӯзиш қарор дода, пайомадҳои номатлуб ва фоҷеабори онро барои амнияту субот ва рушди давлатдории миллӣ пешгирӣ созанд. Ин рисолати муқаддаси ҷомеаи илмии кишвар мебошад. Вобаста ба ин, ба андешаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ,

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: - «яке аз сабабҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-уми асри гузашта маҳз ҳамин гуна бетарафию хусумат, бепарвоӣ ва ҳатто дастгирии қувваҳои ғайриқонунӣ аз ҷониби баъзе олимону донишмандон ва зиёиёни асолатбохта буд» [10]. Дар воқеъ, мақсаду вазифаи ҳар як олим ва рӯшанфикри тоҷик, пеш аз ҳама, ин ҳимояи манфиатҳои миллӣ, пешгирии таҳдидҳо, роҳнамоии ҷомеа, тақвияти сатҳи зеҳнию маърифатии мамлакат, тавассути тарбияи насли наврас бартараф намудани ҷаҳлу нодонӣ ва дар маҷмуъ таъмини амнияти кишвар аз таҳдиду хатарҳои нави замони муосир мебошад. Мавқеи мазкур дар фаъолияти ҳар як зиёии асил нақши муассир дорад. Зеро зоҳиршавии шаклҳои гуногуни ифротгароӣ, хусусан ифротгароии динӣ ҳамоно масъалаи ташвишовар боқӣ монда, «Созмонҳои террористӣ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ ва бо роҳи тафсири ғаразноки сарчашмаҳои динӣ дар мафкураи ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳ ғояҳои тундгароиро ҷой карда, онҳоро ба қатлу куштор, барҳам задани амният ва суботу оромӣ дар мамлакатҳои гуногун ташвиқ менамоянд» [11]. Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Афғонистон ҳамсарҳад мебошад таҳдиди паҳншавии фаъолияти ташкилотҳои байналмилалии террористӣ ва тафаккури ифротиро бештар эҳсос менамояд. Пешвои муаззами миллат таъкид намуданд, ки: - «Ба анҷом расидани задухӯрдҳои мусаллаҳона дар ҳудуди Ироқ ва Сурия маънии пурра барҳам хӯрдани ташкилоти террористии ба ном «Давлати исломӣ» ва дигар созмонҳои террористиро надорад ва набояд боиси хотирҷамъиву ғафлати сохтору мақомоти дахлдор ва аҳли ҷомеа гардад» [13].

Идеологияи ифротгароӣ ин зуҳуроти номатлубест, ки он низоми мавҷудаи сиёсию иқтисодӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ ва фикрии ҷомеаро вайрон намуда, моҳияти зиддибашарию зиддитамаддунӣ дорад. Аслан, «ифротгароиро ба маъни ифрот (аз ҳадди зарурӣ зиёд нишон додани маҳфуме ё чизе) ва тафрит (аз андозаи зарурӣ кам нишон додани маҳфуме ё чизе) дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангӣ» [3]. маънидод менамоянд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» мафҳуми экстремизм чунин баён гардидааст: «Экстремизм ‟ ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст» [13]. Зеро, «дар зеҳну тафаккури шахси радикал андешаҳои ифротӣ ба омили муҳимтарини рафтор табдил мeёбанд ва хатари инсони радикал, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки эътиқодаш зиёд ва даркаш кам аст» [2].

Дар ҳақиқат рушди тафаккури ифротӣ ҷомеаро аз рушди бонизоми илмию иқтисодӣ, маърифатӣ ва фаъолияти созанда боз мемонад. Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ин нуктаро собит сохтааст. Баъди пошхӯрии ИҶШС дар саҳнаи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон парадигмаҳои дунявиятгароӣ ва исломисозии низоми сиёсӣ авҷ мегирифт. Вобаста ба ин созмонҳои гуногуни сиёсӣ-радикалӣ вориди саҳнаи сиёсии кишвар шуда, шаклҳои гуногуни ифротгароиро дар фаъолияти худ истифода менамуданд. Чунин ғояҳо ҳанӯз дар замони шӯравӣ пайдо шуда, паҳн шудан мегирифтанд. Фаъолияти эмиссарҳои исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон афзоиш ёфта, баъзе зиёиён ва аҳолии кишварро ба ҷараёнҳои тундрави динию сиёсӣ шомил сохтанд. Дар ин замина таъсири гуруҳҳои радикалии исломӣ нисбат ба дигар ҳизбу ҳаракатҳои тундгаро таъсири ноороmкунандаи худро ба вазъияти сиёсию амниятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз як сохти ҷамъиятӣ ба сохтори нав ворид мешуд, эҳсос мешуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ бо сабаби таъсири махсусан бузурги исломгароии радикалӣ ба раванди сиёсӣ таҷрибаи талхи ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро аз сар гузаронид, ки дар натиҷаи он низоми давлатдорӣ ва соҳаҳои ҳаётан муҳимми кишвар фалаҷ гардиданд. Ин падида бо он алоқаманд аст, ки Тоҷикистон ягона ҷумҳурии Осиёи Марказӣ шуд, ки дар солҳои 1990-ум ба қатли хунин, ҷанги шаҳрвандӣ гирифтор карда шуд, ки дар асл мубориза и ду тамоюли рушд ‟ дунявӣ ва теократӣ буд. Дар ин давра манфиатҳои ҳам бозингарони минтақавӣ ва ҳам абарқудратҳои сатҳи ҷаҳонӣ, ки баъдтар онҳо дар гуфтугӯи байни тоҷикон иштирок

карданд, ба ҳам бархӯрданд, ки дар ниҳоят ба ҳалли низоъ оварда расонд. Дар раванди мазкур Тоҷикистон ягона кишвари Осиёи Марказӣ буд, ки муддати тӯлонӣ дар системаи сиёсии он фаъолияти ҳизби исломӣ расман иҷозат дода шуда буд ва он (ҲНИ) дар Парлумони кишвар вакилони худро пешбарӣ менамуд. Омили мазкур ба раванди болоравии ифротишавӣ дар кишвар нақши бевосита дошт. Инчунин омилҳои сатҳи пасти зиндагии аҳолӣ, паҳншавии нашъамандӣ, паҳн кардани ғояҳои радикалӣ, сатҳи баланди бекорӣ, самаранокии сусти фаъолияти сохторҳои давлатӣ, фалаҷ гардидани сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, буҳрони идеологӣ ва ҳуввияти миллӣ ин боиси авҷгирии радикализм ва гуруҳҳои муташаккили ҷиноятӣ мегардид, ки он вазъияти амниятии кишварро боз ҳам

мушкилтар сохта хатари аз байн рафтани давлату миллати тоҷикро ба бор оварданд. «Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва авҷ гирифтани мавҷи гурезагон сулҳу оромӣ орзуи ягонаи мардум буд. Бинобар ин, Сарвари давлат кори худро аз таъмини сулҳ оғоз намуданд ва дар кутоҳтарин муддат муҳаббати мардумро сазовор шуданд. Хушбахтона, моҳи ноябри соли 1992 бахту иқболи баланд насиби миллати тоҷик гардиду Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Сарвари давлат интихоб шуданд» [11].

Дар мавриди тақвияти фаъолияти созмонҳои тундгаро муҳаққиқи тоҷик Ҳафиззода Ш.Х. таъкид менамояд, ки: «вобаста ба рушди ифротгароӣ дар Тоҷикистон бояд нақши манфии ташкилоти экстремистию террористии ҲНИ"ро иброз кард, ки ҳадафи он таъсиси давлати исломӣ дар кишвар буд» [16]. Дар шароити имрӯза ҷиноятҳои хусусияти экстремистию террористидошта афзоиш ёфта, фаъолшавии гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, терроризми байналмилалӣ, ҷалби ҷавонону наврасон ба сафи ташкилотҳои байналмилалии экстремистиву террористӣ ва иштироки онҳо дар низоъҳои мусаллаҳонаи давлатҳои хориҷӣ ба яке аз масъалаҳои ташвишовар табдил ёфтааст. Тавре муҳаққиқи дигари тоҷик И.Г. Зиёев қайд менамояд: «Доираҳои манфиатдори мазҳабӣ ва созмонҳои динии радикалии хориҷӣ низ аз чунин фурсат истифода карданд ва бо раҳбарияти ТТЭ ҲНИ ва рӯҳонияти мутаассиб робита барқарор карда, фаъолияти таблиғотии худро дар Тоҷикистон тавассути онҳо ба роҳ монданд. Авҷ гирифтани таассуб ва тундгароии динӣ дар солҳои навадуми асри гузашта боиси сар задани ҷанги дохилӣ гардид» [5, 53-59]. Маҳз нерӯҳои тундгаро ва ифротгароии динӣ қувваҳои асосии пешбарандаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буданд. Аз ин рӯ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои зиёд кӯшиш ба харҷ дода истодаанд, то ин ки ҷомеаи кишварро аз таҳдиду хатари мазкур огоҳ созанд. Собиқ ходими ҳизбию давлатӣ Ҳикматулло Насриддинов дар китоби худ таҳти унвони «Таркиш» шаклҳои гуногуни зоҳиршавии ифротгароиро, ки чархаи ҷанги таҳмилии шаҳрвандиро дар кишвар ба таври мафкуравӣ ба ҳаракат медаровард, чунин иброз доштааст: «Дар Тоҷикистон рақобати бемаънӣ дар байни олимон, шоирон, аҳли илму фарҳанг ва бешак вакилони халқ ба миён омад. Ҳар гурӯҳро нотавонбинии гурӯҳи дигар маҷбур сохт, ки худро ҳимоят кунад... Ҷанги маънавӣ вобаста ба имкониятҳои айёмибозсозиҳои бемаънӣ авҷ гирифт. Як муддат ҳисси ифтихори маҳал аз ифтихори Ватан – Тоҷикистон ва миллати ягонаи тоҷик болотар шуд. Ҳам олим ва ҳам барзгар дар ҷаҳли мураккаб даромада, Аҳриман роҳнамои мардуми сокини Тоҷикистон шуд. Ононе, ки Тоҷикистонро ба ин варта гирифтор карда буданд, тамошогар шуданд» [9, 14-15].

Ифротгароӣ ва фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ миллати тоҷикро ба ҳодисаҳои нангину қисматсӯз гирифтор сохт, ки таъсири манфии он то ҳол боқӣ мондааст. Агар роҳбарияти вақти кишвар, аҳли зиё, шоирон, нависандагон ва тамоми қишрҳои ҷомеа аз як гиребони иттиҳод сар мебароварданд ва ба муқобили амалиётҳои ифротгароёнаи мухолифин ҷанги идеологию маънавӣ оғоз мекарданд, он гоҳ пеши роҳи ҷангу хунрезӣ ва майдоннишиниро гирифта метавонистанд. «Мардуми бечора намедонист, ки ҷониби кӣ роҳ гираду, кадом ақидаю чи гуна сиёсатро ҷонибдорӣ намояд. Сиёсатмадорони оппозитсия, ки гурги борондида буданд, ақидаи халқро тағйир дода, ба ҷониби худ мегардонданд. Аксаран корбарии ифротиюн андар миёни мардум

муштзурона ба амал меомад, ки дар як даст қуръону дар дасти дигар ба ҷои шамшер калашников дошта, заҳматкаши бечораро бо занталоқӣва марг таслими найранги хеш менамуданд» [7].

Зоҳиршавии ифротгароӣ дар шаклҳои гуногуни худ мардуми Тоҷикистонро вориди майдонҳои Озодӣ ва Шаҳидон намуд. Онҳо соҳиби силоҳ гардида, аз доираи эътидол берун монданд. Дидгоҳҳои мухолиф ақидаҳои сиёсию иҷтимоии гурӯҳҳои ҷомеаро аз ҳам дур сохта, заминаҳои мафкуравии ваҳдату ҳамгироии миллӣ коста гашт. «Азбаски имконияти дубора оштӣ намудани тарафҳо аз байн рафта буд, яке намояндаи дигареро гаравгон гирифта, саркуб мекард (ҳарду майдон соҳиби таҳхонаҳо шуданд, ҳарду асирони якдигарро шиканҷа медоданд). Тоҷи давлату давлатдории тоҷикон дар байни ду майдон пойандоз афтода буд» [1, 27].

Ифротгароӣ, сатҳи пасти маърифат ва маданияти сиёсии ҷомеаро сабагори ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ арзёбӣ намудааст [12]. Ҷанги таҳмилии шаҳрвандии кишварро танҳо нерӯва сарвари сиёсӣ тавоно тавассути ақлонияти солиму созанда ва маданияти баланди давлатдорию меҳанпарастӣ метавонист ба эътидол орад ва сулҳу амнияти ҷомеаро пойдор гардонад. Дар воқеъ, «ин ҷанг қаҳрамон, ғолибу мағлуб надошт. Ҳарду ҷониб мусибатзада буданд. Вале он кас ё ҷонибе, кӣ аз ин ба баъд дар пойдории сулҳ ва оштии миллӣ саҳми бештарро бигирад давлати миллӣ таъсис бидиҳад, қаҳрамони миллӣ ҳамон хоҳад буд» [4, 1090]. Албатта ин, «Ҳақиқати эътирофшуда аст, ки Даврони Эҳёи миллати тоҷик дар марҳилаи навин аз аввалин суханони Роҳбари тозаинтихобгаштаи давлати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз минбари Қасри Арбоб оғоз гардид. Яъне, Сарвари давлати тоҷикон амалеро ки дар доираи тавони як роҳбари камназир ва ватанпарвари таърихофарин аст, иҷро намуд» [15, 26-27]. Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аркони давлатдорӣ ва шохаҳои фалаҷгардидаи ҳакимиятро дар кишвар барқарор намуда, пояҳои истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро қавӣ сохт. Сулҳу ваҳдати миллӣ, суботи сиёсию иҷтимоӣ ва дар маҷмӯъ тамоми дастовардҳои давлатдории навини Ҷумҳурии Тоҷикистон самараи фаъолияти сиёсӣ ва заҳмату талошҳои хастанопазири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Ҳақиқатан, антропологи шинохтаи фаронсавӣ Гюстав Лебон қайд менамояд, ки «Агар орзуву омоли мардумро амалӣ карда натавонӣ, пешвои онҳо шудан номумкин аст» [8]. Дар ҳақиқат, Пешвои муаззами миллати тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон орзуву омоли мардуми азияткашидаи Тоҷикистонро амалӣ карда, кишварро аз вартаи нобудшавӣ наҷот дод. Бо талошҳои Пешвои миллат имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор дар самти мубориза бар зидди ифротгароӣ ва терроризм эътироф шудааст. Таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон ва ба ваҳдати миллӣ овардани гуруҳҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои гуногуни ифротгаро намунаи муваффақи сулҳофарӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошад. Вобаста ба ин «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» амал менамояд, ки барои пешгирӣ намудани ифротгароӣ нақши муҳим дорад [14].

Дар маҷмӯъ, ифротгароӣ ҳамеша ба амнияту суботи сартосарӣ ва афзалиятҳои давлатдории миллӣ ҳамчун таҳдид маҳсуб гардида, пешгирӣ намудани ин зуҳуроти номатлуб ва дар рӯҳияи эҳтироми дастовардҳои нави замони соҳибистиқлолӣ тарбия намудани насли наврас яке аз самтҳои асосии сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

## АДАБИЁТ:

1. Аслиддини Соҳибназар. Субҳи ситоракуш. Китоби аввал. Интишороти “Дониш”, “ 1997. 310 с.
2. Баротов И.И. Таҳдидҳои монеаафкан дар масири бунёди давлати дунявӣ:

3. https://khovar.tj/2022/05/ta-did-oi-moneaafkan-dar-masiri-bunyodi-davlati-dunyav- mul iza oi-muovini-sardori-rayosati-om-zishi-masala-oi-amniyati-minta-avii-markazitad-i-oti-strategii-nazdi-prezidenti-t/ (Санаи мурочиат: 20.05.2025).
4. Бердиев Ш.П. Ифротгарои динӣ ва идеологияи хатарноки он / Ш. П. Бердиев, З. Ф. Алимардонзода //Паёми донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. ̔ 2024. ̔ No. 2-3(14-15). ̔ P. 31-35. ̔EDN ALACLA.
5. Бурӣ Карим. Фарёди солҳо. М.: Трансдорнаука, 1997, С. 1090, - 1104 с.
6. . Зиеев И. Г. Причины появления радикализма в Таджикистане / И. Г.Зиеев//
7. Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова
8. Академии наук Республики Таджикистан. ̔ 2019. ̔ № 4. ̔ EDN QLICDW.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2 январи соли 2020. [Сарчашмаи электронӣ ]. URL: http://mmk.tj (Санаи мурочиат: 12.06.2025)
10. 7. Кенҷаев С. Табаддулоти Тоҷикистон: Иборат аз се китоб. Китоби аввал, - Душанбе 1993 ̔ 496 с.
11. Лебон Г. Психология народов и мас. Пер. с франц. ̔ М.: АСТ, 2019. ̔ 384 с.
12. Насриддинов Ҳикматулло. Таркиш, ̔ Душанбе, Нашриёти «Афсона», ̔1995, ̔ 305с.
13. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019.
14. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 // Ҷумҳурии, № 256 (23599), аз 26 декабри с.2018.
15. Раҳмонов Т. Осори мунтахаб. Душанбе, ̔ 2016. ̔ ҶСК «Чопхонаи Дониш», ̔ 349с.
16. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар. ̔Душанбе 20 майи соли 2024.
17. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. [Сарчашмаи электронӣ]. https://www.prokuratura.tj/point 22/66-toik/news/1229-piramidai-moliyav-19.html (таърихи истифодашуда 1.06.2025) Холиқов Ф.А. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон - Асосгузори давлати навини тоҷикон /Ф. А. Холиқов // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. ̔ 2024. ̔ No. 1(85). ̔ P. 79-89. ̔ EDN IWEUFB.
18. Хафиззода Ш.Х Политико-правовые меры противодействия экстремизму и терроризму в Республике Таджикистан / Ш. Х. Хафиззода // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. ̔ 2017. ̔ № 4(36). ̔ С. 153-160. ̔ EDN YXSXCX.
19. Ятимов С.С. Эҳёи миллат ̔ бақои давлат. Матбааи МО КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон. ̔ Душанбе 2023. ̔ 48 с.

## ҲОЛАТ ВА ДУРНАМОИ ҶАЛБИ МУҲОҶИРОНИ МЕҲНАТӢ БА САФИ ТАШКИЛОТҲОИ ТЕРРОРИСТӢ ДАР ШАРОИТИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

**СУЛАЙМОНОВ У.М.**
*Унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур сабабҳо ва омилҳои ҷалби муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар Федератсияи Россия ба сафи ташкилотҳои байналмилалии экстремистию террористӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Инчунин муаллиф мушкилотҳоеро ки муҳоҷирон ҳангоми будубоши худ дар Федератсияи Россия рӯ ба рӯ мешаванд таҳлил намуда, вобаста ба камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта, хулосаҳои илман асоснокшуда пешниҳод намудааст.*

**Калидвожаҳо:** *Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои байналмилалии террористӣ, мигрантофобия, Федератсияи Россия, мағзшӯӣ, муҳоҷират, манфиатҳои миллӣ.*

## ПОЛОЖЕНИЕ И ДИНАМИКА РАЗВИТИЯ ПРИВЛЕЧЕНИЯ В РЯДЫ МЕЖДУНАРОДНЫХ ЭКСТРЕМИСТСКИХ И ТЕРРОРИСТИЧЕСКИХ ОРГАНИЗАЦИЙ СО СТОРОНЫ ТАДЖИКСКИХ ТРУДОВЫХ МИГРАНТОВ В УСЛОВИЯХ РОССИСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ

**СУЛАЙМОНОВ У.М.**
*Соискатель Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В данной статье рассмотрены причины и факторы привлечения таджикских трудовых мигрантов в Российской Федерации в ряды международных экстремистских и террористических организаций. Также автор проанализировал проблемы, с которыми сталкиваются мигранты во время своего пребывания в Российскую Федерацию, и сделал научно обоснованные выводы в этом направлении.*

**Ключевые слова:** *Республика Таджикистан международные террористические организации, мигрантофобия, Российская Федерация, промывание мозгов, миграция, национальный интересы.*

## THE CAUSES AND FACTORS OF ATTRACTING TAJIK MIGRANTS IN THE RUSSIAN FEDERATION TO THE INTERNATIONAL EXTREMIST AND TERRORIST ORGANIZATIONS

**SULAYMONOV U.M.**
*Applicant of the Institute of Philosophy, Law and Political Sciense named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Scienses of Tajikistan*

*This article analysis the causes and factors of attracting Tajik migrants in the Russian Federation to the international extremist and terrorist organizations. The author also analyzed the problems faced by migrants during their stay in the Russian Federation, and made scientifically conclusions about the shortcomings in this direction.*

**Keywords:** *Republic of Tajikistan, international terrorist organizations, migrantophobia, Russian Federation, brainwashing, migration, national intressts.*

Дар шароити ҷаҳонишавӣ муҳоҷират ба як раванди умумиҷаҳонӣ табдил гардида, дар низоми рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳо ҷойгоҳи махсус касб намудааст. Дар заминаи муносибатҳои нави иқтисодӣ, рушди демографӣ ва тақсимоти байналмилалии меҳнат тамоюлҳои мухталифи муҳоҷират дар амалияи ҷамъиятӣ ба миён омадааст. Тибқи омори Созмони байналмилалии муҳоҷират, айни замон теъдоди умумии муҳоҷирони меҳнатӣ дар ҷаҳон беш аз 240 миллион нафарро ташкил дода, мувофиқи пешбиниҳои ин созмон соли 2050 ин шумора 405 миллионро ташкил хоҳад дод.

Бояд дарк намуд, ки ҷараёни бо шиддати муҳоҷират пеш аз ҳама ба самтҳои сиёсӣ ва демографӣ таъсири худро мерасонад. Дар ин робита вазъи демографӣ, этникӣ, иҷтимоию иқтисодӣ аз мадди назар дур намонда, нақши сохторҳои марбутаи давлат ба қарорҳои сиёсӣ-идоракунӣ меафзояд. Нигоҳ доштани тартиботи сиёсӣ ба ин самт нигаронида шуда, муҳоҷират ҳамчун объекти назорат ва танзими сиёсӣ, ҳисобида мешавад. Аммо барои таъмини рушди самараноки он бе омӯхтани вазъ ва донишҳои замонавӣ ғайриимкон мебошад.

Дар ин замина муҳоҷирати меҳнатӣ ҳамчун воситаи таъмини бозори байналмилалии меҳнат яке аз омилҳои асосии дигаргуниҳои иҷтимоӣ дар рушди иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аксарияти муҳоҷирони меҳнатии мо ба Федератсияи Россия сафар намуда, дар ин кишвар ба фаъолияти меҳнат шуғл меварзанд. Онҳо бештар дар соҳаҳои хизматрасонӣ, сохтмон ва агросаноатӣ фаъолияти худро ба роҳ мемонанд. Кишварҳои фазои пасошуравӣ (Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Узбекистон ва Тоҷикистон) ба сифати донори асосии муҳоҷирони меҳнатӣ ба Федератсияи Россия мебошанд [4, 109 – 114].

Агар соли 2021 650012 нафар муҳоҷири тоҷик ба таври мавсимӣ ба ин кишвар барои фаъолияти меҳнатӣ сафар намуда бошанд, пас соли 2022 ин шумора 986717 нафарро ташкил додааст [4, 127]. Аз ин рӯ, омӯзиши равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ дар шароити ҳамгироии кишвар бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таҳкими муносибатҳои тиҷорати байналмилалӣ самти афзалиятнок маҳсуб мегардад.

Таҳлили динамикаи раванди муҳоҷират ба Федератсияи Россия тақозо менамояд, ки дар ин самт таваҷҷӯҳ ба сатҳу сифат, тахассусмандӣ ва касбияти он равона гардад. Муҳоҷирон ҳамзамон дар афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохила на танҳо Тоҷикистон балки маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвари қабулкунанда, ташаккули буҷетҳои минтақавӣ, афзоиши иқтидори иқтисодии Федератсияи Россия низ саҳм мегузоранд. Таҳлили равандҳои муҳоҷират аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷомеаҳо дар ҳамаи равандҳои иҷтимоию фарҳангӣ ҳамеша як идеяро нигоҳ медоштанд, ки он муколамаи муҳоҷирони меҳнатӣ бо воқеиятҳои иҳотакардаи ӯ зимни будубош дар кишвар қабулкунандаи онҳо мебошад.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» оварда шудааст, ки:— «муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа — сафари ихтиёрии қонунии шаҳрвандони ба таври доимӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон сукунатдошта ба хориҷи кишвар, инчунин сафари шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ ба таври доимӣ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон сукунатдошта ба қаламрави он барои машғул шудан ба кори музднок тибқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ» мебошад [2]. Тибқи Қонуни мазкур муҳоҷири меҳнатӣ шахсест, ки бо мақсади кор сафар намуда, дар он кишвар ба таври доимӣ истиқомат намекунад, шаҳрванди он намебошад, ва ба фаъолияти меҳнатии музднок машғул мешавад.

Бояд қайд намуд, ки яке аз мушкилоти муҳимми муҳоҷирати меҳнатии тоҷик дар Федератсияи Россия дар он аст, ки муҳоҷирон дар зери таъсири ғояҳои ташкилотҳои байналмилалии экстремистию террористӣ қарор гирифта, дар актҳои террористӣ ҳадафмандона мавриди истифода қарор мегиранд. Амалҳои террористӣ, ки бо фармоиши ташкилотҳои байналмилалии экстремистию террористӣ анҷом дода мешаванд, бештар ба ҳиссаи муҳоҷирон рост меояд. Гарчанде ки аксари муҳоҷирони тоҷик дар ин кишвар софдилона кор мекунанд ва дар асоси қонунҳои амалкунандаи ин кишвар ба зиндагии муқаррарӣ машғуланд, аммо баъзе аз онҳо дар зери таъсири гурӯҳҳои радикалӣ қарор мегиранд.

Илова бар ин, омили муҳоҷират дар кори тахрибкоронаи хадамоти махсуси хориҷӣ, пеш аз ҳама, Ғарб фаъолона истифода мешавад. Тавре ки дар вақтҳои охир мушоҳида карда мешавад диққати "Коллективи Ғарб ба нооромиҳо дар кишварҳои Иттиҳод ва давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тавассути баланд бардоштани иқтидори низоъ

дар тамоми фазои ИДМ ва марзҳои он равона шудааст" [4]. Ин кӯшишҳо ба маҳдуд кардани истиқлолияти ҳокимияти давлатӣ дар кишварҳои Иттиҳод равона шуда, дар таҳмил кардани шаклҳои нави ҳамкорӣ (берун аз ҳудуди Иттиҳод, ки фаъолияти робитаҳои қаблан муқарраргардидаро дар дохили он истисно мекунанд) дар соҳаи мудофиа ва амният ошкор карда мешаванд (дар мисоли Ҷумҳурии Украина).

Мақсади аслии элитаи сиёсии Амрико ва Бритониё таъқиби роҳбарии сиесии давлатҳои иштирокчии ИДМ ва дар натиҷа таъсири бевоситаи фаъолонаи худро ба вазъи кишварҳо аз дохил мебошад.

Зиёд гардидани ташрифи роҳбарияти сохторҳои қудратии Созмони Аҳдномаи Атлантикаи Шимолӣ ба давлатҳои Иттиҳод тасдиқи ин аст. Хадамоти иктишофии Амрико ва Британияи Кабир бо дастгирӣ ва истифодаи васоити ахбори омма, инчунин ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ фаъолияти васеъмиқесро барои омода кардани шароит барои ба таври зӯроварӣ тағйири ҳокимияти сиёсии кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ оғоз кардаид ин кишварҳо маҳз тавассути сиёсисозии мушкилоти муҳоҷирон дар кишварҳои ИДМ-ро афзоиш дода истодаанд.

Таҳлилҳои дар ин самт анҷомёфта нишон медиҳанд, ки аксарияти шаҳрвандоне, ки ба сафи ташкилотҳои байналмилалии экстремистию террористӣ шомилгардида, зимни дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доштанашон дар Федератсияи Россия мағзшӯӣ гардидаанд. Ҳамзамон, арзишҳои муҳити иҷтимоии Федератсияи Россия, ки ба он муҳоҷирони меҳнатии тоҷик ворид мешаванд, тадриҷан ба меъёрҳои рафтори онҳо таъсир гузошта, дар зери таъсири фаъолиятҳои экстремистии гуруҳҳои радикал бо истифода аз технологияҳои нави иттилоотӣ афкори ин қишр мавриди таваҷҷуҳи доираҳои манфиатдор қарор дода мешавад.

Муҳоҷирони меҳнатӣ зимни будубоши худ дар Федератсияи Россия ба як қатор мушкилиҳо ру ба рӯ мегарданд, аз ҷумла:

- Муҳоҷирони тоҷик дорои урфу одат, арзишҳо, ҷаҳонбинӣ ва тафаккури ба худ хос мебошанд, ки онҳо аз ин лиҳоз аз аҳолии бумӣ фарқ мекунанд. Ин ҳолат ҳамгироии онҳоро бо мардуми бумии ин кишвар мушкил сохтааст. Воридшавӣ ба фарҳанги бегона ба ҳувияти динии муҳоҷирони меҳнатӣ таъсири мусбат ва ё манфӣ мерасонад;
- Аксарияти муҳоҷирони тоҷик урфу одат, таърих, забон ва низоми қонунгузории Федератсияи Россияро намедонанд. Чунин ҳолат аксаран боиси фаъолияти ғайриқонунӣ ва поймол гардидани ҳуқуқҳои муҳоҷирон гардидааст;
- Муҳоҷирони тоҷик дар Федератсияи Россия аз доираи таъсири ахлоқ, ҷаҳонбинӣ ва арзишҳои миллӣ дур монда дар мафкураи онҳо андешаҳои хусусияти радикалидошта шакл мегирад. Аз имконияти ба миён омадани фазои холигӣ дар мафкураи онҳо, ташкилотҳои байналмилалии террористӣ самаранок истифода намуда, тавассути истифодаи шабакаҳои иттилоотии террористӣ ва технологияҳои нави замони муосир ба ҷалби мақсадноки онҳо ба сафи худ мепардозанд:
- Ташаккули рӯҳия ва стереотипҳои устувор бар зидди муҳоҷирони тоҷик, ки дар сатҳи муносибатҳои ҷамъиятию байнимиллӣ зуҳур ёфтааст ва ҳамчун аллергени ҷамъиятӣ аз онҳо эҳсоси нороҳатӣ менамоянд. Мигрантофобия ва ташаккули руҳияи ксенофобӣ нисбат ба муҳоҷирони тоҷик дар доираҳои мухталифи Федератсияи Россия ташаккул ёфта, ҳамчун паразитҳо арзёбӣ мегарданд.

Муҳаққиқи рус М.М. Апаева муҳоҷирати ғайриқонунии муҳоҷиронро ба Федератсияи Россия ҳамчун таҳдид ба амнияти миллии ин кишвар арзёбӣ намуда, омилҳои зеринро ишора намудааст: - «Аввалан, муҳоҷирон, дар сурати зиёд будани захираҳои меҳнатӣ, ташаннуҷро дар бозори меҳнат зиёд мекунанд; дуюм, афзоиши муҳоҷирон ба тағйири таркиби иҷтимоӣ-этникӣ ва таҳдиди аз байн бурдани аҳолии бумӣ ё табъизи онҳо боис шуда, метавонанд ҷудоии иҷтимоию фарҳангӣ бо аҳолии маҳаллиро

ба миён оваранд; сеюм, муҳоҷирон, ба фаъолияти ғайриқонунӣ машғул гардида, бо гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ ва ташкилотҳои байналмилалии террористӣ робита барқарор менамоянд; чорум, муҳоҷирон аз пардохти андозҳо ва дигар пардохтҳои иҷтимоӣ ва коммуналӣ ба буҷетҳои ҳама сатҳҳо саркашӣ мекунанд ва содироти доимии беназорати пули накдро, одатан тавассути системаҳои интиқоли ғайрирасмии пул анҷом медиҳанд» [1, 104].

Ҷомеашиноси амрикоӣ К. Хиршман паҳлӯҳои динии фаъолияти муҳоҷирати меҳнатиро мавриди омӯзиш қарор дода, нақши худшиносии диниро дар раванди адаптатсияи муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити будубоши онҳо дар кишварҳои хориҷӣ махсусан муҳим арзёбӣ намудааст. “Дарвоқеъ, фаъолшавии динии муҳоҷирони меҳнатӣ дар шароити муосир ба яке аз мушкилотҳои амниятӣ табдил ёфтааст. Солҳои охир аксари амалу кирдорҳои террористӣ аз мавқеи муҳоҷирони меҳнати сурат гирифта истодааст, ки он боиси ташвиши кишварҳои донор ва қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ гардидааст” [6].

Устоди донишгоҳи Бейлори ИМА Ҷ. Р. Родес иброз медорад, ки: «ҳуввият ва урфу одатҳои динӣ дар раванди адаптатсияи муҳоҷирони меҳнатӣ нақши ҳалкунанда дошта, тавассути воситаҳои коммуникатсионии нав ва шабакаҳои иҷтимоӣ онҳо ба шабакаҳои террористӣ пайваст мегардад» [7].

Омилҳои гуногуни иҷтимоию фарҳангӣ мавҷуданд, ки ба ташаккули ҳувияти динии муҳоҷирон таъсир мерасонанд. Дар муҳити этнофарҳангӣ дар шуури муҳоҷирони меҳнатӣ тағйиротҳои зудтар ба амал меоянд, ки онҳо ба рафтор, тарзи зиндагӣ ва фарҳанги онҳо таъсир мерасонад. Аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳувияти динӣ ин як падидаи фарҳангӣ аст, ки одатан мансубият ба ягон миллатро нишон медиҳад. Тавре муҳаққиқи ватанӣ А.А. Ҳодибоева иброз медорад: «Яке аз омилҳои муҳимтарини ташаккули ҳувияти динӣ дар шароити муҳоҷирати меҳнатӣ ин иҷтимоишавӣ дар шароити нави зиндагӣ мебошад» [5].

Дар шароити фаъолият ва ҳамзистии давлатҳои бисермиллатӣ, дар фазои пасошӯравӣ, тақвияти равандҳои муҳоҷират дар онҳо масъалаи эҳё ва таҳкими ҳувияти миллӣ дар ин ҷумҳуриҳои мустақил аз ҷумла, дар Тоҷикистон ба миён омад. Бо ин гуфтаҳо таҳлили омилҳои иҷтимоию фарҳангии ҳувияти динӣ ба мо имконият медиҳад ҷанбаҳо ва самтҳои махсусан муҳимми омӯзиши падидаи мазкурро дар шароити муҳоҷирати меҳнатӣ баррасӣ намоем.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони соҳибистиқлолӣ заминаҳои меъёрию ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатиро пайваста такмил дода, ҳимояи манфиатҳои онҳоро тавассути санадҳои зерин дар хориҷи кишвар ба роҳ мондааст:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- принсипҳо ва меъёрҳои эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо ва қонунҳо;
- санадҳои қонунӣ (қарорҳои Маҷлиси Миллӣ ва Маҷлис) намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо ва Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва Фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон);
- санадҳои меъёрии мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират;
- санадҳои меъёрии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ғайраҳо.

Воқеиятҳои геополитикии ҷаҳони муосир бо равандҳои фаромиллӣ гардидани динҳо (детерриторизация религии) зич алоқаманд аст. Муҳоҷирон дар аксар маврид аз равишҳои маъмули ҳамгироӣ тавассути азхудкунии фарҳанги таҳҷоии кишварҳо худдорӣ намуда хусусиятҳои фарҳангӣ этнодиниро омили ҳамгироӣ тасаввур менамоянд. Мутобиқшавӣ ва ҳамгироии муҳоҷирон дар Русия хусусиятҳои худро дорад. Аммо аҳаммияти омили динӣ ҳамчун унсури муҳимми ҳувияти муҳоҷирон ба "захми муҳоҷират" (травмы иммиграции) табдил мегардад.

Дар маҷмӯъ фазои муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз доираҳои осебпазир ҷиҳати ҷалби ҷавонон ба сафи ташкилотҳои террористию экстремистӣ махсуб гардида, омили мазкур метавонад дар муносибатҳои байнидавлатӣ таъсиригузор бошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Апаева, М. М. Незаконная миграция как угроза национальной безопасности России / М. М. Апаева // Вопросы структуризации экономики. – 2010. – № 2. – С. 103-105. – EDN NXRBKZ.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муҳоҷират (Электронный ресурс) // URL: https://majmilli.tj/0/ (Дата обращения 25.04.2025).
3. Логинова, Е. В. Трудовая миграция в российских регионах в контексте обеспечения экономической безопасности / Е. В. Логинова, М. М. Гузев, А. В. Литвинова // Региональная экономика. Юг России. – 2024. – Т. 12, № 2. – С. 125-138. – DOI 10.15688/re.volsu.2024.2.11. – EDN UCTOOE.
4. Табарова, Г. М. Трудовая миграция и процесс адаптации трудовых мигрантов / Г. М. Табарова // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. – 2019. – № 2. – С. 109-114. – EDN MPFQNH.
5. Ходибоева, А. А. Социокультурные факторы в формировани и религиозной идентичности мигрантов / А. А. Ходибоева // Вестник педагогического университета. Серия: Философские науки. – 2022. – № 2(6). – С. 127-137. – EDN CRMUII.
6. Hirschman, C. (2004) “The Role of Religion in the Origins and Adaptations of Immigrant Groups”, United States 38: 1206–1233.
7. Rhodes, Jeremy R. (2011) Religious Identities: Self-Identification and Denominational Affiliation. A Dissertation. Submitted to the Graduate Faculty of Baylor University in Partial Fulfillment of the Requirements for the Degree of Doctor of Philosophy [https://baylor-ir.tdl.org/handle/2104/8241, accessed on 12.03.2021]

УДК: 32/004.056.5/355.45

# «КИБЕРАРТИШ»: АЗ МУДОФИАИ АНЪАНАВӢ ТО УСТУВОРИИ КИБЕРӢ (ТАҲАВВУЛОТИ СТРАТЕГИЯҲОИ ГЕОПОЛИТИКӢ)

**АСЛАМЗОДА Н.**
*ассистенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

*Мақола ба яке аз масъалаҳои муҳимми низоми донишҳои муосири сиёсӣ, махсусан, донишҳои геополитикӣ бахшида шудааст. Бо далели оне, ки дар шароити рушди рақамикунонии ҳаёти сиёсӣ, низоми идоракунии давлатӣ, татбиқи барномаҳои рушди тсратегии давлат, самтгириҳои консепсиявӣ ва доктринавии давлат, инчунин мураккаб гардидани рақобатҳои сиёсӣ дар сатҳи минтақавӣ ва глобалӣ, киберфазо ба як майдони муҳимми стратегии ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ, таъмини амният, аз тарафи дигар бошад, майдони муқовимати ҷаҳонӣ, ба вуҷуд омадани зиддиятҳо ва хатарҳои навъи нав ба амнияти миллӣ табдил ёфтааст. Дар мақола таҳаввулоти тафаккури ҳарбӣ ва сиёсӣ, масъалаи зарурати гузариш аз мудофиаи анъанавӣ то таҳкими устувории киберӣ ҳамчун унсури марказии амнияти давлатӣ ва геополитикӣ дар замони муосир баррасӣ мешавад. Диққати махсус ба институтсионализатсияи артиши киберӣ, нақши онҳо дар ҳифзи соҳибихтиёрии рақамӣ, инчунин таҳкими сохтори мудофиаи миллӣ дар посух ба таҳдидҳои киберӣ дода мешавад. Табдил додани стратегияҳои геополитикии қудратҳои ҷаҳонӣ дар заминаи ҷангҳои киберӣ, амалиёти иттилоотӣ ва бартарияти технологӣ таҳлил карда мешавад. Зарурати таҳияи стратегияҳои миллии устувории киберӣ ҳамчун равиши ҳамаҷониба барои таъмини амнияти миллӣ дар шароити вобастагии ҷаҳонии киберӣ асоснок карда шудааст.*

**Калидвожаҳо:** *кибeрартиш, артиши киберӣ, фазои киберӣ, фазои иттилоотӣ, устувории киберӣ, соҳибихтиёрии рақамӣ, таҳдидҳои киберӣ, амалиёти иттилоотӣ, геополитика, стратегияҳои геополитикӣ, амнияти миллӣ, амнияти рақамӣ, ҷангҳои гибридӣ, суботи сиёсӣ, мудофиаи миллӣ, назорати фазои киберӣ, мусаллаҳшавии киберӣ.*

# «КИБЕРАРМИЯ»: ОТ ТРАДИЦИОННОЙ ОБОРОНЫ К КИБЕРУСТОЙЧИВОСТИ (ЭВОЛЮЦИЯ ГЕОПОЛИТИЧЕСКИХ СТРАТЕГИЙ)

**АСЛАМЗОДА Н.**
*ассистент кафедры политологии Таджикий Национального университет*

*Статья посвящена одному из важных вопросов системы современных политических знаний, в частности геополитических знаний. В связи с тем, что в условиях развития цифровизации политической жизни, системы государственного управления, реализации стратегических программ развития государства, концептуальных и доктринальных ориентаций государства, а также усложнения политической конкуренции на региональном и глобальном уровнях киберпространство стало важной стратегической сферой защиты геополитических интересов, обеспечения безопасности, а с другой стороны, полем глобального противостояния, возникновения новых типов противоречий и угроз национальной безопасности. В статье рассматривается эволюция военно-политического мышления, вопрос о необходимости перехода от традиционной обороны к укреплению киберустойчивости как центрального элемента государственной и геополитической безопасности в современную эпоху. Особое внимание уделено институционализации киберармии, ее роли в защите цифрового суверенитета, а также укреплению структуры национальной обороны в ответ на киберугрозы. Анализируется трансформация геополитических стратегий мировых держав в условиях кибервойны, информационных операций и технологического доминирования. Обоснована необходимость разработки национальных стратегий киберустойчивости как комплексного подхода к обеспечению национальной безопасности в условиях глобальной кибервзаимозависимости.*

**Ключевые слова:** *киберармия, киберпространство, информационное пространство, киберустойчивость, цифровой суверенитет, киберугрозы, информационные операции, геополитика, геополитические стратегии, национальная безопасность, цифровая безопасность, гибридная война, политическая стабильность, национальная оборона, контроль киберпространства, кибервооружение.*

## "CYBER ARMY": FROM TRADITIONAL DEFENSE TO CYBER RESILIENCE (THE EVOLUTION OF GEOPOLITICAL STRATEGIES)

**ASLAMZODA N.**

*assistant of the Department of Political Science of the Tajik National University*

*The article is devoted to one of the important issues of the system of modern political knowledge, in particular geopolitical knowledge. Due to the fact that in the context of the development of digitalization of political life, the system of public administration, the implementation of strategic programs for the development of the state, conceptual and doctrinal orientations of the state, as well as the complication of political competition at the regional and global levels, cyberspace has become an important strategic area for protecting geopolitical interests, ensuring security, and, on the other hand, a field of global confrontation, the emergence of new types of contradictions and threats to national security. The article considers the evolution of military-political thinking, the issue of the need to move from traditional defense to strengthening cyber resilience as a central element of state and geopolitical security in the modern era. Particular attention is paid to the institutionalization of the cyber army, its role in protecting digital sovereignty, as well as strengthening the structure of national defense in response to cyber threats. The transformation of geopolitical strategies of world powers in the context of cyber warfare, information operations and technological dominance is analyzed. The necessity of developing national cyber resilience strategies as a comprehensive approach to ensuring national security in the context of global cyber interdependence is substantiated.*

**Keywords:** *cyber army, cyber army, cyberspace, information space, cyber resilience, digital sovereignty, cyber threats, information operations, geopolitics, geopolitical strategies, national security, digital security, hybrid war, political stability, national defense, control of cyberspace, cyber weapons.*

Тағйиротҳои низоми сиёсии ҷаҳонӣ, аксаран ҳамбастагӣ ва авфи давлатҳои муқтадири олам дар нисбати ташкилотҳо ва созмонҳои гуногуни террористиву экстемистӣ, дар ихтиёри онҳо қарор додани захираҳо ва зарфиатҳои бойи иттилоотиву техникӣ, масъалаи дар сатҳ ва ҷанбаҳои гуногуни таъмини амният ва рушди устввор ҳадафмандона ва устворона қарор гирифтани давлатҳо, махсусан давлатҳои рӯ ба инкишофро ҳатмӣ мегардонад.

Дар шароити дигаргунсозии босуръати манзараи сиёсии ҷаҳонӣ, ки дар натиҷа иттилоотонӣ ва рақамикунонии тамоми соҳаҳои ҳаёт, шаклгирии идоракунии электронии давлатӣ, татбиқи консепсияи “давлат дар шабака” ба вуҷуд омадааст, масъалаи таъмини амнияти миллӣ ва байналмилалӣ, рушди устввор, таҳкими соҳибихтиёрии иттилоотӣ ва шабакавии давлат аҳаммияти аввалиндараҷа пайдо карда истодааст. Агар дар асри XX авлавияти давлатҳоро бунёди иқтидори ҳарбӣ, рушди саноати ҳарбӣ, тавсеаи майдонҳои воқеии ҳарбикунонидашуда, афзоиш додани пойгоҳҳои ҳарбӣ, махсусан аз ҷониби давлатҳои абарқудрат дар минтақаҳои калидӣ-ҳарбии олам, афзоиш додани ҳайати шахсӣ ташкил медод, пас дар асри XXI таваҷҷуҳ ба ташаккули сохторҳои махсуси киберӣ бо қобилияти гузаронидани амалиёти ҳуҷуми иттилоотӣ ва мудофиаи иттилоотӣ дар фазои маҷозӣ ва киберфазо ташкил медиҳад. Яке аз шаклҳои калидии институтсионалии ин тағйирот киберартиш - воҳиди махсуси системавӣ-шабакавии ташкилшудае мебошад, ки имконият ва қобилияти дар платформаҳои набардҳои киберӣ-рақамии амалиёти ҳарбӣ бархурд карданро дошта

бошад ва соҳибихтиёрии иттилоотиву киберии давлатро дар фазои иттилоттиву киберӣ таъмин намояд.

Пайдоиши артиши киберӣ ҳамчун унсури нави воҳиди ҳарбӣ дар ҳошияи тағйиротҳои геополитикӣ, таҳаввулли стратегияҳои геополитикии ҳимояи манфиат ва амнияти давлат, махсусан давлатҳои миллӣ, мустаҳкамкунии асосҳои ихтиёрдории захираҳои иттилоотӣ ва ҳарбиву қудратии ҳокимияти сиёсӣ, тахрибкориҳои фазои киберӣ ва иттилоотӣ аз ҷониби гуруҳҳои террористиву экстремистӣ ва дигар субъектони таҳдидҳо дигаргуниҳои амикро дар парадигмаи стратегияҳои муосири геополитикӣ инъикос мекунад.

Аҳаммияти шаклгирӣ ва таҳкими артиши киберӣ вобаста ба афзоиш ёфтани хатарҳо ва таҳдидҳои киберӣ мебошад. Таҳдидҳои киберӣ асимметрӣ (номутавозинии назаррас (асимметрия) шуда истодаанд ва бо нокомиҳои техникӣ ё ҷосусӣ маҳдуд набуда, метавонанд ба заминаҳои рақамии низоми иқтисодӣ ва молиявӣ, қонуният режимҳои сиёсӣ зарари ҷиддӣ расонанд. Дар робита ба ин, тарҳи анъанавии дифоъ, ки ба муқовимати ҷисмонӣ-техникӣ нигаронида шудааст, то андозае самаранокии худро аз даст медиҳад ва бо дарназардошти зарурати ноил шудан ба устувории киберӣ - қобилияти давлат на танҳо барои дифоъ аз худ аз ҳамлаҳои киберӣ, балки инчунин вокуниши, зуд барқароршавӣ ва нигоҳ доштани назорат аз болои системаҳои рақамӣ-иттилоотии муҳимро тақозо мекунад.

Дар шароити муосир артиши киберӣ на танҳо як абзори техникӣ, балки як манбаи сиёсӣ ва стратегӣ мебошад, ки ба бунёд ва таҳкими умумии қудрати миллӣ муттаҳид шудааст. Он вазифаи боздорандагиро ба сомон мерасонад ва дар баъзе мавридҳо як қисми доктринаи ҳуҷумҳои рақамӣ-киберӣ дар киберфазо мегардад. Таҳаввули стратегияҳои геополитикӣ ифодаи тарҳрезӣ ва бунёди моделҳои утсоври ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ ва назорати сиёсии фазои кибериву иттилоотиро дар назар дорад.

Ҳадафи ин мақола таҳлили ҳамаҷонибаи муҳиммияти шаклгирии артиши киберӣ барои давлатҳои муосир дар шароити афзоиши таҳдид ва хатарҳои гибридиву киберӣ, зарурати гузариш аз мудофиаи анъанавӣ ба уствории киберӣ, таҳаввулоти стратегияҳои геополитикии таъмини амнияти миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ, таваҷҷӯҳ ба ниҳодикунонӣ ва самаранокгардонии киберартиш ҳамчун унсури муҳимми шакли нави муқовиматҳои сиёсиву геополитикии ҷаҳонӣ мебошад. Диққати махсус ба гузариш аз консепсияи дифоъи анъанавӣ ба стратегияи устувории киберӣ ҳамчун шарти асосии таъмини амният ва рушди уствор, нигоҳ доштан ва таҳким бахшидани суверенитети рақамиву иттилоотии давлат дар асри иттилоот, дода мешавад.

Асри ҷадид (XXI) – ро асри суръат меноманд. Дар асри суръат аз обзори кунд истифода намудан имкони ғолиб омадан ва ҳимоя кардани амнияти миллиро дар бахши иттилоот, таҳкими қудрати геополитикии назорати фазои киберӣ, суверенитети иттилоотӣ коста мегардонад. Инқилоби иттилоотӣ ва технологӣ заруратро барои давлат ва субъектони таъмини амният ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар тарҳҳои нави стратегияҳои геополитикӣ, гузариш аз усулҳои анъанавии мудофиа ва шаклҳои муосири он ҳатмӣ мегардонад. Аз ҷост, ки масъалаи “киберартиш”, гузариш аз усулҳои мудофиаи анъанавӣ ба навъи ҷадиди он, устувории киберӣ дар асоси таҳаввулоти стратегияҳои геополитикӣ дар асосҳои назариявӣ ва эмперикӣ муҳим мебошад.

**Ҷанбаи назариявӣ ва сиёсии масъала.** Мафҳуми «киберартиш» - ро ҳамакнун метавон консепсияи илмӣ муаррифӣ намуд. Дар баробари ин, он парадигмаи муосири геополитикист, ки аз назари консепсияи ҳарбӣ-қудратии геополитика андозагирӣ карда мешавад. «Киберартиш» - ифодаи таркиботи сохторӣ – институтсионалии низоми мудофиаи давлат дар шароити рақамикунонӣ ва иттилоотикунониву технологикунонии татбиқи сиёсат ва муносибатҳои дигари ҷамъиятӣ дар назар дошта шудааст. Он ба парадигмаи умумии фаъолияти низомию сиёсии давлат дар шароите, ки технологияҳои иттилоотӣ ба майдони нави мубориза барои қудрат ва нуфуз табдил ёфтаанд, мувофиқат

мекунад. Ин таҳавулоти ҳатмист ва барои давлат уствории киберӣ ва амниятиро мебахшад. Ҳануз Н. Макиавелли ишора карда буд, ки санъати ҳарбӣ дар баробари технология ва шароити иҷтимоию иқтисодӣ тағйир меёбад [16].

Дар шароити муосири инкишофи воситахои технологӣ устворӣи киберӣ ифодаи қудрати давлатист, ки тавассути таҳкимбахшии он манфиатҳои миллӣ ва амнияти миллӣ ҳимоя мегардад. Суверенитети иттилоотӣ мустаҳкам мешавад. Дар заминаи мактаби реализми классикии Г. Моргентау қувваи пешбарандаи сиёсати байналхалқӣ қудрати давлатӣ буда, «манфиатҳои миллӣ» тавасути қудрати ҳокимият муайян карда мешавад [15]. Дар ин замина, дар шароити муосир қобилияти киберии давлат дар ҳошияи таҳкими қудрати миллӣ баррасӣ мегардад ва зарур мебошад. Г. Моргентау таъкид карда буд, ки "фаъолияти оқилонаи давлат дар заминаи қонеъ гардонидани манфиатҳои миллии худ ба роҳ монда мешавад" ва фазои маҷозӣ, махсусан, фазои киберӣ ба майдони муҳимми талошҳо баҳри таҳкими қудрат баромада, назорати он бошад ба имконияти таъмини амният ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ табдил меёбад.

Инчунин, дар шароити муосир формулаи ҳимояи манфиатҳои миллиро метавон ба фазои маҷозӣ тавсеа дод. Манфиати миллӣ ба воқеияти нав ҳанӯз аз ҷониби қудрати давлат барои таъмини амният ва таъсир дар соҳаи рақамӣ муайян карда мешавад, ки дар он ҷо рақибон аксаран аз рӯи принсипи «дӯст-душман» амал мекунанд. Ин консепсияи ба назари К. Шмитт асос меёбад ва моҳияташро «тамоми сиёсати воқеӣ ба фарқи байни дӯст ва душман асос ёфтааст» ташкил медиҳад [11]. Тавре К. Шмитт қайд мекунад, сиёсат ҳамеша ҷудоии байни иттифоқчиён ва душманонро дар назар дорад ва дар киберфазо ин дихотомия тавассути таҳдидҳои киберӣ ва бархӯрд байни гурӯҳҳои онлайн-шабакавӣ зоҳир мешавад. Бо ҳамин тартиб, мафҳуми киберартиш ба манзараи классикии мубориза сиёсӣ барои қудрат мувофиқат мекунад, аммо тавассути технологияҳои рақамӣ дар фазои киберӣ амалӣ мегардад, ки барои давлатҳо дар ростои ҳимояи амнияти миллӣ масъулияти нав ва аз назари стратегӣ муҳимро мегузорад.

Н. Макиавелли дар асараш «Подшоҳ» изҳор доштааст, ки барои ҳоким барои дифоъ аз давлат ягон маҳдудияти беруна вуҷуд надорад. Барои фарқ кардани истифодаи қонунӣ ва ғайриқонунии қудрат ягон заминаи ахлоқӣ вуҷуд надорад ва ҳуқуқи фармонфармоӣ ба касе тааллуқ дорад, ки ӯ соҳиби қудрат аст [10]. Ин маънои онро дорад, ки дар шароити бархурдҳо ва низоҳои киберӣ, давлат метавонад барои дифоъ аз манфиатҳои миллӣ дар набардҳои киберӣ аз ҳама гуна воситаҳои қобили қабул (масалан, разведка, саботаж, ташкили дастаҳои хакерӣ, барномасозон, нобудгардониии системаҳои рақамӣ-киберии рақибон, маҳкамкунии киберӣ-алгоритмии шабакаҳои паҳнкунандаи идеологияҳои гуногун ва ғ.) истифода барад.

Дар назарияи муосири ҳокимият ва қудрати сиёсӣ Ҷ. Най мафҳуми "қудрати киберӣ" (cyber power) - ро муаррифӣ карда, таъкид кардааст, ки фазои киберӣ як "домен[1]"-и навест, ки дар он захираҳои иттилоотии таъсиррасонӣ тақсим карда мешаванд. Вай қудрати кибериро ҳамчун қобилияти истифодаи киберфазо барои эҷоди бартариҳо ва таъсиррасонӣ таъриф мекунад. Тавсифи зикргардида нишон медиҳад, ки манфиатҳои миллиро на танҳо тавассути қувваҳои мусаллаҳи анъанавӣ, балки тавассути воситаҳои киберӣ (масалан, амалиёти иттилоотӣ, таъсиррасонӣ ба инфрасохтори иттилоотӣ ва рақамии рақиб) ҳимоя кардан мумкин аст. Донишмандони муосир таъкид мекунанд, ки таҳдидҳои киберӣ сирф хусусияти сиёсӣ доранд. Т. Рид ба андешае аст, ки тамоми ҳамлаҳои киберӣ, ки дорои ангезаҳои сиёсӣ мебошанд, танҳо намунаҳои мусоир ва мураккабу зудтаъсири қадимтарин шаклҳои амалиётҳои низомӣ, аз қабили

---

[1] Истилоҳи «домен» (аз инглисии «domain») дар фазои Интернетӣ ба номи беназири вебсайте ишора мекунад, ки барои муайян кардани он дар шабака истифода карда мешавад. Ин қисми «URL» аст, ки барои ворид шудан ба шабакаҳо ба сатри суроғавии браузер ворид мекунанд.

вайронкориҳо, аз кор баровардани объектҳои ҳарбии давлатӣ, ҷосусӣ ва амалиёти тахрибкорӣ мебошанд [19, 5 – 32].

Моҳият ва зарурати пурраи “Киберартиш”-ро барои таҳкими зарфиятҳои институсионалӣ ва ташкилии як давлати муосир дар заминаи шинохти моҳияти пурраи масъалаҳои “низоҳои киберӣ” ва “набардҳои иттилоотӣ” дарк кардан муҳим мебошад. Сиёсатмадор ва публисисти амрикоӣ, мушовири собиқи маъмурияти президенти ИМА, мутахассиси мубориза бо терроризм Р. Кларк ҷанги кибериро ҳамчун “амали як давлат барои ворид шудан ба системаи рақамӣ компютерӣ ё шабакаҳои иттилоотии давлати дигар бо мақсади расонидани хисорот ё харобкорӣ” таъриф кардааст [2, 7]. Бо такя ба ин, киберартиш механизм ва ё худ системаи дифоии киберӣ ва рақамиву компютерӣ, шабакавии иттилоотӣ, ки қобилияти ҳимоякунандагиро дар нисбати тахрибкориҳои рақамиву системавии киберӣ аз ҷониби рақибони сиёсӣ, неруҳои радикалӣ ва кибертеррористон баромад мекунанд, ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи П. Сингер ва А.Фридман киберартиш ба масъалаи амнияти киберӣ пайваст буда, амнияти киберӣ бошад, аз доираи мутахассисони «IT» фаротар аст [17]. Амнияти киберӣ ҳолати ҳимояшавандагӣ ва инъикоскунандаи нақши афзояндаи ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлат аз таҳдидҳои киберӣ мебошад ва ҳамчун фаъолияти муҳимми давлат дар шароити муосири рақамикунонӣ ва иттилоотикунонии равандҳои сиёсӣ шуморида мешавад.

Киберартиш, ин навъи махсуси механизми институтсионалии давлат дар фазои киберӣ ба ҳисоб меравад. Он имкон медиҳад, ки истифодаи захираҳои иттилоотии бо ҳам алоқаманд ба таври самаранок истифода гарданд. Киберартиш доираи махсусгардонидашудаи мутахассисони технологияҳои компютерӣ мебошанд, ки аз ҷониби давлат ё ягон созмон барои гузаронидани набардҳои киберӣ истифода мешаванд [9].

Киберартиш иттиҳодияи муташаккили мутахассисони соҳаи технологияҳои рақамӣ ва компютерӣ, иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ мебошад, ки аз ҷониби сохтори давлатӣ ё дигар сохтор бо мақсади анҷом додани амалиёт дар фазои киберӣ ташкил карда шудааст. Мақсади асосии чунин воҳидҳо ҳимояи амнияти киберӣ аз ҳуҷумҳо ва набардҳои кибериву иттилоотӣ, анҷом додани муноқишаҳои киберӣ мебошад, ки амалҳои таҳқиромез ва мудофиавӣ дар муҳити рақамӣ, иктишофии киберӣ, муқовимат ба таҳдидҳои беруна ва таъмини амнияти иттилоотии инфрасохтори муҳимро дар бар мегирад.

Киберартиш маъмулан дар дохили муассисаҳои ҳарбӣ ё ниманизомӣ амал мекунанд ва ҳам аз ҷониби қонунгузории миллӣ ва ҳам меъёрҳои байналмилалӣ ҳамчун зарурати институтсионалии таъмини амнияти миллӣ-итилоотӣ ва киберӣ танзим карда мешаванд. Вазифаҳои онҳо метавонанд аз рафъи ҳамлаҳои киберӣ то анҷом додани амалиёти мураккаби ҳамла, ки ба вайрон кардани системаҳои иттилоотии душманон, махсусан дар шароити шаклгирии тамоюлҳои радикалии гурӯҳҳои ҷиноятӣ, кибертерористӣ, дахолат ба равандҳои стратегии душман, киберҷосусӣ нигаронида шудаанд, иборат бошанд.

Дар шароити муосир артишҳои кибернетикӣ ба унсури ҷудонашавандаи доктринаи ҳарбии миллӣ табдил ёфта, ҳамчун абзори тарҳрезии нерӯ ва ҳифзи истиқлолияти рақамӣ дар шароити афзоиши рақобат дар фазои иттилоотии ҷаҳонӣ амал мекунанд.

Аз мавқеъҳои назариявӣ чунин бармеояд, ки киберартиш ҳамчун як ҷузъи қудрати низомии давлат, воситаи ҳифз ва таҳкими қудрати сиёсӣ дар фазои рақамӣ ҳисобида мешавад, дар ҳоле ки устувории киберӣ бо манфиатҳои дарозмуддати миллӣ - нигоҳ доштани муттасилии функсионалии муҳити инфрасохтори рақамӣ ва устувории ҷомеа ба таҳдидҳои кибери беруна алоқаманд аст. Ба ибораи дигар, амнияти миллӣ дар соҳаи киберӣ ҳамчун мувозинати байни қобилиятҳои набардӣ ба ҳуҷумҳои киберӣ ва масуниятҳои шабакавии дифоъӣ сохта мешавад, ки дар стратегияҳои қудратҳои пешбар инъикос ёфтааст.

**Киберфазо ва афзоиши таҳдидҳои киберӣ ҳамчун зарурати таҳкими устувории киберӣ.** Дарки моҳияти аслии таҳдидҳои киберӣ дар шароити муосири рушди ТИК ҳамчун шароити ҳатмӣ ва зарурии таъсиси артиши киберӣ ва таҳкими уствории киберӣ, таҳияи стратегияҳои нави геополитикӣ дар фазои рақамӣ-киберӣ аҳамияти аввалиндарача дорад. “Таҳдидҳои киберӣ” асосан дар фазои киберӣ (киберпространство) ба амал меоянд. Он дар шароити муосир хатарноктарин таҳдидҳо ба низоми амнияти миллӣ ва истиқлолияти рақамии давлатҳо эътироф карда шудаанд. Дар доираҳои илмӣ дар баробари категорияи “фазои киберӣ” инчунини “фазои иттилоотӣ” истифода мегардад, ки онҳо аз ҳамдигар дар тафовут мебошанд. Фаҳмиши “фазои иттилоотӣ” аз “киберфазо” васеъ буда, он ифодаи фазои иттилоотиро ҳам дар фазои воқеӣ ва ҳам дар фазои маҷозӣ- интернетӣ ва киберӣ дар бар мегирад [3, 203]. “Киберфазо” ё “фазои киберӣ” ифодаи фазоест, ки дар он махсусиятҳои рақамӣ, шабакавӣ, компютерӣ бартарият доранд. Киберфазо консепсияест, ки технологияи густурдаи ба ҳам алоқаманди рақамиро тавсиф мекунад. Истифодаи он ба таври васеъ аз даҳсолаи аввали паҳншавии интернет сарчашма мегирад. Он ба ҷаҳони онлайн ҳамчун “ҷаҳони дигар” ишора мекунад, ки аз воқеияти ҳаррӯза фарқ дорад. Дар киберфазо одамон метавонанд дар паси шахсиятҳои “қалбакӣ” пинҳон шаванд.

Истилоҳи “киберфазо” аз фарҳанги маъмулу модерн - “фантастика” ва санъат ворид шудааст, аммо ҳоло аз ҷониби стратегҳои технологӣ, мутахассисони соҳаи амният, элитаҳои сиёсӣ-ҳукуматӣ, ҳарбӣ ва саноатӣ ва соҳибкорон барои тавсифи “домен”-и муҳити ҷаҳонии технология истифода мешавад. Он шабакаи глобалии инфрасохтори ба ҳам вобастаи технологияҳои иттилоотӣ, шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ва системаҳои коркарди компютериро фаро мегирад [3, 203].

Истилоҳи "киберфазо" аз "кибернетика[2]" гирифта шуда, аз мафҳуми юнонии қадима “κυβερνήτης” (“kybernētēs” – санъати идоракунӣ) бармеояд, ки онро Норберт Винер[3] дар кори пешқадами худ оид ба иртиботот ва идоракунии электронӣ таҳия кардааст. Худи истилоҳи "киберфазо" бори аввал дар романи “Киберпанк[4]”-ии дар соли 1984-и Уилям Гибсон бо номи “Нейромант[5]” пайдо шудааст ва ҳам дар фазои “поп-култура[6]” ва ҳам дар доираҳои илмӣ-академикӣ тафсирҳои зиёдеро ба миён овард [6, 8 – 9].

---

[2] Кибернетика илм дар бораи шаклҳои умумии ба даст овардан, нигоҳ доштан, коркард кардан ва интиқол додани иттилоот дар системаҳои мураккаби идоракунӣ мебошад. Истилоҳи «кибернетика»-ро аввалан ба муомилоти илмӣ Ампер ворид карда буд, ки дар асари фундаменталии худ “Таҷрибаи фалсафаи илм, ё тасаввуроти таҳлилии таснифоти табиии тамоми донишҳои инсонӣ”, (1834, 1843) кибернетикаро ҳамчун илми идоракунӣ муайян кард. Ба маънои муосир - ҳамчун илм дар бораи қонунҳои умумии равандҳои идоракунӣ ва интиқоли иттилоот дар мошинҳо, организмҳои зинда ва ҷомеа ин истилоҳ бори аввал соли 1948 аз ҷониби Норберт Винер пешниҳод шудааст.

[3] Норберт Винер (Norbert Wiener, 1894–1964) — яке аз бузургтарин донишмандони асри XX, математики амрикоӣ, яке аз асосгузорони кибернетика, назарияи зеҳни сунъӣ ва яке аз пешвоёни назарияи идоракунӣ ва иттилоот мебошад.

[4] Киберпанк як жанри фантастикаи илмӣ мебошад, ки таназзули фарҳанги инсониро дар пасманзари пешрафти технологӣ дар асри компютеризатсия ва интернетизатсия инъикос мекунад. Худи мафҳум омехтаи калимаҳои англисии «cybernetics» ва «punk», ки бори аввал Брюс Бетке ҳамчун унвони достони кӯтоҳи худ дар соли 1983 истифода кардааст. Асарҳои марбут ба жанри киберпанк ҷаҳони антиутопии ояндаро тасвир мекунанд, ки дар он технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ ва кибернетикӣ, воқеияти виртуалӣ, киборгизатсия, зеҳни сунъӣ бе назорати ҳамаҷониба, номаҳдуд ва танзимнашавандаи давлатӣ бар ҷомеа бартарият доранд.

[5] Нейромант (англисӣ Neuromancer, баъзан ҳамчун "Neuromag" ишора мешавад) романи Вилям Гибсон аст, як асарест дар жанри киберпанк, ки барандаи ҷоизаҳои «Небюла» (1984), «Хюго»

Аз лиҳози истилоҳот, мафҳум тафсирҳои зиёде дорад ва ин боз ҳам нофаҳмиҳои бештареро ба бор меорад, ки истилоҳ торафт бештар ҳамчун синоними чунин мафҳумҳо ба мисли "Интернет" ва "Веб" амал мекунад ва баъзан ҳар се мафҳум ба сохти боз ҳам васеътар ва аморфӣ муттаҳид мешаванд, ки "киберфазо" номида мешавад [12, 54].

Баъзан, киберфазоро танҳо як муҳити муқаррарие медонанд, ки дар он муошират тавассути шабакаҳои компютерӣ сурат мегирад. Ин мафҳум дар солҳои 1990-ум маъмул шуд, вақте ки истифодаи Интернет, иртиботи шабакавӣ ва рақамӣ ба таври назаррас афзоиш ёфт, истилоҳи киберфазо тавонист бисёр идеяҳо ва падидаҳои наверо, ки ба вуҷуд омадаанд, муаррифӣ кунад. Дар доираҳои илмӣ маънои истилоҳи "киберфазо" то ҳоло мавзӯи баҳс боқӣ мондааст. Таърифи соддатарин ва бевоситаи мафҳуми «киберфазо» аз ҷониби Вилям Гибсон пешниҳод шудааст.

Истилоҳи "киберфазо" як воситаи маъмулии тавсифи ҳама чизест, ки бо Интернет ва фарҳанги гуногуни интернетӣ-шабакавию маҷозӣ алоқаманд аст. Фаҳмиши умумидавлатии мафҳуми "киберфазо" бори аввал дар маърузаи хизмати тадқиқотии конгресси ИМА соли 2001 садо дода буд. Ҳукумати ИМА технологияи иттилоотии ба ҳам алоқаманд ва шабакаи ба ҳам вобастаи инфрасохтори технологияҳои иттилоотиро, ки дар ин муҳити коммуникатсионӣ ва иттилоотиву иртиботии маҷозӣ мавҷуд аст, ҳамчун як қисми инфрасохтори муҳимми миллии ИМА эътироф карда буд. Киберфазоро фазои муҳимми ташаккули ҷомеа ва низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ таъриф медиҳад. Ҳамин тариқ, "киберфазо" як абстраксияи маҷозиест, ки дар фалсафа ҳамчун категорияи илмӣ ва дар технологияи компютерӣ ҳамчун воқеияти инкишофи технологизатсия ва компютеризатсияву интернетизатсия истифода мешавад ва воқеияти виртуалӣ, "ҷаҳони дуввум" ҳам дохили системаи компютерӣ ва ҳам дохили шабакаҳои комютериву интернетиро фаро мегирад. "Киберфазо" ҳамчун мафҳуми муқобилмаънои фазои воқеӣ, табиӣ – физикӣ эътироф гардидааст, ки тавассути барномасозӣ ва иртиботи рақамӣ воқеият пайдо мекунад [3, 204].

Бо дарназардошти фарогирии фазои киберӣ, хатару таҳдидҳои киберӣ низ тавсеа меёбанд ва заруратро барои таҳкими устувории киберӣ ва стратегияҳои нави геополитикии назорати фазои "навъ нав" бештар мегардонанд. Дар асоси муайянкуниҳои дар боло ишорагардида, таҳдид ва хатарҳои кибернетикӣ гуфта, таҳдид ва хатарҳоеро дар назар доранд, ки дар фазои кибернетикӣ ба вуҷуд меоянд, ки боиси халал ва коҳиш додани низоми амнияти киберӣ ва заиф гардонидани асосҳои истиқлолияти рақамии давлатҳо мешаванд. Давлатҳо дар шароити муосири ташаккули низоми иттилоотӣ, технологӣ ва шабакавӣ кунонидани раванди идоракунии сиёсиву давлатӣ наметавонанд аз равандҳои технологикунонӣ ва иттилоотикунонӣ, компютерикунонӣ ва электроникунонии раванди идоракунӣ ва сиёсати давлатӣ дар канор бошанд. Ё прогресси техникиро ба инобат нагиранд. Иштирок дар ин равандҳо ва ба эътибор гирифтани прогресси техникӣ ва компютерикунонии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва идораи онҳо масъулияти бештареро аз давлатҳо талаб дорад. Давлатҳоро дар таъмини амнияти миллӣ ва мустаҳкамкунии истиқлолияти сиёсии рақамӣ бо роҳи мубориза бурдан ба таҳдид ва хатарҳои кибернетикӣ ва иттилоотӣ мувазаф мекунонад. Дар мавриди чунин шакл гирифтани раванди идораи сиёсӣ ва давлатдорӣ, самаранок гардонидани фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва ихтиёрдориву тақвияти асосҳову захираҳои он аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад.

Дар баробари маҷмӯи хатар ва таҳдидҳои анъанавӣ ба низоми бехатарӣ ва истиқлолияти давлатҳо, нақши усулҳои ғайриҳарбии ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва

(1985) ва «Ҷоизаи Филипп Дик» гаштаст. Ин аввалин романи Гибсон аст, ки категория («трилогия»)-и киберфазоро мекушояд ва соли 1984 нашр шудааст.

[6] "Поп-культура" – соҳаи фарҳанги оммавӣ, ки шаклҳо, жанрҳо ва услубҳои гуногуни видеоӣ, аудиоӣ, тасвирӣ ва ғайраро, ки дар нимаи дуюми асри XX ва ибтидои асри XXI дар фазои кибернетикӣ-маҷозӣ машҳур гаштаанд, дар бар мегирад.

стратегӣ меафзояд, ки дар аксар мавридҳо нисбат ба воситаҳои низомию анъанавӣ хеле муассиртаранд. Онҳо бо чораҳои пинҳонии ҳарбӣ, аз ҷумла ҷанги иттилоотӣ-киберӣ, амалиёти нерӯҳои махсус ва истифодаи нерӯи эътирозии аҳолӣ пурра карда мешаванд.

Ғояи асосии усулҳои ғайриҳарбии мубориза барои фазои коинот аз "бор" кардани симои барномарезишвандаи ҷаҳон ва ба ҳамин, тобеъ гардондани тамоми системаи назорати иттилоотии он вобастагӣ дорад. Дар баробари ин, таъсири иттилоотӣ-киберӣ метавонад иқтидори асосии геополитикии давлатро тағйир диҳад. Қудратҳои бузургтари таъсиррасонро неруи геополитикӣ бахшад.

Шабакаи ҷаҳонии интернет метавонад "гаҳвораи" фазои киберӣ бошад. Ва ҳар хатару таҳдидҳо тавассути интернет ва воситаҳои пахши иттилоот, ба технологияи пахши иттилоот, ки аз шабакаҳои копютерӣ ва системавии онҳо иборат мебошанд, хатар ва таҳдидҳои киберӣ номида мешаванд.

Воқеияти ташаккули технологяи иттилоотиву иртиботӣ раднопазир аст. Ин навъи технология дар шароити муосир аксаран мазмуни амалӣ шудани раванду ҳодисаҳо ва муносибатҳои ҷамъиятиро ташкил медиҳанд. Ташаккули консепсияи "Ҳукумати электронӣ" ва "идоракунии электронӣ", маҳфуз нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои марбут ба раванди идоракунии давлатӣ, мудофиа, бехатарӣ, фаъолияти ситратегӣ-барномавии давлатҳо, ҳуҷатҳо атрофи масъалаҳои амният ва ихтиёрдрии захираҳои ҳокимият дар шакли электронӣ дар барномаҳои системавию шавбакавӣ ва компютерӣ ҳолатҳои ба амал омадани таҳдид ва хатарҳои кибериии бештар мегардонад. Мувофиқи иттилои "Лабараторияи Косперский[7]" ҳамасола аз 10/9 ҳиссаи шабакаҳои рақамии копютерие, ки ба сомонаи интернетӣ пайватанд ба ҳуҷумҳои хакерӣ ва вирусие, ки аз ҷониби нуқтаҳои муайян идора карда мешаванд ва яке аз шаклҳои таҳдид ва хатарҳои киберӣ мебошанд, дучор мегарданд [5, 3.].

Объектҳои хатар ва таҳдидҳои кибернетикӣ асосан: маҷмуи маълумотҳои хосияти сирри давлатӣ дошта, маълумотҳои электронӣ дар атрофи стратегияи рушд ва тактикаи ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳим, муҳим ва даргузари миллӣ, маълумотҳо дар мавриди статистикаи низоми бехатарӣ ва мудофиа, маълумотҳои молиявӣ ва фаъолияти бонкӣ, электрозахираҳои молиявии давлат ва аъзоёни ҷомеа, барномаҳои электронӣ – компютерии давлатӣ ва миллӣ, инфосфераи ҳукумати электронӣ ва "давлат дар шабака", сомонаҳои расмии таркиботи институтсионалии давлатӣ ва ғ. мешаванд.

Аз ҷиҳати таъсиррасонии иттилоотӣ бевосита дар вазои киберӣ-виртуалӣ бошад, объектҳои таҳдид ва хатарҳои киберӣ ин ноосфера, идеосфера, културосфера, политикосфера ва ғ. мешаванд.

Субъекти хатар ва таҳдидҳои киберӣ дар раванди муборизаи сиёсӣ метавонанд субъектони сиёсат дар як маврид ба ҳисоб раванд. Аммо, ба таври мушаххас метавон субъекти хатарҳои кибериро дар - давлатҳо ва гуруҳи давлатҳо, ки дар шакли иттиҳод муттаҳид шуда ҳадафи бурдани мубориза ва эҷод кардани таҳдид ва хатарҳои гибридиро

[7] Лабораторияи Касперски як ширкати байналмилалӣ аст, ки ба таҳияи системаҳои муҳофизатӣ аз вирусҳои компютерӣ, спам, ҳамлаҳои хакерӣ ва дигар таҳдидҳои киберӣ машғул аст. Ширкат дар зиёда аз 200 кишвар ва қаламравҳои саросари ҷаҳон фаъолият мекунад. Дафтари марказии озмоишгоҳи Касперский дар Маскав ҷойгир аст. Ширкат яке аз чаҳор истеҳсолкунандагони пешбари ҷаҳонӣ барои ҳифзи дастгоҳҳои ниҳоӣ (анг. End Devices, рус. конечных устройствғ дастгоҳое, ки ба воситаи онҳо маълумотҳо ҷамъоварӣ, нигоҳ, коркард ва интиқол дода мешавад. Инҳо компютерҳои оддӣ, ноутбукҳо, телефонҳои мобилӣ, ҳама намуди смартфонҳо ва коммуникаторҳо, планшетҳо, серверҳо мебошанд.) мебошад. Дар соли 1990 Евгений Касперский ба гурӯҳи таҳияи антивирусҳои AntiViral Toolkit Pro (AVP) дар Маркази илмию техникии KAMI, фирмаи устоди собиқаш дар Мактаби олии КДБ (КГБ)-и ИҶШС Алексей Ремизов роҳбарӣ мекард. Моҳи марти соли 2022 Комиссияи федералии алоқаи ИМА ин лабораторияро ҳамчун таҳдиди амнияти миллӣ номбар кард.

доранд дидан мумкин аст. Дар он таҳдидҳои киберӣ аз ҷониби институтҳо ва ташкилотҳои давлативу ғайридавлатӣ ба сифати яке аз шаклҳои таҳдидҳои гибридӣ истифода мегарданд. Ба монанди, вазоратҳои мудофиа ва дифоии баъзе давлатҳо, мақомоти амниятӣ ва истихборотии онҳо, созмонҳо ва ташкилотҳое, ки ба эҷоди барномаҳо ва системаҳои рақамии таҳдидкунанда ва хатаррасон машғуланд ва ғ. Ғайр аз ин, ба гуруҳҳои ҷиноятkори радикалии террористиву экстремистӣ, ки муборизаҳои идеологиву сиёсӣ ва барномавӣ-системавиро мебаранд, хакерон ва ё рахнакунандагони шабакавии интернетӣ дохил мешаванд.

Воситаҳои расонидани таҳдид ва хатарҳои киберӣ дар киберфазо инҳо мебошанд:

- вирусҳо. Вирусҳо ба системаҳои компютерӣ ва ҳар гуна воситаҳои системавии иртиботиву иттилоотӣ пинҳонӣ ворид мешаванд ва раванди корро мушкил карда маҷмуи ҳуҷҷатҳо ва хотираи воситаҳои рақами компютериро метавонанд нобуд ва аз байн баранд. Бидуни муҳофизати муассир бо онҳо мубориза бурдан ғайриимкон аст;

- спам. Спам асосан фиристодани оммавии мукотибаи дорои хусусияти таблиғотӣ ба шахсоне мебошанд, ки хоҳиши гирифтани онро надоранд. Мавҷудияти спам дар раванди кор бо системаҳои компютерӣ, рақамӣ бо интернет пайваст мураккамӣ ва номуташаккилии раванди анҷоми фаъолиятро эҷод мекунад. Он дар кори системавии воситаҳои техникӣ-иттилооти низ мушкилӣ эҷод мекунад ва барзиёд будани он метавонад боиси қатъ фаъолият ва нобуд шудани барномавии системавии компютерҳо гардад;

- фишинг. Як намуди қаллобии дар шакли таҳдид ва хатар дар интернет, ки ҳадафи он дастрасӣ ба маълумоти махфии корбар - логинҳо ва паролҳо мебошад, ба ҳисоб рафта, ин тавассути интиқоли оммавии почтаи электронӣ аз номи брендҳои машҳур, шахсони мансабдор, ҳарбиён, кормандони мақомоти амниятиву бехатарӣ, элитаи сиёсӣ, оппазитсия, инчунин паёмҳои шахсӣ дар доираи хидматҳои гуногун, масалан, аз номи бонкҳо ё дар дохили шабакаҳои иҷтимоӣ ба даст оварда мешавад;

- хакерии компютерҳои аз нигоҳи масофавӣ дур буда, ки тариқи системавӣ пайвастанд. Хатари бузурге ба бор меорад, ки ба туфайли он ҳамлагарон метавонанд ҳуҷҷатҳои дар серверҳои файлӣ ва компютерҳо нигоҳ дошташударо хонанд ва таҳрир кунанд, онҳоро бо хоҳиши худ нобуд кунанд, барномаҳои худро ҷорӣ менамоянд, ки тамоми амалҳои рақибонро назорат мекунанд ва ба назорати аудио ва видеои ноаён тавассути микрофонҳои ноутбук ва веб-камераҳои муқаррарӣ маълумоти муайян ҷамъ мекунанд;

- ҳамлаҳои DoS/DdoS. DoS (ихтисори англисӣ Denial of Service) – ҳамлаи хакерӣ ба системаи компютерӣ бо мақсади шикастани барномаҳои системавии онҳо мебошад [3, 205 – 207].

Ҳамин тариқ, таҳдид ва хатарҳои киберӣ усули нави муборизаи сиёсӣ, аз ҷониби неруҳои рақиб, оппазитсияи дохилӣ, давлатҳои абарқудрат, субъектони бархурди тамаддунҳо, глобалистон ва федералситони навин мебошад. Чунин усули мубориза ва эҷоди хатару таҳдидҳои киберӣ ва гибридӣ музафариятро дар "тахтаи бузурги шоҳмот" дар раванди "интихоби хукумрони ҷаҳонӣ ва лидери ҷаҳонӣ", дар равандҳои тамаддунгароӣ ва минтақагароӣ, глобаликунонӣ (вобаста ба алоқаҳои милливу этникӣ ва диниву мазҳабӣ), муборизаҳои сарҳадӣ ва мунокишаҳои тиҷоративу иқтисодӣ метавон мушоҳида намуд.

Аз як тараф, оппазитсияи радикалии ҳукуматҳои миллӣ аз ин платформаи иштироки озод ва ҳамагир истифода намуда, таъсиррасонии мафкуравиро ба одамон ва аъзоёни ҷомеаҳои давлатҳои миллӣ ва рӯ ба инкишоф ба амал мебароранд. Аз тарафи дигар, фазои маҷозӣ-интернетӣ майдони бархурдҳои иттилоотии сиёсӣ, тамаддуниву фарҳангӣ, иқтисодӣ ва милливу нажодӣ гаштааст. Чунин мазмун пайдо кардани руоварӣ ва иштироки одамон ба фазои иттилоттии интернетӣ, авзои амниятӣ ва истиқлолияти рақамии давлатҳоро халалдор мекунад. Бо роҳҳои таблиғотӣ ва таъсиррасонии мафкуравии иттилоотӣ аҳолии давлатҳоро бар зидди ҳукуматҳои миллии худашон равона месозанд. Субот ва рушди устувори давлатҳоро дар назди аҳолӣ ночиз намоиш

доданӣ мешаванд, амалкарди ҳукуматҳоро манфӣ баҳо медиҳанд. Мардумро бар зидди манфиатҳои худ ва тамаддуну фарҳангашон сафарбар менамоянд. Тақлиди образҳои ғайриахлоқӣ ва зиддитамаддуниву зиддиинсониро ба онҳо меомузонанд.

Вуҷуд доштан ва эҳтимолияти дар оянда шиддат гирифтани хатар ва таҳдидҳои кибернетикӣ ба низоми бехатарӣ ва истиқлолияти Тоҷикистон низ истисно наметавонад бошад. Раванду ҳодисаҳо ва тамоюлҳои радикаливу минтақагароӣ ба амнияти Тоҷикистон шояд рузмара гардонанд. Аз назари геополитикӣ Тоҷикистон дар ҳавзаи муракккаби шаклгирии муносибатҳо ва авзои геополитикии минтақа ва ҷаҳон қарор дорад. Тоҷикистонро мебояд дар шароити мураккаби авҷи тамоюлҳои канора, киберҷиноятҳо, кибертерроризм, экстремизми кибернетикӣ, сепаратизми бо таблиғотҳои иттилоотӣ-шабакавӣ шакл гирифта, коррупсияи электронӣ “Консепсияи таъмини амнияти киберӣ ва таҳкими асосҳои истиқлолияти рақамӣ-киберӣ”-ро дар ростои таҳдид ва хатарҳои гибридиву кибернетикӣ ба тасвиб расонад. Истифода кардани абзори суръатӣ дар асри суръат танҳо метавонад истодагариро дар ҳошияи таҳдидҳои киберӣ ва рақамӣ таъмин кунад.

Бо ҳамин далел, дар шароити рақамисозии босуръати тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон, киберфазо ба яке аз объектҳои муҳимми амнияти миллии давлатҳо, таҳкими истиқлолияти рақамии онҳо ва рақобати геополитикӣ табдил ёфтааст. Табдил додани он аз муҳити сирф технологӣ ба як соҳаи мустақили стратегӣ боиси тағйироти сифатӣ дар шинохти моҳияти геополитикаи муосир гардид, ки бартарияти уствории киберӣ-рақамӣ ба унсури ҷудонашавандаи қудрати геополитикӣ табдил меёбад. Афзоиши шумораи таҳдидҳои киберӣ, мураккабии афзояндаи онҳо, хусусияти гибридии ҳамлаҳо, аз ҷумла мудохилаҳои ангезаи сиёсӣ, ҷосусии киберӣ, маъракаҳои иттилоотӣ ва фалаҷ шудани инфрасохтори муҳими иттилоотӣ-рақамӣ, осебпазирии давлатҳоро дар баробари чолишҳои нав нишон доданд. Ин зарурати таҷдиди назар кардани консепсияҳои амнияти миллӣ, таҳкими истиқлолияти рақамӣ ва қудрати геополитикӣ ва таҳияи механизмҳои муассири муқовимати киберҷиноятиро таъкид дорад.

Муқовимати киберӣ дар ин замина маҷмӯи тадбирҳои институтсионалӣ, техникӣ ва танзимкунанда мебошад, ки ба таъмини устувории киберии давлат, инфрасохтори калидии он ва системаҳои иттилоотии он, таҳкими низоми артиши киберӣ барои муқовимат ба таъсири харобиовари таҳдидҳои киберӣ, кам кардани оқибатҳои ҳодисаҳо ва таъмини барқарорсозии фаврии функсияҳо нигаронида шудаанд. Дар баробари ин, устувории киберӣ дигар танҳо бо масъалаҳои амнияти иттилоотӣ маҳдуд намешавад. Он ба як қисми рӯзномаи стратегияҳои муосири геополитикӣ табдил меёбад, ки ки ҷанбаҳои мустақилияти киберӣ-рақамии давлат, назорати миллӣ аз болои маълумот ва қудрати геополитикии рақамиро дар бар мегирад.

Бо афзоиши таҳдидҳои киберӣ, давлатҳо бештар кӯшиш мекунанд, ки назоратро бар фазои киберӣ ҳамчун як шакли нави бартарияти геополитикӣ ба роҳ монанд. Доктринаҳои киберӣ ташаккул меёбанд, марказҳои амалиёти киберӣ таҳия мешаванд, механизмҳои танзими фазои интернет ҷорӣ карда мешаванд ва кӯшишҳо барои локализатсияи маълумот ва мустақилияти рақамӣ сурат мегиранд. Киберфазо ба майдони рақобати қудратҳои пешрафта табдил ёфтааст, ки дар он технологияҳои иттилоотӣ ҳамчун абзори таъсири геополитикӣ истифода мешаванд ва назорат бар ҷараёни иттилооти рақамӣ ва инфрасохторҳо бо назорат бар захираҳои сиёсиву низомӣ баробар карда мешавад.

Бо ҳамин далел, таҳкими механизми киберартиш, ташкили устувории киберӣ ва таҳияи стратегияи дарозмуддати геополитикии идоракунии киберфазо ба вазифаҳои муҳимтарини давлати муосир табдил меёбанд. Нодида гирифтани ин равандҳо на танҳо сатҳи амнияти миллиро коҳиш медиҳад, балки имкониятҳои соҳибихтиёрии кишварҳоро дар заминаи шаклгирии рақобатҳои нави геополитикӣ, ки дар он қудрати рақамӣ ва

тавоноии давлат дар самти стратегӣ идора кардани киберфазо нақши асосӣ доранд, маҳдуд мекунад.

**Устувории киберӣ ва қушунҳои амалиётии иттилоотӣ-киберӣ асоси таҳкими суверенитети рақамӣ.** Устуворӣ-қудрати кибернетикӣ, соҳибихтиёрии технологӣ-кибернетикии давлати муосир ва таъмини киберамният заминаи асосии рушди давлатҳои муосир гардиданд. Ин баҳс доираҳои сиёсӣ-стратегӣ ва ҳарбию қудратии давлатҳои муосирро фаро гирифтааст.

Таҳкими иқтидори самараноки киберӣ, ки қобилияти амал кардани давлатро дар фазои киберӣ ва ҳифзи манфиатҳои онро дар киберфазо таъмин мекунад, ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати амнияти миллӣ ва мудофиавӣ гардидааст. Дар пасманзари афзояндаи вобастагӣ аз платформаҳои рақамӣ, масъалаи уствории киберӣ, соҳибихтиёрии технологӣ ва киберӣ муҳимтар мегардад. Сухан дар бораи қобилияти давлат барои мустақилона идора кардани захираҳои иттилоотии худ, таъмини мустақилияти инфрасохторҳо, коҳиш додани вобастагӣ аз таъминкунандагони технологияҳои беруна, инчунин ташаккули заминаи меъёрӣ, ки манфиатҳои миллиро дар соҳаи рақамӣ ва фазои киберӣ инъикос мекунад, меравад. Таъмини амнияти ҳамаҷониба ҳамчун заминаи рушди на танҳо иқтидори мудофиавӣ, балки иқтидори иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ҳар давлати муосри миллӣ низ баррасӣ мешавад. Ин на танҳо муҳофизат аз таҳдидҳои киберӣ, балки эҷоди як системаи вокунишии тобовар ба ҳодисаҳо ва хатару таҳдидҳои киберӣ, омодасозии мутахассисони соҳибихтисос, сармоягузорӣ ба ташаббусҳои тадқиқотӣ ва дар соҳаи амнияти киберӣ, муқобилият бар киберҷиноятҳоро дар бар мегирад.

Устувории киберӣ истилоҳест, ки барои тавсифи имконият ва қобилияти давлат дар фазои киберӣ истифода мешавад. Он ҳам соҳаҳои низомӣ ва ҳам ғайринизомиро дар бар мегирад. Дар бахши низомӣ, қудрати киберӣ ба қобилияти истифодаи фазои киберӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ, ба монанди нобуд кардани инфрасохтори рақиби сиёсӣ ё ба даст овардани назорат бар системаи рақамии иттилоотӣ ишора мекунад. Устувории киберӣ омили муҳими таҳкими қудрати геополитикии давлати муосир мебошад, ки ба ҷанбаҳои низомӣ, иқтисодӣ ва сиёсии ҳаёти кишварҳо таъсир мерасонад. Уствории киберӣ ҳам қобилияти ҳамла ва ҳам мудофиавии кибериро дар бар мегирад.

Зарурати таҳкими қудрати киберӣ ва уствории киберӣ бо дарназардошти шароити афзояндаи хатар ва таҳдидҳои киберӣ, махсусан кибертерроризм ҳамун таҳдиди навъи нав ба амнияти миллии давлатҳо мебошад. Ҳамлаҳои киберӣ ба компютерҳо ва сохторҳои шабакавӣ оқибатҳои пешгӯинашаванда доранд. Қариб ҳеҷ кас наметавонад бо итминони комил бигӯяд, ки гунаҳкори таҳдидҳои нав кист. Ин имкони терроризми кибериро барои мубориза дарозмуддат хеле зиёд мекунад [7, 384 – 386]. Ҳолати мазкур таҳкими қушунҳои амалиётии иттилоотӣ-кибериро, ки асоси таҳкими суверенитети рақамии давлатҳо мебошанд, ҳатмӣ мегардонад. Махсусан консепсияи «smart power» (қудрати хушманд) замоне мавриди таваҷҷуҳи доираҳои тактикию стратегии сиёсӣ ва барандагони сиёсати кабир қарор гирифт, ки технологияҳои иттилоотӣ, ҳаракатнокии коммуникатсия ва идоракунии иттилоотию зеҳнӣ дар сиёсати ҷаҳонӣ аҳаммияти аввалиндараҷаро касб намуд [13, 131 – 142; 14].

Қобилияти идора ва истифодаи фазои киберӣ ҳамчун афзалияти таъсиррасонӣ ба раванду ҳодисаҳо дар арсаи ҷаҳонӣ ба сифати уствории киберӣ ё худ «қудрати киберӣ» таъриф дода мешавад [4, 30 – 32].

Ҷ. Най давлатро ҳамчун субъекти асосии таҳкимбахши уствории киберӣ муаррифӣ мекунад [18]. Давлат ягона институти сиёсиест, ки назоратнамоӣ ва таъсиррасонии худро ба муҳити технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба амал мебарорад. Давлат дар заминаи ба амал баровардани масъулияти зикргардида бо афзоиши таҳдид ва рушди

босуръати хатарҳои кибертеррористӣ монеа мегардад. Давлат таъминкунандаи суверенитети рақамӣ ва иттилоотӣ мебошад.

Дар шароити рушди босуръати технологияҳои рақамӣ дигар фаҳмиши классикии суверенитет тағйир ёфта, мазмуни сифатан нав пайдо мекунад. Он аз фаҳмиши анъанавӣ ҳамчун ҳокимияти олӣ ва истиснои давлатӣ дар самти мустақилона қабули қарорҳо берун рафта, ба фарогирии маънοии қобилияти назоратнамоиро дар фазоҳои гуногуни сиёсӣ – фазои иттилоотӣ, фазои киберӣ ва эфирократӣ (фазои кайҳонӣ) тамил меёбад. Воқеияти муосир зарурати тафсири васеъи ин консепсияро, ки на танҳо фазои физикӣ, балки фазои рақамиро фаро мегирад, тақозо мекунад [1, 237 – 340]. Дар ин замина, чунон ки Е.Зиновева ва Б.Ятсзе қайд мекунанд, мафҳуми суверенитети рақамӣ ҳамчун идомаи мантиқии суверенитети классикӣ, ки ба муҳити виртуалӣ ва системаҳои идоракунии рақамӣ татбиқ мешавад, баррасӣ мешавад [8].

Дар ҳамин асос, принсипҳои асосии таҳкими суверенитети рақамӣ ва иттилоотии давлатро ба таври зерин метавон ишора намуд:

- қобилияти ба таври мустақилона назорат ва идора кардани фазои иттилоотӣ ва захираҳои иттилоотӣ;
- таъмини амнияти киберӣ дар асоси таҳия ва татбиқӣ стратегияҳои таъмини амнияти киберӣ бо истифода аз воситаҳои муосири технологӣ ва коммуникатсионӣ;
- ҳифзи маълумоти корбарон ва таъмини махфияти онҳо, такмили системаи ҷамъоварӣ ва нигоҳдории маълумот дар шабакаҳои интернетӣ;
- дастгирии ҳаматарафаи давлатии лоиҳаҳо ва тарҳҳои инноватсионӣ дар соҳаи технлогияи нави иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ;
- кушиш ба таҳкими платформаи рақамии миллӣ барои мубодилаи иттилоотӣ;
- баланд бардоштани сатҳи маърифати иттилоотӣ, истифодабарии шабакавӣ ва рақамии аҳолӣ;
- ҳамгироиҳои сиёсии байнидавлатӣ дар сатҳи дугона, дар таркиби иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ баҳри таъмини амнияти киберӣ ва ғ.

Ҳамин тариқ, кудрати киберӣ, истиқлолияти технологӣ ва амният дар фазои киберӣ механизми сегонаи ба ҳам алоқамандро ташкил медиҳанд, ки бидуни онҳо рушди устувор, соҳибихтиёрӣ ва рақобатпазирии давлати муосир дар фазои иттилоотӣ ва кибернетикӣ имконнопазир аст.

## АДАБИЁТ:


1. Алексеева, Ю. С. Принципы защиты цифрового суверенитета государства // Трансформация механизма государства в период становления и развития инновационного электронного государства. Сборник статей международного круглого стола, Минск, 27 октября 2023 года. – Минск: БГЭУ, 2024. – С. 237-240.
2. Аналитический отчет Стратегии кибербезопасности. - М.: Экспертно-Аналитический центр "InfoWatch", 2022. – 44 с.
3. Асламзода Н. Бехатарӣ ва истиқлолият дар ҳошияи таҳдид ва хатарҳои гибридӣкибернетикӣ // Шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (ш.Душанбе, 29-уми ноябри соли 2022). –Душанбе: ДМТ, 2022. – С.197-209.
4. Белоусова Н.Б. Кибер-сила в современной системе международных отношений // Актуальные проблемы международных отношений и дипломатии (1918 г. - начало XXI в.). Материалы II Международной научно-практической конференции (Витебск, 23–24 апреля 2015 года). - Витебск, 2015. - С. 30-32.
5. Вангородский С.Н. Основы кибербезапасности. – М., 2019. - 238 с.
6. Ващенко А. В. Развитие теорий информационного общество и понятия «Киберпространство» // Научный журнал КубГАУ, №121(07), 2016. – С. 8-9.
7. Дюков Р.В., Мастилин А.Е. Кибертерроризм, как глобальная проблема // Экономика и социум, №6(49) 2018. - С. 384-386

8. Зиновьева, Е. Практика цифрового суверенитета в России и КНР // Официальный сайт Российского Совета по Международным делам. – 2023. – 29 мая [Манбаи электронӣ] URL: https://russiancouncil.ru/analytics-and-comments/analytics/praktika-tsifrovogo-suvereniteta-v-rossii-i-knr/?sphrase_id=151323527&ysclid=lzmy7jlr8u136508830 (дата обращения: 20.04.25).
9. Киберармия. Значение слова «киберармия» [Электронные ресурсы] URL: https://ru.wiktionary.org/wiki/киберармия; https://kartaslov.ru/значение-слова/киберармия (дата обращения: 01. 05. 2025)
10. Никколо Макиавелли // Стэнфордская энциклопедия философии, существенная переработка Ср. Дек. № 6, 2023. [Электронные ресурсы] URL: https://plato.stanford.edu/Entries/machiavelli/?utm_source=chatgpt.com (дата обращения: 25. 04. 2025)
11. Carl Schmitt // // Stanford Encyclopedia of Philosophy, Substantive revision Thu Mar 6, 2025 [Electronic resources] URL: https://plato.stanford.edu/entries/schmitt/#:~:text=work%2C%20The%20Concept%20of%20the,of%20the%20Constitution%2C%20which%20argued (date of application: 22. 04. 2025)
12. Klotz, Robert J. Politics of Internet Communication. Lanham, MA: Rowan and Littlefield Publishers, Inc. 2004. - 259 p.
13. Nossel S. Smart power / S. Nossel // Foreign affairs. – 2004. – № 83 (2). – P. 131 – 142.
14. Nye J. A smarter, more secure America / J. Nye, R. Armitage // CSIS commission on smart power. – Washington, 2006. – 82 p.
15. Political Realism in International Relations // Stanford Encyclopedia of Philosophy. First published Mon Jul 26, 2010; substantive revision Mon Oct 9, 2023. [Electronic resources] URL: https://plato.stanford.edu/entries/realism-intl-relations/#:~:text=The%20keystone%20of%20Morgenthau%E2%80%99s%20realist,a%20rational%20picture%20of%20politics (date of application: 22. 04. 2025)
16. Ryan E. Machiavelli's 27 Rules of War // National security. For insiders. By insider's. August 3, 2014 [Electronic resources] URL: https://warontherocks.com/2014/08/machiavellis-27-rules-of war/#:~:text=Machiavelli's%20Art%20of%20War%20takes,war%2C%20which%20are%20listed%20here (date of application: 22. 04. 2025)
17. Singer P. On Cybersecurity and Cyberwar // Part I, February 4, 2014 [Electronic resources] URL: https://www.brookings.edu/articles/peter-singer-on-cybersecurity-and-cyberwar/ (date of application: 26. 04. 2025)
18. Surman, M. Appropriating the Internet for Social change: Towards the strategic use of networked technologies by transnational civil society organizations [Electronic resource] / M. Surman, K. Reilly// Social Sciences Research Council Information Technology and International Cooperation Program, 2003. – 99 p.
19. Thomas Rid. Cyber War Will Not Take Place // The Journal of Strategic Studies. Vol. 35, No. 1, February 2012. - P. 5–32.

**ИЛМҲОИ ФАЛСАФӢ – ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ – PHILOSOPHY SCIENCES**

# ҶОЙГОҲИ АХЛОҚ ВА ХАРАКТЕРИ МИЛЛӢ ДАР ТАЪЙИНИ САРНАВИШТИ ШАХС ВА МИЛЛАТ

**МУЗАФФАРӢ М.**
*Доктори илмҳои фалсафӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, директори Маркази антропологияи АМИТ*

*Дар мақола масъалаи ҷойгоҳи ахлоқ ва характери миллӣ дар таносуби якдигар мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муайян намудани мавқеи ин ду омил худҳадаф набуда, равшан намудани мазмуни онҳо дар сарнавишти миллат, ҳадафи таҳлилу баррасӣ қарор гирифт.*

*Чунин ҳадаф водор месозад, ки худи мафҳуми "ахлоқ" дуруст муайян шавад. Дар ин раванд, муайян намудани предмети худи ахлоқ мушкилии зиёдеро ба миён овардааст, ки муаллиф дар ин мақола шарҳу тафсири худро пешниҳод менамояд.*

**Калидвожаҳо:** *ахлоқ, хислат, миллат, асосҳои ахлоқ, дин, фарҳанг.*

# МЕСТО НРАВСТВЕННОСТИ И НАЦИОНАЛЬНОГО ХАРАКТЕРА В СУДЬБЕ ЛИЧНОСТИ И НАЦИИ

**МУЗАФФАРИ М.**
*Доктор философских наук, профессор, член-корр. НАНТ, директор Центра антропологии НАНТ*

*В статье речь идет о месте нравственности и национального характера в судьбе нации. Определение двух названных фактора, не являясь самоцелью, оно необходимо для выявления их значимости в судьбе той или иной нации.*

*Такой аксиологический подход позволяет более адекватно определить смысл понятия нравственности. В этом плане определение границ нравственности стало дополнительной исследовательской задачей.*

**Ключевые слова:** *нравственность, характер, нация, основы нравственности, религия, культура.*

# THE PLACE OF MORALITY AND NATIONAL CHARACTER IN THE DESTINY OF PERSON AND NATION

**MUZAFFARI M.**
*Doctor of Philosophy, Professor, Corresponding Member of the NAST, Director of the Center of Anthropology of NAST*

*The article deals with the place of morality and national character in the destiny of a nation. The definition of the two named factors is not an end in itself, it is necessary to identify their significance in the destiny of a particular nation.*

*Such axiological approach allows to more adequately define the meaning of the concept of morality. In this regard, defining the boundaries of morality has become an additional task for the author of the article.*

**Key words:** *morality, character, nation, foundations of morality, religion, culture.*

Фарҳанг падидаи басо мураккаби иҷтимоист. Фарҳангро фарҳангшиносон ба ду самти нисбатан мустақил ҷудо намудаанд, ки якеро фарҳанги маънавӣ, дигареро фарҳанги моддӣ ном мебаранд.

Дар таърихи рушди тамаддун ин ду самт бо якдигар ҳамеша алоқаманд будаанд. Ин алоқамандӣ боиси ташаккулёбии ҷузъиёти фарҳангии гуногунсамт гардидааст. Яке аз ҷузъиёти таркибии фарҳанги маънавӣ ахлоқ ва шуури ахлоқӣ ба шумор меравад. Ахлоқ ҳамчун ҳолати маърифатӣ ва таҳкурсии шуури ахлоқӣ дар ҷамъият, яке аз ҳафт шакли

шуури ҷамъиятиро ташкил медиҳад. Таърихи ташаккулёбии шуури ахлоқӣ ва андешаҳо дар бораи ахлоқ аз таърихи пайдоиши инсоният сарчашма мегиранд.

Бо ифтихор ва қаноатмандӣ гуфтан мумкин, ки аз андешаҳои ахлоқӣ, равонию хирадӣ ва аз муқаддасоти маънавии халқи тоҷик башарият хеле зиёд истифода бурдааст ва ҳанӯз ҳам истифода мебарад. Бояд дар назар дошт, ки сарчашмаи назарияи ахлоқ кайҳо боз дар китоби тоҷикон – Авесто ҳамчун шиори нахустамали шахс сабт гардидааст. Чунин сарчашмаи назариявии ахлоқ “Пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек” аст.

Ба ахлоқ аз нуқтаи назари сифатҳои инсон, моҳияти вай ва аз ҷониби инсон офаридани тасвири олам баҳо медиҳанд. Бояд дар назар дошт, ки миёни мутафаккирони ба омӯзиши ахлоқ сарукордошта, то ҳол риштаи натоиҷи раднашавандаеро аз зарурати мавҷуд будани ахлоқ то кирдори аз вай беруномада, дуруст муайян накардаанд. Дар ин ҷо суоле ба миён меояд, ки худи ахлоқ чист ва чӣ гуна падида аст?

Маънои луғавии мафҳуми “ахлоқ” шакли ҷамъи офаридашуда, халқ гардидааст. Дар чунин маъно ахлоқ ҳолати сириштии инсон ба ҳисоб меравад [3].

Ахлоқ яке аз самтҳои илми фалсафист. Ахлоқ амал ва муносибатҳои миёни одамонро, ки бо меъёри тасаввури “некӣ” ва “бадӣ” санҷида шудааст, меноманд.

Муайян намудани предмети ахлоқ дар илмҳои фалсафӣ, мушкилии зиёдеро ба миён овардааст.

Асосан ахлоқ падидаи мураккабе аст, ки масъалаҳои гуногуни фаъолияти инсонро дар бар мегирад. Пеш аз ҳама яке аз масъалаҳои асосии ахлоқ муайян намудани таносуб миёни амали “нек” ва “бад” аст. Дувум – ошкор намудани “маънои зиндагӣ” ва дар доираи амали ахлоқӣ баҳри ба ҳадаф расидани инсон аст. Сеюм, масъалаи “озодии ирода” дар иҷрои ин ва ё он амали ахлоқӣ масъалаи баҳсталаб аст.

Маҷмӯи ин масъалаҳо мазмуни умумии ахлоқро шояд ошкор созанд. Ба ғайр аз ин, ахлоқ ҳамчун илм худ муайянкунандаи арзишҳои ахлоқист. Дар ин ҷо суоле ба миён меояд, ки ба қатори арзишҳои ахлоқӣ кадом арзишҳо дохиланд?

Якум арзишҳое, ки аз фарҳанги миллӣ сарчашма мегиранд, мутафаккирони мо онҳоро эътироф кардаанд ва дар зиндагии худ онҳоро риоя намудаанд.

Дувум арзишҳое, ки аз фарҳанги динӣ мерос мондаанд.

Сеюм арзишҳое, ки аз моҳият ва тинати ирсии инсон бармеоянд.

Вобаста ба усули тафсир ва ҳалли масъалаҳои ахлоқ ва арзишҳои ахлоқӣ илми ахлоқро ба се самт ё қисмҳо ҷудо намудаанд.

Қисми якумро “назарияи ахлоқ” ташкил медиҳад. Дар ин қисм масъалаҳои омӯзиши ҷузъиёти ахлоқ (элементҳои одоб) ҳаллу фасл мешаванд, қисми дувум, ки ахлоқи нормативӣ номида мешавад, масъалаҳои муайян намудани принсипҳои рафтори одамонро ташкил медиҳанд. Қисми сеюмро “ахлоқи амалӣ” меноманд. Дар ин қисм, маҷмӯи масъалаҳое, ки дар фаъолияти инсон ба вуқуъ мепайванданд, омӯхта мешаванд. Бояд қайд намуд, ки ахлоқи амалӣ қисме аз илми ахлоқ аст, ки тавассути он мафҳуми “фалсафаи амалӣ” ба миён омадааст. Маҳз танҳо ба хотири фаъолияти инсон ва қобили дарк будани ин фаъолият, амали ахлоқии инсон бештар мушоҳидашаванда ба назар мерасад. Дар асоси мушоҳидашавандагии амали ахлоқӣ, муайян намудани шуури ахлоқии шахс муяссар мегардад.

Ҳангоме, ки сухан дар бораи илмияти ин ва ё он падидае меравад, ки ҳамчун самти илмӣ эътироф шудааст, бояд дар назар дошт, ки мафҳуму мақулаҳои дар чунин самт истифодашаванда, на дар маънои мутлақ, балки дар маънои нисбӣ, истифода мешаванд. Дар ин ҷо, мафҳум ва мақулаҳои илми ахлоқ истисно нестанд.

Масалан, муҳимтарин мафҳумҳои калидии илми ахлоқ мафҳумҳои “хайр”, “шар”, “хуб” ва “бад” ҳисобида мешаванд. Дар доираи амали хайр ва шар, хуб ва бад фаъолияти инсон чунон гуногун ба назар мерасад, ки табақабандии онҳо аз имкон берун аст.

Аз тарафи дигар, дар асарҳои ба ахлоқ бахшидашудаи ниёгон, доираи ба илми ахлоқ тааллуқ доштани ин ё он мафҳум, равшан нест. Азбаски табақабандии самтҳои илмӣ дар он замон чандон ба роҳ монда нашуда буданд, аҳли қалам дар асарҳои худ, масъалаи мафҳумҳои ба ахлоқ дахлнадоштаро низ, ҳамчун мафҳуми илми ахлоқ истифода бурдаанд. Барои намуна, асари Ҳусайн Воизи Кошифӣ бо номи "Ахлоқи муҳсинӣ" – ро меоварем. Муаллиф дар асари худ мафҳумҳои зиёде, ки аз доираи илми ахлоқ берун меоянд, истифода бурдааст. Масалан машварат, тадбир, сиёсат, таяққуз ва монанди ин мафҳумҳо хоса ба илми ахлоқ тааллуқ надоранд. Дар ҳар сурат ин мафҳумҳоро дар маънои мутлақи худ фаҳмидан ва истифода бурдан нашояд.

Дар шароити муосир вобаста бо дарназардошти дигаргуншавии ҳаёти иҷтимоӣ, вазъияти иқтисодиву сиёсӣ, фарҳангӣ ва муҳити иттилоотӣ, мо бояд бо ақоиди ахлоқи классикӣ, бо усули интихоби ғояҳои мутобиқ ба давру замони худ муроҷиат намоем. Бо ин меъёр, мо ба арзишҳои ахлоқии муносиб ба ҳаёти имрӯзаи ҷомеаи тоҷик бояд бештар диққат диҳем. Дар чунин интихоб, албатта, падидаҳои ахлоқии ниёгон, ки дар мафҳумҳои "некӣ", "адолат", "адаб", олиҳимматӣ", "хулқу рафқ", "шафқат", "саховату эҳсон", "эҳтиром", "аҳду вафо" ва ғайра ифода шудааст, мавриди таваҷҷуҳ бояд қарор гиранд. Чунки падидаҳои ахлоқии номбурда мафҳумҳои калидии ахлоқӣ мебошанд. Дар баробари ин, аз баъзе андешаҳои ахлоқие, ки ба пешрафти хиради мардум монеа мешаванд ва гӯё ки эътирофи онҳо барои мо "тақдирсоз" аст, канораҷӯӣ бояд кард.

Омӯзиши таърих ва ташаккулёбии шуури ахлоқӣ пажӯҳишгаронро ба хулосаҳои гуногун овардааст. Ба андешаи онҳо, инсон бояд мувофиқи сиришти худ накӯкор ва дарккунандаву арзишгузорандаи амали худ бошад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки инсон табиатан метавонад меҳрубону ғамхор барои дигарон бошад, чунин сифат бояд бештар тақвият бахшад.

Албатта, барои ташаккули шуури ахлоқӣ аҳамияти муҳити зист, ҳаёти иҷтимоӣ кам нест. Дигаргуншавии муҳити зист дар навбати худ ба дигаргуншавии шуури ахлоқӣ оварда мерасонад. Гарчанде, ки худи одамон субъекти дигаргунсози муҳити зист низ мебошанд.

Аз сарчашмаҳои таърихӣ ва андешаҳои шахсии баъзе аз мутафаккирон ба хулосае омадан мумкин аст, ки инсон метавонад табиатан бадкирдор ва бадандеш ҳам бошад. Беасос нест, ки яке аз сифатҳои хоси баъзе аз шахсон бадсириштӣ ва бадандешист. Маҳз аз сабаби мавҷуд будани чунин сифатҳо, таърихан зарурияти ташкил додани сохторҳои давлатӣ – қудратӣ ва меъёрҳои ахлоқву ҳуқуқӣ дар ҷамъият ба миён омадааст.

Миёни баъзе мутафаккирин ва ба вижа мутафаккирони динбовар андешаи дигаре низ мавҷуд аст, ки мувофиқи он шуури ахлоқӣ бе дин наметавонад вуҷуд дошта бошад. Аз ин сабаб онҳо динро асоси пайдоиш ва пойдории ахлоқ мешуморанд. Ба андешаи мо, мавҷуд будани ахлоқ ва шуури ахлоқӣ аз дин вобаста нест. Дурусташ ин аст, ки яке аз вазифаҳои асосии дин бояд ташвиқу тарғиби беҳтаршавии ахлоқи мардум ва ташаккулёбии шуури ахлоқӣ дар ҷомеа бошад.

Аз тарафи дигар, ахлоқи суннатии мо то андозае бар асоси суннатҳои динӣ ташаккул ёфтаанд. Кадоме аз асари классикии ниёгони тоҷикро агар нагирем, андешаҳои ахлоқӣ ва фалсафии онҳо аз чаҳорчӯбаи назариёти динӣ берун нест. Ҳамагуна даъвате, ки баҳри ташаккулёбии ахлоқи ҳамида зикр шудааст, дар чаҳорчӯбаи таълимоти динӣ қарор дошта аст. То ҳатто дар андешаҳои аҳли тасаввуф, ки то андозае тафаккури эшон аз чаҳорчӯбаи таълимоти динӣ озод аст, оҳанги "муросо" ба ақоиди дин даркшаванда аст. Беҳуда нест, ки андешаи "Қуръон оят ба оят адаб аст" вирди забонҳост. Бинобар ин, аз ҳақиқат дур нест, ки ҳадафи ахлоқи суннатии мо низ бештар такягоҳи ташаккулёбии шуури ахлоқии динӣ гаштааст. Ин эътиқод ва ҳамдилӣ дар масъалаи мавқеи дин аз куҷо сарчашма мегирад?

Сурат гирифтани ҳисси ғарбгароӣ ҳанӯз аз замонӣ ташаккулёбии илм ба миён омада буд. Аз ин рӯ, эътибори зиёд додан ба китобҳои муқаддас, аз ҷумла Библия

тасодуфӣ набуд. Бе сабаб нест, ки ғарбгароён зарурати ахлоқро аз андешаҳои дар Таврот сабтшуда, ба монанди “қатл накун”, “зино накун”, “дуздӣ накун” ва ғайра меҳисобиданд [2]. Бояд дар назар дошт, ки сабаби сарчашмаи ахлоқро дар дин пиндоштан, бо мақсади ҷудо намудани расму оини дини номбурда буд. Агар ба гузашта назар кунем, дар равиши таърихи башарият шуури ахлоқӣ ҳамеша дар чаҳорчубаи ду ҷанба ҷойгир буд, яъне барои худ ва барои дигарон. Аз ин рӯ, ғалабаи ақоиди ин ва ё он дин, хусусияти дини дигаре маҳкум карда мешуд. Таҳти шиори “ба ҷонибдории яке аз динҳо ва ё мазҳабҳо” миёни онҳо нобасомониҳои зиёде ба амал меомад. Дар натиҷа мазҳаби ғолиб ҳамоно кӯшиш менамуд, ки ахлоқи мазҳаби дигарро аз байн барад. Дар ин бора мисолҳои зиёде аз дини яҳудӣ ва ислом овардан мумкин аст.

Муайян намудани моҳият ва пайдоиши ахлоқ кори осон нест. Аз тарафи дигар, бо ҷустуҷӯ намудани таърихи ахлоқ, хондани асарҳои ба масъалаҳои ахлоқ бахшидашуда, бевосита ахлоқи ҷомеаро наметавон беҳтар ва мувофиқи мақсад ташаккул дод. Чунки ҳолатҳои ахлоқӣ назар ба хирад бештар ба эҳсосоти мардум вобастагӣ доранд.

Зоҳиршавии шуури ахлоқиро дар ҷомеа, албатта, ба аломатҳои математикӣ ҳисоб намудан аз имкон берун аст. Дар ин бора дар замони худ Арасту мегӯяд, ки ҳақиқат дар ахлоқ дар шакли умумӣ ва тахминӣ зоҳир мегардад [1]. Дар тақвияти ин андеша файласуфи олмонӣ Гегел низ чунин баён намудааст. Ба ақидаи ӯ, фикри он ки илм мардумро хушахлоқ мегардонад, монанди андешаест, ки донистани анатомия ва физиология моро ба фаҳмиши чӣ гуна ҳазмшавии хӯрок бурда мерасонад.

Дар таърихи ахлоқ бархе аз муҳаққиқон баҳри исботи нисбӣ будани меъёрҳои ахлоқӣ кӯшишҳои зиёде намудаанд. Ин гуфтаҳо маънои онро надоранд, ки мо аз таҳқиқу баррасии таърихи ахлоқ худдорӣ намоем. Баръакс, мо медонем, ки ашъори мутафаккирони тоҷик, ки аз панду ҳикматҳои оламшумули ахлоқӣ дар адабиёти ҷаҳонӣ беназиранд. Мазмунан ин панду ҳикматҳо аксаран ба масъалаи ахлоқ бахшида шудаанд, ки бояд ҳатман таҳлилу таҳқиқ шаванд ва ба хонандагон дастрас бошанд.

Бинобар ин, бо тариқи мантиқӣ ифода намудани моҳияти ахлоқ ва бо меъёрҳои ақлонӣ санҷидани он, то андозае натиҷаи мусбат доданаш ғайриимкон аст. Ин далели он аст, ки ахлоқ худ басанда ва худҳадаф аст. Аз ҳамин сабаб, арзишҳо ахлоқро асос шуда наметавонанд, чунки ахлоқ худ яке аз асоси арзишҳост.

Муаллифи арзишҳо ва алоқамандкунандаи онҳо худи инсон аст, ки ӯ арзишҳоро “ниқоб” – и инсонӣ мепӯшонад. Бесабаб нест, ки мураккабии хусусияти ахлоқ мутафаккиронро маҷбур сохтааст, ки дар баҳодиҳӣ нисбат ба ахлоқ гоҳ воситаи саркӯб кардан, гоҳе асоси ахлоқро аз олами ҳайвон пазируфтан ва гоҳе ахлоқро натиҷаи ҳамкории одамон шуморанд. Имрӯзҳо асосан дар фарҳанги Ғарб, андешаҳои нисбат ба ахлоқ дахлдошта, бо ҳадафи асоснок намудани муносибатҳои иҷтимоии одамон, баҳри идора намудани ҷомеа, гуфта шудаанд. Новобаста аз ин ҳадафҳо, суоле ба миён меояд, ки оё ахлоқ барои шахс ва ҷомеа зарурате дорад ё на? Пеш аз ҳама бояд қайд намуд, ки муаммои саломатии ҷисмонӣ ва равонии инсон то андозае аз ахлоқи ӯ вобаста аст. Тибқи андешаҳои мардуми ориёитабор саломатии инсон натиҷаи накӯкории ӯст.

Андеша дар бораи маризӣ ҳамчун барномаи то ба тавлиди шахс тартибдода ва аз ин сабаб тавозӯъ ё итоат намудани шахс ва бо ин усул, маҳкум кардани ғурури ӯ, қобили қабул набуд. Сабаби маризиро пизишкони тоҷик ҳамавақт дар вайроншавии мубодилаи моддаҳо ва ҳолатҳои манфии асаби инсон медиданд. Ҳолатҳои танбалӣ, бефаровезӣ, надоштани қобилияти мутамарказии самти фикрӣ, устувор набудани тафаккур, эҳсосот ва хирад оқибат ба маризии ҷисмониву равонӣ оварда мерасонанд. Дар натиҷа, сабабгори асосии азобу машаққати инсон андешаҳои ноқису касифи ӯ ба ҳисоб меравад. Тибби муосир низ, тандурустии инсонро ҳамчун натиҷаи равонии ба ахлоқ омехта эътироф дорад. Ҳолатҳои равонӣ ва ахлоқӣ ба монанди асабоният, бетоқатӣ, ҳаяҷон, бахилӣ, майли интиқом, ҳасад, кибру ғурур, бегонашавӣ аз мардум асоси маризиҳои ҷисмониву равонӣ мегарданд.

Аз назорати виҷдон ва андешаи дуруст дар канор мондан, сабаби қувватгирии ҳолати худбинӣ ва худпарастӣ гардида, дар натиҷа ҳолатҳои мусбати ахлоқӣ коста шуда, дар маҷмӯъ боиси фосид шудани қобилияти фикрӣ мегарданд. Аз ин рӯ, мо дар симои ҷинояткор вайроншавии ду нерӯи бо ҳам вобаста – равон ва ахлоқро мебинем [4, 19].

Ба ҳамагон маълум аст, ки саломатӣ ҳолатест, ки инсон худро аз ҷиҳати ҷисмонию равонӣ ва хирадӣ хуб ҳис мекунад, андешаю кирдораш ба меъёри ин се ҳолати инсонӣ ҷавобгӯ мебошад.

Чунон ки қайд гардид, асоси мавҷудияти ахлоқро бо ҳеҷ як меъёрҳои дар боло зикршуда натвон санҷид. Меъёрҳои номбурда танҳо дар раванди донишомӯзӣ равшан дарк мегарданд. Саволҳои зиндагии инсонро муайянкунанда, ба монанди “некӣ ва бадӣ чист?”, “ҳақиқат чист?”, “моҳияти зиндагӣ аз чи иборат аст?” гарчанде аҳамияти маърифатӣ дошта бошанд ҳам, аммо моҳияти тасаввури ахлоқӣ низ дар онҳо тавъаманд. Аз тарафи дигар, агар шахс масъалаҳои ба ахлоқ бахшидаро ба шахси дигар шарҳ ва тафсир диҳад, дар чунин ҳолат масъалаҳои ахлоқӣ ба маърифатӣ табдил меёбанд. Ин далели бо ҳам алоқаманд будани ҳолатҳои маърифатӣ ва ахлоқӣ мебошад. Аз ин алоқмандӣ бармеояд, ки нақши ахлоқ дар раванди маърифат басо равшан аст. Тасодуфӣ нест, ки меъёрҳои ахлоқӣ воситаҳои асосӣ дар равиши маърифат ҳисобида мешаванд. Маърифат дар навбати худ такя бар дарки бевоситаи муҳити атроф, натиҷагирӣ аз чунин дарк ва ба эътибор гирифтани фарҳанги гузаштагон аст. Вале муяссар шудан ба дониши асил бе фаҳмиш ва арзишгузории тинати ахлоқии муаллифони фарҳанг ғайриимкон мебуд. Донишҳое, ки моҳияти ахлоқро равшан месозанд, маълумотеро дар бар мегиранд, ки қонунҳои инкишофи ҷамъият, ташаккулёбии ҷаҳонбинии мардум дар шакли ақоиди ҷиддӣ сабт шуда, ҳамчун идеал, орзую ҳадаф сурат мегиранд.

Одамон на ҳама вақт ҳадафи амали ахлоқро дуруст дарк менамоянд. Дар баъзе маврид рафтори шахси алоҳида шояд мухолифи фаҳмиши дигарон бошад, вале агар рафтори он шахс бо ахлоқи хирадмандона асоснок шуда бошад, дер ё зуд моҳияти мусбат доштанаш ошкор мегардад. Тарбия ва ташаккули ахлоқи ҳамида бидуни пиндору гуфтору рафтори бошуурона ва иродаи озод муяссар нахоҳад шуд. Рафтору гуфторе, ки аз ботини шахс бошуурона берун наояд, далолати ахлоқи манфӣ доштан аст. Дар баробари бо маърифат тавъам будани ахлоқ, аҳамияти он баҳри сермаҳсулии тафаккур ва озодии ирода кам нест. Ахлоқи бошуурона, ки бо чароғи маърифат, яъне дониш мунаввар шудааст, то андозае равшангари роҳи наҷоти шахс дар зиндагист [4, 70].

Роҳи ахлоқ ва маърифат барои шахсони дар ин роҳ раванда, ҳамеша сабз ва ҳамвор аст. Вале дар ҷамъият нафароне, ки бо мақсади худнамоӣ ва ибодат ва дигар анъанаҳои динӣ ширкат меварзанд, чунин чорабиниҳо ахлоқи бошууронаро аз онҳо нометалабад. Вале аксарияти мардум чунин амалро натиҷаи ахлоқи бошуурона меҳисобанд, ки моҳиятан арзишгузории аз ҳақиқат дур аст.

Дар раванди ташаккули шуури ахлоқӣ тинати фардии инсон мавқеи хосеро соҳиб аст. Дар ин раванд, дар роҳҳои пурпечутоби зиндагӣ муъҷизае нест. Шахсро зарур аст, ки зинаҳои ахлоқиро пайгирона тай кунад. Нафароне, ки ин зинаҳои ахлоқиро бошуурона ва ҳамчун шахси бомасъулият паси сар мекунанд, бе чуну чаро маҳбуби дигарон хоҳанд шуд. Агар фаъолияти ахлоқии шахс аз хиради ӯ сарчашма нагирад, натиҷаҳои чунин фаъолият ҳисси қаноатмандии маънавиро ба миён нахоҳад овард.

Суоли дигар он аст, ки оё ҷаҳонбинии шахс таҳкурсии ахлоқи ӯ шуда метавонад? Кӯшиш дар роҳи ба як қолаби муайян даровардани рафтори ахлоқӣ шахсро ба чунин натиҷа мерасонад, ки шакли ҷаҳонбинӣ ҳамеша таъйинкунандаи ахлоқ гардад. Меъёрҳои ахлоқӣ вобаста ба макону замон ва ҷаҳонбинии шахс дигаргуншавандаанд. Ахлоқи устувор ва поянда ин виҷдон ва ҳисси дарки ҳақиқат аст, ки бояд дар хиради ҳар як инсон мавҷуд бошад.

Гарчанде, ки омилҳои пайдошавии ахлоқ бо таҳқиқот муайян нашудаанд, вале бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки қобилияти дарёфт ва фаҳмиши зарурати ахлоқ, ба андешаи И. Кант дар хиради мо ҷой дорад.

Қаноатмандӣ ва хулосабарории мо, ки асосашро муносибати тарафайни одамон ташкил медиҳанд, далели мавҷуд будани шуури ахлоқӣ дар мост. Асоси ахлоқро, чӣ тавре, ки зикр гардид, то андозе ҷаҳонбинӣ ташкил медиҳад. Ҷиҳати мусбати масъалаи ахлоқ дар он аст, ки одамон новобаста аз дину мазҳаб, ҷаҳонбинию маълумот, миллату нажод, дер ё зуд, ҷӯёи моҳияти ахлоқ мешаванд. Рӯ овардани одамон ба ахлоқ сабабҳои гуногун дорад. Якеро шароити зиндагӣ ва муносибат миёни мардум, дигареро таҳлил ва омӯзиши китобҳо, яъне дониш водор месозад, ки масъалаҳои ахлоқиро барои худ равшан созанд. Шахсоне, ки танҳо бо роҳи худомӯзӣ ва таҳлилу тафсири навиштаҳо дар бораи ахлоқ роҳсипор ва ташаккули ахлоқи ҳамидаро интихоб намуда бошанд, зиёд нестанд.

Аксарияти мардуми мамлакатҳои тараққикардаи Ғарб ҳангоми аз кор озод ва машғули тамошои филмҳои бадеӣ будан, масъала ба рафтори ин ва ё он шахс баҳои субъективӣ доданро, ба худ касб намудаанд. Бояд эътироф намуд, ки асосҳои ғоявӣ ва тарзи ҷаҳонбиние, ки дар заминаи онҳо ахлоқ ба миён омадааст, ба монанди фаҳмиши усул ва натиҷаҳои риёзати ҷисмонӣ зарур ва ҳатмист. Бе равшан намудани ҳадаф дар зиндагӣ ва фаҳмиши моҳияти он, ҳамагуна кӯшиш ва риёзати мо дар ҷодаи ахлоқ аз аҳамият холист. Агар ҳадафи зиндагӣ равшан ва муайян набошад, рафтори ахлоқии мо бенатиҷа, шояд ба гумроҳӣ низ оварда расонад.

Риёзати ахлоқие, ки мардум дар ҷамъият то андозае пайравӣ мекунанд, ин риёзат барои хушҳол будан ва қаноатмандии нафс ва ҷисм мебошад. Бинобар ин, шинохти тафовут миёни риёзати ахлоқӣ ва шуури ахлоқии худташаккулёфта, зарур ва ҳатмист. Фарқ намудани чунин тафовут ва арзишгузории дуруст ба қобилияти худ шарти муҳими дар ҷамъият муваффақият пайдо намудан аст.

Дар ҳар як ҷамъият нафароне низ ҳастанд, ки адабиёти зиёдеро дар масъалаи риёзати ахлоқӣ мутолиа намуданд. Бояд дар назар дошт, ки риёзати ахлоқӣ яке аз масъалаҳои муҳими дину мазҳаб ва дигар мактабҳои фикрист. Аз ин рӯ, шумораи нафарони ахлоқро бо ченаки фаҳмиши худ санҷанда ва шарҳдиҳанда кам нестанд. Гурӯҳе ахлоқро ҳамчун инкори ҳама гуна ҳаёти моддигароянда, гурӯҳи дигар – инкори ҳолатҳои хушбахтии равонию хирад мешуморанд. Аз ин нуқтаи назар, риёзати ахлоқии чунин шахсон бефоида ва ба фоидаи ҷамъият буда наметавонад. Чунин шахсон, гарчанде пас аз муҳлати муайяне аз ақидаи худ даст кашида, ба ҳаёти муқаррарии ҷамъиятӣ бармегарданд, вале расидани таъсири манфияшон ба муҳити иҷтимоӣ боқӣ мемонад. Аз тарафи дигар, агар шахс дар муҳити анъанавӣ, зиндагӣ дошта бошад, вай тезтар ба риёзати ахлоқии аз дин сарчашмагирифта, ворид мегардад. Мушоҳида нишон медиҳад, ки мардум тавассути расму оин оила барпо мекунанд, фарзанд ба дунё меоваранд, пас аз иҷрои ин анъанаҳо муҳлате маризу пир мешаванд ва рӯзе саҳнаи зиндагиро тарк мекунанд. Дар ин раванд шахс дарк менамояд, ки саҳнаи зоҳирии зиндагӣ ин мубориза барои ҳаёт, хушҳолӣ, ҷамъоварии молу ашё ва ғайра будааст. Пас шахс ба моҳияти чунин зиндагӣ "сарфаҳм" рафта, моҳияти ахлоқро дар мутобиқ сохтан ба чунин тарзи ҳаёт мебинад, ки моҳиятан, хатост.

Дар фарҳанги мардумӣ нисбат ба шахсоне, ки дар роҳи росткориву хушгуфтории зоҳирӣ ва ботинӣ раҳсипор мешаванд, меъёрҳои ахлоқии дар амал иҷрошаванда, пешниҳод мешуд. Яке аз чунин меъёр ва ё категорияҳои ахлоқии дар заминаи ҷаҳонбинии ориёӣ ташаккулёфта, ин категорияи "устуворӣ" аст. Шахс дар доираи ин меъёр аз зарар расонидан ба одамон ва муҳити атроф худдорӣ намуда, бояд ҳақиқатгӯ ва ҳақиқатпараст бошад. Молу ашёи бегонаро аз худ накунад ва эҳсосту хоҳишҳои худро дар доираи меъёрҳои ахлоқӣ бисанҷад ва нагузорад, ки онҳо аз чаҳорчӯбаи ақлонӣ берун бароянд, ки ин ҳама дар натиҷаи устуворӣ ба амал меояд.

Мазмуни ҳолати “устуворӣ” якчанд паҳлӯҳои мушаххаси ахлоқиро низ дар бар мегирад.

Пеш аз ҳама, пок нигоҳ доштани ҷисми биологии худ бо роҳи шустушӯй ва ғизои тозаву мувофиқ хӯрдан, ки покии зоҳириро дар бар мегирад. Ҷиҳати ботинӣ бошад, ба он далолат мекунад, ки шахс ҳамеша бо андешаҳои дуруст ва мантиқӣ зиндагӣ кунад. Дар ҷомеа, дар муносибат ба одамон (новобаста аз сифатҳои манфии онҳо) мушфиқу ғамхор бошад. Қаноатманд будан, шукрона ба зиндагии орому осоишта намудан, дар худ тарбия намудани одати тобоварӣ, ташаккул додани равону хиради хеш ва ғайра, дарбаргирандаи ҷанбаи ботиниand. Бояд қайд намуд, ки ин андешаҳои ахлоқии баёнгардида, гарчанде сарчашмаи онҳо аз фарҳанги қадим оғоз гардида бошад ҳам, вале имрӯз онҳо қобили қабули фарҳанги умумибашариянд.

Аҳамияти риёзати устувор чун ду шакли низоми ахлоқӣ ё нигоҳ доштани “устувории равону хирад”-и хеш асос ва воситаи идора намудани шуури омма мебошанд, ки дар таҷрибаи давлатдорӣ санҷида шудаанд.

Агар мо дар ҳаёти ҳаррӯзаи ҷамъиятӣ мушоҳидакор набошем, ба моҳияти ин ва ё он воқеа, ҳодиса бо ченаки меъёрҳои ахлоқӣ баҳо дода наметавонем, паёмадҳои воқеаро намефаҳмем, аз ӯҳдаи муайян намудани сабаб ва хусусияти он намебароем. Он мушкилоте, ки дар вақташ мо онро ҳал накарда будем, ногузир, дар ҳолати номувофиқ бо ӯ рӯ ба рӯ хоҳем шуд.

Давом дорад...

**АДАБИЁТ:**

1. Аристотель. Никомахова этика. Соч. в 4 т. [Текст] / Аристотель. – М.: Наука, 1983
2. Библия: слово бога или человека? Ню-йорк, Бруклин. – 1998. – 189 с.
3. Гусейнов А.А. введение в этику [Текст] / А.А. Гусейнов. -М.: Изд-во МГУ, 1985.
4. Музаффарӣ М. Антропологияи ориёӣ. – Душанбе. – 2006. 124 с.

УДК: 130. 3 (575.3) –(575.1)

# ТАНҚИДИ НАЗАРИЯИ БИОХИМИЯВИИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ИҶТИМОИИ ИНСОН

**АМИНОВ Ф.А.** [1]
**НАВРӮЗОВ И.С.** [2]
[1]*Номзади илмҳои фалсафа, дотсент, ходими пешбари илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*
[2]*Ассистенти кафедраи умумидонишгоҳии фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

*Дар мақола муаллифон зикр мекунанд, ки раванди ташаккул, инкишоф, парваришу ғановат ёфтан ва афзоиши муттарақии нерӯ ва қобилиятҳои инсонӣ моҳиятан раванди ҷамъиятӣ-таърихӣ ва талаботию фаъолиятиро соҳиб аст. Мувофиқи андешаи муаллифон муроҷиат кардан ба ташаккул ва фарқгузории қобилиятҳои инсонӣ аз мавқеи назарияи биохимиявӣ чизе ҷуз таҳрифкорӣ нест. Муаллифон бар ин назаранд, ки дар доираи назарияи биохимиявӣ неру ва қобилиятҳои инсонӣ дар сатҳи "равандҳои биохимиявӣ" қаблан қарор дода шуда, ҳамзамон хусусиятҳои қобилияти инсонӣ тавассути барномаи биологӣ муайян мегаштааст ва ин қобилиятҳо дар аҷсоми инсон тибқи маҷрои биохимиявӣ ҷорӣ мегардад. Нуқтаи назари он ки қобилият ва манфиатҳои моддӣ, маънавӣ, табақотӣ, касбӣ дар "ҳадди боризе" аз ҷониби равандҳои биохимиявӣ муайян мешудаанд, аз ҷониби муаллифон пазируфта намешавад.*

*Муаллифон ба ақидае қарор доранд, ки равандҳои биохимиявӣ дар узвияти инсон ҳанӯз то замони мавҷуди фаъоли иҷтимоӣ буданаш ҷараён дошт, вале ин хусусиятҳои узвӣ худ ба худ натавонистанд қобилиятҳои гуногуни фаъолиятӣ ва талаботиро тавлид созанд. Муаллифон итминон доранд, ки неруҳои физиологӣ, узвӣ, биохимиявӣ ҳанӯз наметавонанд қобилиятҳои инсонӣ, фаъолиятӣ, эҷодию созанда ном бурда шаванд, зеро ки унсурҳои биохимиявӣ худ ба худ сифатҳои иҷтимоию фаъолиятиро нахоҳанд сохт. Қобили зикр аст, ки қобилиятҳои хосси инсонӣ, ки гуногунии тахассусӣ ва самти моҳиятию мундариҷавӣ дорад, дар муқоиса ба равандҳои биохимиявӣ тавассути ҳастии иҷтимоӣ ва фарҳангӣ муайян мегарданд.*

**Калидвожаҳо:** *қобилият, равандҳои биохимиявӣ, иҷтимоият, талаботӣ, фаъолият, манфиат, моҳияти инсон, фард, шахс, ҷамъият.*

# КРИТИКА БИОХИМИЧЕСКОЙ ТЕОРИИ СОЦИАЛЬНЫХ СПОСОБНОСТЕЙ ЧЕЛОВЕКА

**АМИНОВ Ф.А.**[1]
**НАВРУЗОВ И.С.**[2]
[1]*Кандидат философских наук, доцент, ведущий научный сотрудник Научно-исследовательского Института при Таджикском национальном университете*
[2]*Ассистент общеуниверситетской кафедры философии Таджикского национального университета*

*В данной статье авторы отмечают, что процесс формирования, развития, культивации, интенсификации и прогрессивного возрастания общественных сил и способностей человека, по своей сущности есть общественно-исторический и потребностно-деятельностный процесс. По мнению авторов апеляция к "биохимическому" происхождению, спецификации и дифференциации человеческих способностей, есть ни что иное, как мистификация.*

*Авторы утверждают, что в рамках биохимической концепции человеческие силы и способности предустановлены на уровне "биохимических процессов", и особенности человеческих способностей определяются биологическими программами, протекающими в их теле биохимическими процессами. Авторам неприемлемо утверждение, о том, что материальные, духовные, классовые, профессиональные и т.п. интересы и способности людей в "значительной степени" определяются биохимическми процессами.*

*Авторы считают, что биохимические процесси протекали в организме человека и до того, как он стал собственно деятельным социальным существом, однако они сами по себе не породили разнообразные деятельностно-потребностные человеческие способности. Авторы убеждены в том, что физиологические, органические, биохимические способности и силы – это еще не способности, которые могли бы быть названы человеческими, деятельными, созидательными, поскольку органические и биохимические силы сами по себе не порождают у человека социально-деятельных качеств. Следует сказать, что специфичность человеческих способностей, различные их профили и содержательная направленность, в отличие от биохимических процессов, определяется социальным, культурным бытием человека.*

**Ключевые слова:** *способность, биохимические процессы, социальность, потребность, деятельность, интересы, сущность человека, индивид, личность, общество.*

## CRITIQUE OF THE BIOCHEMICAL THEORY OF HUMAN SOCIAL ABILITIES

**AMINOV F.A.** [1]
**NAVRUZOV I.S.** [2]
[1]*Candidate of Philosopy scienses, associate professor, leading researcher af the Tajik National University Research Institute*
[2]*Doctor of Philosophical sciences, professor, corresponding member of National Academy of Sciences of Tajikistan*

*In this article, the authors emphasize that the process of the formation, development, cultivation, intensification, and progressive growth of human social forces and abilities is, in its essence, a socio-historical and need-driven activity-based process. According to the authors, the appeal to the "biochemical" origin, specification, and differentiation of human abilities is nothing more than a mystification.*

*The authors assert that within the biochemical concept, human forces and abilities are predetermined at the level of "biochemical processes," and that the features of human abilities are defined by biological programs and the biochemical processes occurring in the body. The authors reject the assertion that material, spiritual, class-based, professional, and other such interests and abilities of people are "significantly" determined by biochemical processes.*

*They contend that biochemical processes took place in the human organism even before humans became truly socially active beings. However, these processes alone did not give rise to the diverse, activity- and need-based human abilities. The authors are convinced that physiological, organic, and biochemical capacities and forces are not yet the kind of abilities that can be called human, active, or creative, as organic and biochemical processes by themselves do not give rise to socially active qualities in a person.*

*It should be noted that the specificity of human abilities—their various profiles and content-oriented direction—unlike biochemical processes, is determined by the social and cultural existence of the individual.*

**Keywords:** *ability, biochemical processes, sociality, need, activity, interests, human essence, individual, personality, society*

Солҳои 60-ум ва 70-уми асри гузашта консепсияи иҷтимоӣ-фаъолиятии ташаккули қобилиятҳо қувват гирифта бошад ҳам, ҳамзамон назарияи "нишонаю осорҳо"-и қобилияти ирсӣ аз ҳузури хеш дарак медод.

Дар симпозиуме, ки соли 1969 таҳти унвони "Проблема личности" ("Мушкилоти шахс"), баргузор гардида буд, гурӯҳе аз равоншиносону файласуфон ташаккули иҷтимоии инсон ва эҷод шудани қобилиятҳои сирф ҷамъиятии инсонро ба мазраи механизмҳои биохимиявӣ тела дода, раванди инкишофи ҷамъиятии инсонро тобеи хосиятҳои биохимиявӣ мегардонанд. Муаллифон Л.О. Бадалян , Г.Д. Новинский, А.И. Миронов арз медоранд: "... мебояд маълум сохт, ки кадом механизмҳо ё равандҳои биохимиявӣ ба ин қобилиятҳо мувофиқанд. Ин заминаю шарти пешакӣ, бешак, бояд

бошад, тарбия, таълим, маориф ва ғ. онро инкишоф дода, қувват мебахшад" [1, 486]. Низоми маориф, усули таълим ва тарбия дар фаҳмиши муаллифони зикршуда на танҳо эҳтиёҷ ба субстратҳои биохимиявӣ доранд, балки дар роҳи ташаккули маориф ва раванди таълиму тарбия зарурати мувофиқ омадани механизмҳои биохимиявӣ ба миён омадааст. Аммо пешниҳодкунандагони ин идея ҳеҷ наметавонанд он механизмҳоро маълум созанд ва ба ҳамаи инсоншиносон вазифа мегузоранд, ки омил, нутфа ва ё нишонаи биохимиявиро маълум созанд. Ин даъват ва ин вазифа муҳаққиқони дигарро аз қабили Л.О. Бадалян, Г.Д. Новинский, А.И. Миронов масъул сохтааст, то ҳузури раванди биохимикиро дар ташаккули қобилиятҳо шарти зарурӣ ҳисобида, тарбия, таълим, умуман ҳама гуна фаъолияти ҷамъиятиро танҳо қувватдиҳандаи он чизе донанд, ки алаккай дар ҳувияти инсон хуфта аст. Ин нуқтаи назар муҳаққиқини дигарро қонеъ намегардонад. Пайравони ин назария файласуфон, равоншиносон ва антропологҳо андеша пеш мегузоранд, ки дар доираи раванди биохимиявӣ имконияти таснифоту табақабандии қобилиятҳои инсонӣ ҳеҷ муяссар нахоҳад гашт. Қобилиятҳои инсонӣ маҳсули тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, гуногунии тарзҳои фаъолият буда, бо амри талаботҳои истеҳсолӣ, бар асари эҳтиёҷҳои технологӣ эҷод мешаванд. Албатта дар узвияти биологии инсон ҳамеша ҷузъиётҳои мухталифи биофизиологӣ ҳузур доранд. Ин таркиботи физиологию биологӣ омили асосии зинда мондани инсон, муҳити ташаккул, инкишоф ва заволи узви инсон хоҳад буд. Равандҳои биохимиявӣ дар таркиботи узвии мавҷудоти зинда, дар олами наботот, ҳайвонот ва табиист, ки дар инсон ҳам то замоне, ки инсон ҳамчун мавҷудоти зинда ҳаст, ҷараён мегирад. Аммо таъиноти ин равандҳои биохимиявӣ ба хотири нигоҳ доштани кори муътадили бадани инсон буда, ин таассури химиявӣ ҳаётро дар бадани инсон нигоҳ медорад. Ин раванд ба узвияти мавҷудоти зинда имкон медиҳад инкишоф ёфта, афзоиш ёфта, таркиботи худро нигоҳ дошта, ба таъсири олами муҳит ҷавобгӯ бошад. Ин равандро метаболизм ё табодули моддаҳо меноманд. Дар раванди таассури биохимиявӣ аминокислотаҳо, сафеда, мембранҳои плазма, молекулаҳои полимерӣ, ДНК, РНК, коферментҳо, нуклеозидҳо ҳамеша дар ҳаракату бархӯрдҳо қарор доранд. Дар тиб раванди биосинтези моддаҳои органикӣ, ҷузъиёти ҳуҷайраро анаболизм номида, таҷзияю кафониши молекуллаҳои мураккабро дар алоқамандиашон бо ҳуҷайра катаболизм меноманд [12]. Яъне, рафти табодули моддаҳо, раванди таҷзияи биохимиявӣ садҳо ҳазор сол боз инсонро ҳамроҳӣ намудааст, вале ташаккули фарҳангу маориф, пешравии илму техника падидаи сирф ҷамъиятию истеҳсолӣ буда, дар муқоиса ба узвияти садҳо ҳазор сол муқаррарбудаи банни башар ҳодисаи наву нодир буда, мундариҷаи он сирф ҷамъиятӣ аст.

Чуноне мебинем, муаллифон даҳҳо ҷузъиёти раванди биохимиявиро, ки таъиноташон сирф хидмати узвиятию биологӣ ба ҷисми мавҷудоти зинда, аз ҷумла ба узвияти биологии одамон аст, мехоҳанд мазмуну мундариҷаи иҷтимоӣ бидиҳанд. Фақат ба эътибор намегиранд, ки ин равандҳои биохимиявӣ вазифаи устувор кардани тарбия, таълим ва маорифро ба уҳда нахоҳанд гирифт. Муаллифон дар идомаи ҳамин мақола саргум зада, оқибати андешаи хешро ба номаълумӣ ҳавола мекунанд: "аммо мо ба дараҷаи кофӣ намедонем, ки қобилият, қареҳа (истеъдод) чист, дар гумон аст, ки ба ҳадди кофӣ мо ин сифатҳоро инкишоф диҳем" [1, 486]. Равиши мантиқии ин консепсия бояд ҳамин тавр ҳам мешуд: фарқ накардани қобилиятҳои фаъолиятӣ-талаботӣ, аз ҷумла қобилиятҳои маънавӣ аз равандҳои биохимиявӣ ба ҳамин парешонии фикр хоҳад овард.

Пайравони назарияи биохимиявии қобилият хусусияти олами маънавии инсонро низ мутеи амалиётҳои химиявӣ ҳисобида, илҳоми шоир ва ё авзои руҳонии эҷодкорро низ побанди реаксияҳои химиявии дар бадани инсон ҷараёндошта месозанд. Талаботҳои ҳаёти воқеӣ, ниёзҳои касбӣ, арзишҳои ифтихорӣ, авзои пазироии коллектив, эътирофи ҷомеа, масъулиятҳои ихтисосӣ ва ғ. дар ин равиши афкори физиологию биологӣ ҷой надорад. Ин иштиёқу саргармиро академик Н.П. Дубинин "чорвопарварӣ" ва Карл Маркс "ҷаҳонбинии зоологӣ" меномад. Карл Маркс дар «Танқиди фалсафаи ҳуқуқи

Гегел” мафҳуми “ҷаҳонбинии зоологӣ”-ро истифода мекунад, ки дар илм бо номи гералдика маълум аст. Гералдика дар нимаи аввали асри XII, байни ду юриши салибӣ пайдо шудааст. Салибдорон бо ҷавшан ва силоҳ пӯшида буданд, ба хотири маълум сохтани насаб, авлод ва шахсияташон ин паҳлавонони салибдор дар либосу ниқобашон нишон ва ё тамғаи авлодии худро мезаданд, то фарқияти иҷтимоии ашрофиашон маълум бошад. Бо истифода аз тамғаю нишонаи авлодиашон маҳбубияти алоқамандони авлодашонро қувват диҳанд. Гералдика калимаи лотинии heraldus буда, маъноияш мунодӣ ё ҷорчӣ гуфтан аст. Ҳамин ҳолати пешгузории мақомоти ирсӣ, ки Гегел дар “Фалсафаи таърих” тавсиф мекунад, аз ҷониби К.Маркс мавриди интиқод қарор мегирад. Мансубияти авлодиро ӯ афзалияти табақотӣ ҳисобида, ночиз будани таъиноти инсонҳоеро, ки аз гузаштаи авлодию хуниашон истифода мекунанд, таъкид менамояд. Маркс менависад, ки табиат инсонро танҳо ҳастии инфиродӣ дода, пеш аз ҳама ба ӯ чун ба фарди табиӣ ҳаёт медиҳад [10, 341-342]. Таъиноти давлатӣ, чун ҳокимияти иҷроия ва ғайра маҳсули ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, на зодаи фарди табиӣ. Дар кишварҳое чун Англия, Франсия низоми меросии лорд, пэр, герсог, граф, виконт, барон буд, ки ба хотири нигоҳ доштани мақоми иҷтимоӣ ва бегона нашудани моликияти моддӣ ё мансабҳои давлатӣ ба таври меросӣ ба фарзандон медоданд. Ин анъанаро Виктор Гюго дар асари “Одаме, ки ханда мекунад” бо нишон додани образи Гуинплен хело равшан тасвир мекунад [5]. Маркс менависад, ки далели тавлиди ҷисмонии пэр, герсогу барон – новобаста ба он ки инсон сифатҳои иҷтимоию табақотиро дорад, ҳанӯз маънои онро надорад, ки дар ҷисмонияти ӯ, ё дар хуни ӯ хосиятҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла хуни пэр ва ё герсог, хуфта бошанд. Инсон дар ҷамъият, дар муҳити алоқаҳои ҷамъиятӣ бузург мешавад ва ин сифатҳои инсонӣ аз таркиботи узвии ӯ берун намешавад. Гуинплен аз нигоҳи биологӣ фарзанди лорд Кленчарли аст, вале тарбияи ҳунарпешаи овора, табиб ва файласуфи ҳақшинос Урсусро гирифтааст. Нависандаи бузург равиши ташаккули иҷтимоии инсонро муайянкунандаи равоният, хулқу одоби ӯ дониста, таъиноти инсонро на дар мансубияти хунии ӯ, балки дар маърифату дониш ва тарбияи ҳаётии ӯ медонад [6, 3-18]. Агар Виктор Гюго асари “Одаме, ки ханда мекунад”соли 1869 навишта бошад, Карл Маркс “Танқиди фалсафаи ҳуқуқи Гегел”-ро соли 1843 навиштааст. Набояд аз мадди назар дур андохт, ки дар миёни файласуфони асри XIX то замони марксизм Гегел ягона мутафаккире буд, ки ба инсон аз лиҳози амалу кори ӯ баҳо дода (дар доираи низоми идеализми объективӣ, ки фаъолияти одамонро татбиқшавии ҳадафҳои Руҳи ҷаҳонӣ медонад) назарияи френологии анатомшинос Франс Йозеф Галлро маҳкум менамояд. Ҳанӯз дар “Феноменологияи руҳ” назарияи френологияро, ки таркиботи майна ва сохтори косахонаи сарро ифодакунандаи сифатҳои иҷтимоии шахс меҳисобид, танқид карда, Гегел менависад: “гӯё воқеияти инсон ин рӯй ё чеҳраи ӯ бошад ва ғ. Ҳастии воқеии инсон, баръакс амали ӯст; дар ҳамин амали ӯ инфародияти ӯ воқеият дорад...” [3, 172].

Робитаҳои иҷтимоию фаъолиятӣ дар умумияти кулли хеш моҳияти инсонро ташкил дода, заминаи ташаккул ёфтани қобилияту маҳорати иҷтимоии инсон, махсусият ва касбияти он мегардад. Иҷтимоият зинаи махсуси инкишоф, марҳилаи сифатан навест, ки инсон дар раванди инкишофи таърихию ҷамъиятиаш, яъне дар сатҳи шакли иҷтимоии материя пайдо намуд. Инсон чунин сатҳи инкишофро дар доираи раванди биохимиявӣ пайдо намекунад. Ин ҳолати бо ҳам омадан ва дар робитаи мутақобила қарор доштани иҷтимоият ва биологият буда, на афзалият ёфтани омили биологӣ ва ба иҷтимоият табдил ёфтани он. Далел дар хусуси он ки иҷтимоият дар инсон бо хусусиятҳои биологӣ дар робитаи ҳамдигарӣ қарор дошта, дар ҷодаи робитаи мутақобила пайдо шудаю инкишоф мeёбад, маънои онро надорад, ки “иҷтимоият аз биологият” пайдо шудааст. Профессор Султон Наврузов қайд мекунад, ки муҳаққиқоне ҳастанд, ки иҷтимоиёт ва биологиятро зуҳуроти айниятдошта баҳо дода, иддао мекунанд, ки ин ду зуҳурот метавонанд ҷойи якдигарро иваз намоянд, тафовут байни онҳо нест ва омилҳои биологӣ ҳар замон эҷодкунандаи моҳияти иҷтимоӣ, хоҳанд буд. Ин нуқтаи назар фарқияти

шаклҳои гуногуни инкишофи материя чун шакли биологӣ ва шакли иҷтимоии инкишофро сарфи назар мекунад [11, 104]. Робитаи мутақобилаи онҳо ягонагии бо ҳам зидҳо буда, инкишофи биологӣ ва ҳамчунон инкишофи иҷтимоиро дар инсон тавзеҳ медиҳад. Аммо ин постулат (муқаррарот) ҳаргиз фарқияти онҳоро аз байн намебарад. Дар ҳошияи ҳамин андеша наметавон ақидаи Н.М. Бережнойро комилан пазируфт, ки менависанд: "инкишофи ҳаматарафаи инсонро метавон ҳамчун дарёфти мувозинатию ҳамоҳангии (гармониявии) биологият ва иҷтимоият дар инсон фаҳмид" [2].

Илм ва техникаи муосир миқдори зиёди неру ва асрори табиатро кашф намудаю дастраси ҷомеа мегардонад, ки аз қувваи инфародии ҷисмонии инсони алоҳида ҳазорон маротиба бештар аст. Баланд шудан ва афзоиш ёфтани қобилиятҳои инсон аз ташаккул ёфтан ва тараққӣ кардани шаклҳои нави робитаи мутақобилаи инсон ва ҷамъият манша гирифта, дар фазои ин робитаҳои ҷамъиятӣ шаклҳои хосси алоқаҳо миёни қобилиятҳои коллективӣ ва фардӣ сурат мегиранд. Ҳатто қобилиятҳои табиӣ-узвии инсон дар ҷараёни ҳаёт ва фаъолияти ҷамъиятӣ қувваи воқеии таърихӣ мегарданд. Набояд фаромӯш сохт, ки табиат ба гуногунию мухталифҷанба будани ҳунару қобилиятҳои ҷамъиятӣ кор надорад. Ҳамчуноне табиат ва қонунҳои инкишофи он абадӣ, устувор ва ба хоҳиши инсон тобеият надошта бошанд ҳам, ҷамъият низ қонунҳои хосси худро дорад, ки мустақил аз табиат буда, дар марҳилаи муайяни таърихӣ вобаста ба таркиботи муносибатҳои истеҳсолии ҷамъиятӣ, имконият ва зарурияҳои ҷамъиятӣ ташаккул меёбанд. Ҳама қувваю маҳорат, истеъдоду малака ҳосилаи нодиру нотакрор ва падидаи хосси ҷамъиятӣ буда, вобаста ба гуногунӣ ва мураккабии истеҳсолоти ҷамъиятӣ – дар алоқамандӣ ба талаботу эҳтиёҷи ҷамъиятӣ эҷод мешавад [9, 3].

Ташаккули инсон марҳилаи сифатан нави табиати зинда буда, пайдоиши шуур ҳамчун хосияти материяи олиташкил оламро бо тамоми гуногунию дигаргуниаш инъикос менамояд. Шуур танҳо ба инсон хос буда, ҳатто ҳайвонҳои олиташкил ҳам қобилияти соҳиб шудан ба шууро пайдо карда натавонистанд. Фаъолият, талабот, қобилият ва истеъмолоти ҷамъиятӣ ба куллӣ аз робитаҳои олами ҳайвонӣ фарқ дошта, характери таърихӣ ва иҷтимоиро мегирад. Ин оламро, ба қавли файласуфи шӯравӣ Д.В. Гурев "психикаи ҳайвон, ҳатто инкишофёфтатарини он, аслан наметавонист инъикос намояд, зеро талаботҳои нав берун аз фаъолияти ҳаётии фардӣ қарор доштанд. Аз ин рӯ, зарурат ба психикаи ҷамъиятӣ пайдо шуд" [4, 160]. В.А. Энгелгардт ҳақ аст, вақте менависад: "...Замоне инсон пайдо шуд, вақте ӯ ба қувваи истеҳсолӣ табдил ёфт, манбаи нерумандтарини чунин қувва – илм ва дастранҷи илм –техникаро эҷод намуд. Акнун эволютсия на ба он маъно аст, ки инсон тағйир меёбад то шароитҳои муҳити зисти иҳотакунандаашро қонеъ гардонад, балки ба он маъност, ки генҳои худро нигоҳ дошта, ӯ шароитҳои муҳиташро дигаргун созад" [14, 135].

Таъиноти инсон дар таҳқиқотҳои муосир баъзан дар ҳолати дилеммавӣ, духӯрагӣ ва парешон қаламдод мегардад. Дар рисолаи Е.В. Карчагина қобилияти фалсафагарои инсон таҳлили субъективию фаъолиятӣ шуда, он ҷо ин қобилияти фалсафагароӣ гоҳ "аслан ва абадан ҳамчун фаъолияти инсонӣ" баҳогузорӣ шуда, гоҳ "дар амиқияти табиати инсон реша давонидааст" [8]. Ҳамин тавр то ҳанӯз масъалаи қобилияти инсон мавзуи мубоҳисанок, гуногунпаҳлӯ ва диллемавӣ буда, аксарияти муҳаққиқон дар баррасии ин мавзуъ ба воҳидияти мантиқӣ ва мавқеи ягонаи принсипиалӣ намеоянд.

Дар маҷалаи бонуфузи "Вопросы философии" Е.И. Сапожников мақола дар мавзуи "Ҷомеаи истеъмолӣ дар кишварҳои Ғарб" навишта назари хешро аз мавқеи назарияи ирсӣ будани қобилиятҳои инсон баён медорад: "Инсон ҷамъи қобилиятҳои имконпазири ирсие дорад, ки метавонанд инкишоф ёбанд ва доманаи он ниҳоят васеъ аст. Ғайр аз ин дар инсон интенсия (рағбату шавқ) ҳаст, ки ба хотири татбиқи ҳамин қобилиятҳо гузошта шудаанд. ... Татбиқ нашудани ин қобилиятҳои гузошташуда ба парешонию озӯрдагии равонӣ меорад, инсон руҳафтодаю нороҳат шуда, ҳисси қонеъ нашудан, парешонҳолӣ ва дурафтодагӣ ӯро фаро мегирад" [13].

Яъне дар ҳувияти инсон қобилиятҳо ҳузур доранд ва онҳо меросӣ омадаанд. Ғайр аз ин дар ҳамин узвияти инсон боз рағбату шавқ хуфтааст, ки вазифааш татбиқ намудани қобилиятҳои ирсӣ будааст. Дар ин муҳокимаронии Е.И. Сапожников мавҷудияти таърихию иҷтимоии инсон сарфи назар шуда, шавқу завқи амалӣ намудани орзую нақшаҳо (ва ё қобилиятҳои хуфта) низ дар ниҳоди ҷисмонияти инсон пинҳон шудаанд. Акнун инҷо манфиату талабот, эҳтиёҷоту ниёзҳои иҷтимоӣ, ки сирф зуҳуроти иҷтимоию иқтисодӣ ва таърихию фарҳангианд, куҷо шудаанд? Идеяи бологузар будани инсон, эътибор ёфтани ӯ дар низоми зинадори ҷомеа ва мақому мартаба ёфтани инсон дар фазои муносибатҳои нозуки ҷамъиятиро ба таркиботи узвияти биологии инсон пайваст намудан магар таъиноти иҷтимоию таърихии инсонро сарфи назар кардан нест? Ҳолате рух медиҳад, ки баъзе муҳаққиқон дар раванди муҳокимаи қобилиятҳои инсон гоҳ ба оғӯши афкори теологӣ, гоҳ ба мавқеи назари биологӣ ва гоҳ аз нуқтаи назари қобилиятҳои фаъолиятбор ҳарф мезананд. Л.А. Земнов дар мақолаи "Антропономияи назарияи умумии инсон" қобилияти инсонро ҳам ҳолати имкондоштаи иҷтимоӣ ва ҳам хосияти таркиботи субстрати биологӣ меномад: "Қобилият муқаррар аст: ҳамчун ташаккули низоми функсионалии дар мабдаи биологии инсон ҷойгирбуда, ки имконияти аз иҷтимоият бархӯрдор шуданро дорад" [7, 10]. Баъзе муҳаққиқон ҷомеаро маҳдудсозандаи неруи эҷодии инсон дониста, даъват ба амал меоранд, ки бояд одамон аз чаҳорчӯбаи маънсозиҳои ҷомеа – дар роҳи татбиқи неруи эҷодиашон берун шаванд.

## АДАБИЁТ:

1. Бадалян Л.О., Новинский Г.Д., Миронов А.И. Личность и творчество / Л.О. Бадалян, Г.Д. Новинский, А.И. Миронов // Проблема личности. Материалы симпозиума. – М., 1969.
2. Бережной Н.М. Проблема человека в трудах К. Маркса / Н.М. Бережной. – М.: Высшая школа, 1981. – 111 с.
3. Гегель Г.В.Ф. Феноменология духа. Система наук. Часть 1. / Г.В.Ф. Гегель / Перевод Г.Шпета. – СПб.: Наука, 1999.
4. Гурьев Д.В. Становление общественного производства Д.В. Гурьев. – М.: Политиздат, 1973.
5. Гюго Виктор. Человек который смеется / Виктор Гюго / Пер. Ливщиц Б.К. – М.: АСТ, 2022. – 704 с.
6. Гюго Виктор. Человек, который смеется. – Кишинёв: Картя Молдовеняскэ, 1968.
7. Земнов Л.А. Антропономия – общая теория человека / Л.А. Земнов // Проблема человека в современной науке (Межвузовский сборник научных трудов). – Нижний Новгород, 1999.
8. Карчагин Е.В. Человек как философ: субъектно-деятельностный анализ: автореферат на соискание ученной степени кандидата философских наук, по специальности 09.00.11, социальной философии: Е.В. Карчагин. – Волгоград, 2007.
9. Климов Е. Путь в профессию / Е. Климов. – Л.: Лениздат, 1974.
10. Маркс К. К критике гегелевской философии права // К. Маркс, Ф. Энгельс. – Соч. 2-е изд. Том 1. – С. 341-342.
11. Наврузов С. Человеческие способности (соотношение социальных и биологических аспектов) / С.Наврузов. – Душанбе: Ирфон, 1991.
12. Розенгарт В.И., Зарембский Р.А. (энд.), Фролькие В.В. (гер.), Ю.Е. Вельтищев (у детей). «Обмен веществ и энергии» // «Большая медицинская энциклопедия». Под редакцией Петровского Б.В., 3-е издание. – М., 1974-1989. – Т. 17. [захираи электронӣ] – URL: https://meduniver.com/ Medical/Physiology/ (санаи муроҷиат: 18.01.2022).
13. Сапожников Е.И. Общество потребления в странах запада / Е.И. Сапожников // Вопросы философии, 2007. – № 10. – С. 53-63.
14. Энгельгардт В.А. Наука в системе культуры. Культура, история, современность. "Круглый стол". "Вопросов философии"/ В.А. Энгельгардт // Вопросы философии. – 1977. – № 11.

# ТАШАККУЛИ НАЗАРИЯИ «ИФТИХОРИ МИЛЛӢ» ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИК

**НОСИРОВ Ш.М.**

*Унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Адабиёт яке аз муҳимтарин воситаҳои таҷассумгари унсурҳои ифтихори миллӣ ба шумор меравандАз даврони қадим то кунун ин падидаҳои муҳим ҷиҳати таҷассуми ғояҳои ифтихори миллӣ хидмат карда меоянд. Шеърҳои ноби устод Рӯдакӣ, ҳамосаи бузурги "Шоҳнома", "Маснавии маънавӣ"-и Мавлоно, Девонҳои Саъдӣ ва Ҳофизи Шерозӣ саршори чунин ғояҳҳо ҳастанд, ки дар мақола бо таваҷҷуҳ бар ин самти афкори онҳо масъалаи меҳварӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.*

*Ташаббусҳои Президенти Ҷумҳури Тоҷикистон дар самти бузургдошти шахсиятҳои барҷастаи адабиву фарҳанг, тақдими китобҳои "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров, "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ва ибтикорот дар ҷодаи таҷлили ҷашнҳои миллӣ дар рукни муҳимми ташаккули ғояи ифтихори миллӣ баррасӣ шудаанд.*

**Калидвожаҳо:** *Тоҷикистон, тоҷикон, ифтихори миллӣ, ғоя, андешаи миллӣ, рукнҳои фарҳанг, адабиёти тоҷик, мероси фарҳангӣ, ҳамосаи миллӣ.*

# ФОРМИРОВАНИЕ ИДЕОЛОГИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ ГОРДОСТИ В ЛИТЕРАТУРЕ ТАДЖИКОВ

**НОСИРОВ Ш.М.**

*Соискатель Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*Литература являются одними из важнейших средств отражения элементов национальной гордости. С древнейших времён до наших дней эти два значимых явления служат выражению идей национальной гордости. Стихи великого поэта Рудаки, эпическое произведение «Шахнаме», «Маснави-и маънави» Джалолуддина Руми, диваны Саади и Хафиза Ширази наполнены такими идеями. В данной статье основное внимание уделяется исследованию этих аспектов в литературе.*

*Инициативы Президента Республики Таджикистан по увековечиванию памяти выдающихся деятелей литературы, распространению книг «Таджики» Бободжона Гафурова, «Шахнаме» Фирдоуси, стали важнейшими факторами в процессе формирования национальной гордости.*

**Ключевые слова**: *Таджикистан, таджики, национальная гордость, идея, национальное мышление, элементы культуры, таджикская литература, культурное наследие, национальный эпос.*

# FORMATION OF THE IDEOLOGY OF NATIONAL PRIDE IN THE LITERATURE OF THE TAJIK PEOPLE

**NOSIROV SH.M.**

*Applicant of the Institute of philosophy, law and political sciences named after A. Bahoviddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*Literature is the most important means of reflecting elements of national pride. From ancient times to the present day, these two significant phenomena have served as expressions of the ideas of national pride. The poems of the great poet Rudaki, the epic work of Shahnameh, Masnavi-ye Ma'navi by Jaloluddin Rumi, the divans of Saadi and Hafez of Shiraz are filled with such ideas, and this article focuses on exploring these aspects in their worldview.*

*The initiatives of the President of the Republic of Tajikistan to immortalize the memory of outstanding figures of literature and culture, to promote books such as Tajiks by Bobojon Ghafurov and Shahnameh by Ferdowsi, as well as the celebration of national holidays at the international level, are considered as key factors in the formation of the ideology of national pride.*

**Key words:** *Tajikistan, Tajiks, national pride, idea, national consciousness, elements of culture, Tajik literature, cultural heritage, national epic.*

Ифтихори миллӣ ҳамчун мафҳуми ифодакунандаи арзиши муҳимми фалсафӣ ва сиёсӣ дар масири таърих ба рушду таҳаввулоти ҷиддие дучор гардидааст. Ифтихори миллӣ, ки ба эҳтиром гузоштан ба арзишҳои миллӣ, дӯст доштани Ватан, тафохур аз унсурҳои ҳастисози миллат ифода меёбад, дар падидаҳои муҳимме, чун забон, фарҳанги миллӣ, расму оинҳо, нишонаҳои ҳастии миллат, осори абадиву бадеӣ ва монанди ин маънии хешро пайдо намуда, дар адабиёти миллӣ ва аносири фарҳангӣ таҷассуми равшан касб мекунад. Дар фарҳангҳои фалсафӣ ҳамчун мафҳуми сиёсӣ ё фалсафӣ истилоҳи ифтихори миллӣ ба гунаи ҳиссиёте тафсир ёфтааст, ки дар асоси он зуҳуроти муҳимми иҷтимоӣ қарор гирифта, падидаҳои зеринро маҷмуъ мегардонад: арзишҳои миллӣ; дарки саҳми таърихии миллати худ; баҳои баланд ба арзишҳои фарҳанги миллӣ, ки ба онҳо забон, фарҳанги миллӣ ва дин шомиланд. Ифтихори миллӣ ҳамеша дар муқобили миллатгароӣ ва шовинизми миллӣ қарор мегирад ва дар каломи суханварон ба таври барҷаста таҷассум меёбад. Муҳимтарин хусусияти инъикоси он дар унсурҳои адабӣ, дар он зоҳир мешавад, ки новобаста ба падидаҳои адабиву фарҳангии як миллати муайян ғояҳои таҷассумёфта дар каломи шоирон барои намояндагони миллатҳои дигар низ метавонанд ифтихорбарангез бошанд.

Агар ба масъалаи таърихи зуҳури мафҳуми «ифтихори миллӣ» дар ҷомеаи инсонӣ таваҷҷуҳ зоҳир намоем, боз ҳам равшан мегардад, ки шарҳи амиқи онро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён намудаанд: «Бояд ҳисси ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ, дарки моҳияти давлатдории миллӣ бо тамоми рамзҳояш ҳанӯз бо шири модар дар ҷону хиради ҳар як фард маъво гирад ва аз насл ба насл гузарад» [1, 5].

Ҳикмат ва андешаи созандаи Пешвои миллат дар он низ, ифода меёбад, ки ифтихори миллӣ пеш аз ҳама тавассути забони миллӣ метавонад таъсири бештар ба руҳияи дигарон гузорад. Муҳимтарин падидаҳое, ки ғояҳои ифтихори миллиро дар забон таҷассум мебахшанд, ашъор ва унсурҳои мероси адабии суханварон мебошанд

Шуруъ аз сурудаҳои устод Рӯдакӣ то имрӯз адабиёти гузаштаи мо саршори ғояҳои миллӣ ва мазмунҳои тарғибкунандаи ифтихори миллӣ мебошанд. Агар ба сарнавишти қасидаи “Бӯи Ҷуи Мулиён”-и устод Рӯдакӣ мутаваҷҷеҳ шавем, равшан мегардад, ки заминаи аслии таълифи он баргардонидани Наср ибни Аҳмади Сомонӣ ба Бухоро гардидааст. Матни комили қасида чунин аст:

Бӯи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме,
Реги Омуву дурушти роҳи ӯ,
Зери поям парниён ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст
Хинги моро то миён ояд ҳаме.
Ай Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Мир наздат шодмон ояд ҳаме.
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме.
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв суйи бӯстон ояд ҳаме.
Офарину мадҳ суд ояд ҳаме,
Гар ба ганҷ андар зиён ояд ҳаме. [6, 4]

Саропои ин қасида васфи Бухорост, ки дар адабиёти гузаштаи мо ҳамчун маркази аслии тамаддун эътироф гардидааст. Аммо, ғояи он тарғиби ифтихори миллист, ки тибқи ривоёт боис мешавад, ки Амир аз Ҳирот бархеста ба сӯи Бухоро баргардад. Устод

Садриддин Айнӣ низ дар “Намунаи адабиёти тоҷик” онро ёдоварӣ намудаанд ва ҳатто зимни зикри ин қасида чунин овардаанд: “Аз қасида, ки амир Наср ибни Аҳмади Сомониро ба омадани Бухоро аз Ҳирот ташвиқ кард [2, 6].

Ҳатто шеъри машҳури дигари устод Рӯдакӣ, ки бо ин байт оғоз мешавад:

Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд,
Бо бӯи гулу мушку насими суман ояд. [8, 43]

Ҳамаи ин мисраҳо саршори ғояи ифтихори миллист, зеро ин ҷо ҳам Бухоро чун маркази тамаддуни куҳани тоҷикон васфу ситоиш мешавад. Фарогири ғояҳои барангезандаи ифтихори миллӣ будани ин шеър, яъне ба осмону бӯстон монанд кардани Бухоро ва тасвири дигар назокатҳои ин шаҳри куҳан сабаб мешавад, ки он ба руҳияи амири Бухоро таъсир гузорад, то вай ба ёди зодгоҳу макони аслии хеш афтода, мулки ғайрро фаромӯш созад.

Устод Рӯдакӣ бо истифода аз аносири фарҳанг ва арзишҳои миллӣ чун Наврӯзу Меҳргон низ, ғояҳои ифтихори миллиро дар шеъри худ таблиғ мекунад. Масалан, дар бораи омадани ҷашни Меҳргон чунин мефармояд:

Малико, ҷашни Меҳргон омад,
Ҷашни шоҳону хусравон омад!
Хаз ба ҷойи мулҳаму харгоҳ.
Бадали боғу бӯстон омад.
Мурд ба ҷойи савсан омад боз,
Май ба ҷойи арғавон омад.
Ту ҷувонмарду давлати ту ҷувон
Маҳ ба бахти ту навҷувон омад. [8, 37]

Рамзҳои ифтихорофаринии замони Сомониён хеле фаровонанд ва маҳз нақши тақдирсози ин давлати бузурги миллии тоҷикон буд, ки соли 1999 бо пешниҳоди Пешвои миллат дар Тоҷикистон 1100 солагии таъсисёбии он таҷлил гардида, дар маркази шаҳри Душанбе пойтахти Тоҷикистон муҷассамаи бунёдгузори ин давлати миллии мо Амир Исмоили Сомонӣ қомат афрохт. Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар ба муносибати ифтитоҳи майдони Исмоили Сомонӣ дар шаҳри Душанбе ин дубайтиро бо ифтихор аз ин тадбири бузург сароид:

Душанбе тахти Сино шуд, муборак,
Ба ҳам машҳури дунё шуд, муборак.
Агарчанде дилам доғи Бухорост.
Душанбе ҳам Бухоро шуд, муборак.

Ҳадафи аслии устод Гулназар талқини ин нукта аст, ки агарчи ҳазор сол қабл давлати Сомониён, нахустдавлати миллии мо аз миён рафт, вале бо ҳузури Истиқлоли миллӣ меросбари ин давлати миллии тоҷикон – давлати соҳибистиқлоли миллии Тоҷикистон дар харитаи сиёсии ҷаҳон арзи ҳастӣ намуда, унсурҳои муҳимми он тавассути қомат афрохтани муҷассамаи бунёдгузораш – Амир Исмоили Сомонӣ эҳё гардиданд. Баъдан, эҷоди муҷассама ва майдонҳои бузурги ба номи Исмоили Сомонӣ дар саросари шаҳру навоҳии Тоҷикистон чун рамзи ифтихори миллӣ ба ҳукми анъана даромад.

Дар замони Сомониён дар баробари илмҳои ҷомеашиносӣ, инсонӣ улуми дақиқ, риёзӣ ва табиатшиносӣ низ пеш рафтанд. Имрӯз илми тоҷикро бо номи Абуалӣ Ибни Сино дар ҷаҳон мешиносанд. Истилоҳи «алгебра» ё «алҷабр», ки қисмати асосии риёзиётро ба вуҷуд овардааст, ба номи донишманди риёзидони тоҷик Ал-Хоразмӣ пайванди муҳкам дорад. Ба таври умум, метавон афзуд, ки рамзҳои ифтихори миллӣ дар замони Сомониён хеле фаровонанд ва ба танҳоӣ худи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, ки онро донишмандон ҳамосаи бузурги миллӣ номидаанд, ба унвони як нишони барҷастаи ифтихори ватандорӣ, миллатдӯстӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шавад, чун симоҳои марказии он, чун Ҷамшеду Ҳушангу Кова, Рустаму Исфандиёр, Суҳробу дигарон ҳар яке

ба ҳар роҳу васила рамзи ҷудогонаи ифтихори миллат ҳастанд. Коваи оҳангар метавон дар баробари симои барҷастаи шуҷоату ҷавонмардӣ будан бо эҷоди Дирашфи ковиёнӣ асоси фарҳанги парчамдориро барои мардуми олам гузошт. Ҳамакнун, ҳар куҷо сухан дар бораи таърихи парчамдории ҷаҳониён меравад, дар сароғози он номи Коваи оҳангар қарор мегирад. Дар бораи Рустам ҳамчун симои марказии «Шоҳнома», андешаҳои фаровонеро метавон афзуд, зеро дар баробари симои марказии ин ҳаммосаи миллии мардумони ориётабор буданд, қаҳрамони миллии форсизабонон аст. Худи Фирдавсӣ ҳадаф аз офариниши образи Рустамро дар афзудани шумораи паҳлавонони ватандӯст, худшинос дар ҷомеа ва низоми иҷтимоӣ мешуморад ва чунин менависад:

Ки як нима аз умри худ кам кунам,
Ҷаҳоне пур аз номи Рустам кунам.[9]

Дар бораи нақши ифтихорофаринии «Шоҳнома» таҳқиқоти фаровоне ҳам ба анҷом расидаанд, ки аз ҷумлаи онҳо рисолаи олими тоҷик Азизов Комил Ҷурахонович «Фалсафаи ифтихори миллӣ ва ватандорӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мебошад. Бо таваҷҷуҳ бар ин ки аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи тақдими ин ҳамосаи миллӣ ба ҳар хонадони Тоҷикистон ба миён гузошта шудааст, зарурати таҳқиқи бештари ҷанбаҳои ифтихорофаринии шахсиятҳои меҳварии он ва ғояву андешаи миллӣ дар он аҳамияти муҳим касб мекунад, ки албатта ин баҳси мавзуи як таҳқиқоти алоҳида мебошад.

Яке аз омилҳои муҳимми таъсиргузор ба ташаккули ифтихори миллӣ дар замони Сомониён таваҷҷуҳи амирони ин хонадон ба тарҷумаи осори арабӣ ба забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Аз таълифоти таърихӣ равшан аст, ки яке аз аввалин таърихномаҳо дар забони арабӣ аз ҷониби муаррихи араб Муҳаммад Ҷарири Табарӣ навишта шуд, ки он ҳам унвони «Таърихи Табарӣ»-ро дорад. Вақте бо дастури амирони Сомонӣ масъалаи тарҷумаи ин асар ба миён гузошта шуд, Абуалии Балъамӣ мутарҷими он зимни мутолеаи ин китоб маълум намуд, ки дар ҷараёни таълифи он комилан таърихи Аҷам сарфи назар шудааст. Дар раванди тарҷумаи хеш комилан таърихи мардумони Аҷам, яъне халқҳои ориётаборро, ки аз Каюмарс оғоз мешавад, ба он ворид намуд, ки ҳоло ин асар бо номи «Тарҷумаи таърихи Табарӣ»-и Абуалии Балъамӣ маъруфият дорад. Ҳисси ифтихорофаринии амирони Сомонӣ омил бар он гардид, ки дубора таърихи Аҷам эҳё шавад ва ҳатто дар заминаи он дар муддати 30 сол ҳамосаи бузурги миллии мо «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ шакл бигирад. Бо мақсади баланд бардоштани худшиносии миллӣ аз ҷониби Пешвои миллат дар ҷашни 115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров пешниҳод гардид, ки китоби “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ба тамоми хонаводаи мардуми тоҷик тақдим карда шавад. Ин тадбири муҳим низ метавонад яке аз роҳҳои бузург дар масири боло бардоштани ифтихори миллӣ нақши муассир гузорад.

Дар идомаи таърихи халқи тоҷик ҳарчанд низоми давлатдории миллӣ то андозае ҷойгоҳи хоси худро аз даст дод ва танҳо дар поёни қарни XX мо ба давлатдории навини миллии хеш мушарраф гардидем, вале чеҳраҳои ифтихорофарини миллати мо дар эҷоди дастовардҳои нодири миллӣ ва тақдими он ба тамаддуни ҷаҳонӣ, нақши муҳим ва муассири хешро гузошта омадаанд. Дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» мо ба номҳои Носири Хусрав, Шамси Табрезӣ, Мавлонои Балхӣ, Сайфиддини Исфарангӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мирзо Абулқодири Бедил, Нақибхон Туғрал ва дигарон дучор меоем, ки ҳар яке аз онҳо ба сурати алоҳида, дар болоравии мақоми таърихии халқи тоҷик хидматҳои барозанда ба анҷом расонидаанд. Махсусан, номи Мавлонои Балхии ифтихофаринро, ки дар Вахшонзамин ба дунё омада, дар Қуния бузург шудааст, ба забон меоварем, ки номаш имрӯз ба зодгоҳи аслии вай гузошта шудааст. «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно дар баробари ба таъбири худи Мавлоно «нардбони осмон» буданд воқеан асари ифтихорбарангез бар тамоми мардумони форсизабони олам аст, ки нақши пурфайзе ба тамаддуни инсонӣ гузоштааст. Мавлоно аз доираи як хонаводаи тоҷик аз

Вахши Тоҷикистон бархоста, то мақоми шахсияти умумиинсонӣ расидааст, ки ин хидматҳои таърихофари ӯ дар китоби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо номи «Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ» шарҳу тафсир ёфтаанд.

Вобаста ба шинохти шахсиятҳои барҷастаи адабиёт ва фарҳанги миллии мо дар даврони истиқлоли миллӣ барои бузургдошти ҳар яке аз онҳо ҷашнҳои ифтихорофарини миллӣ доир шуданд, ки ин матлаб аз ташаббусҳои худогоҳонаву худшиносонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегиранд. Ҳарчанд дар даврони мухталифи таърихӣ, ба онҳо баҳои сазовори таърихӣ дода шуд, вале тадбир ва ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони Истиқлоли миллӣ ҳар яке аз шахсиятҳоро ҳамчун рамзи ифтихори миллӣ муаррифӣ намуданд. Ба таъбири дигар, нақши равшани чеҳраҳои мондагори таърихи миллати тоҷик дар замони Истиқлоли миллӣ ҳамчун рамзҳои ифтихори миллӣ ҷилвагар шуд. Ба унвони Қаҳрамони Тоҷикистон сазовор донистани чанд тан аз шахсиятҳои барҷастаи таърихи миллат Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Эмомалӣ Раҳмон, Шириншо Шоҳтемур, Нусратулло Махсус низ тадбирест, ки дар зимни он унсури ифтихорофаринӣ қарор мегирад. Ҳамакнун, ташаббуси Пешвои миллат дар бораи ба ин шахсиятҳои бузург додани унвони Қаҳрамони Тоҷикистон ва иқдоми мардуми кишвар барои ба Пешвои миллат додани ин мақоми олӣ худ дар шароити нави таърихӣ метавонад рамзи ифтихори миллати тоҷик гардад.

Баробар ба бузургдошти шахсиятҳои таърихӣ, адабӣ, ходимони давлативу ҷамъиятӣ дар даврони Истиқлоли миллӣ масъалаи эълони солҳои махсус, таҷлили ҷашнҳои шаҳрҳои куҳан низ як рукни муҳимми сарчашма дар омили ифтихорофаринӣ дошта ба шумор меравад. Дар Тоҷикистон ҷашнвораҳои 1100-солагии Давлати Сомониён, 2700-солагии китоби Авасто, 2500-солагии шаҳри Истаравшан, 2700-солагии шаҳри Кулоб, Соли тамаддуни ориёӣ, 3000-солагии шаҳри Ҳисор, 3000-солагии фарҳанги зардуштӣ, Соли забони тоҷикӣ, 5500-солагии шаҳри Саразм ва амсоли ин таҷлил шуданд, ки ҳамагӣ рамзи ифтихори миллӣ будани ҳар яке аз ин шаҳрҳо, падидаҳои иҷтимоиву фарҳангиро ба субут мерасонанд. Ҳатто таҷлили 1310 солагии Имом Абуҳанифа низ аз муҳимтарини падидаи боровар аз ифтихори миллӣ бархурдор буд, зеро дар навбати аввал Имоми Аъзам шахсияте барои миллати мо маҳсуб мешаванд, ки аз хонаводаи тоҷик бархоста, ҳамчун пешвои мазҳабии миллати мо эътироф гардидаанд. Ин аст, ки дар китоби «Чеҳраҳои мондагор» низ ҳамчун шахсияти пайванд ба миллати мо дошта ва рамзу симои ифтихори миллии мо ин чеҳраи бузург шомил шудаанд.

Давоми ду соли охир ташаббуси наҷиби Пешвои миллат дар самти баргузор намудани ҷашнвораҳои бузурги миллӣ дар қароргоҳи созмони ҷаҳонии ЮНЕСКО мавриди амал қарор дода шуда истодааст. Соли гузашта бо иқдоми Пешвои миллат ҷашни 815 солагии Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар қароргоҳи ЮНЕСКО таҳти унвони “815 сол бо Мавлоно” доир мешавад ва имсол низ 700 солагии шоири бузурги машриқзамин Ҳофизи Шерозӣ ҷараён хоҳад гирифт. Баргузории ин чорабиниҳои бузург дар баробари ифтихорофарин будан метавонанд дар тарғиби мероси беназири суханварони адабиёти пешини мо дар саросари ҷаҳон ва ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи бшарӣ ба афкор ва андешаҳои чеҳраҳои мондагори миллатамон таъсиргузор бошанд.

Дар маҷмуъ, аз баррасӣ ва таҳқиқи масъалаи ғояҳои ифтихори миллӣ ва таҷассуми он дар адабиёти миллии тоҷик метавон ба ин натиҷа расид, ки дар таърихи адабиёти тоҷик шуруъ аз устод Рӯдакӣ то замони муосир ғояҳои тарғибгари ифтихори миллӣ фаровон ба кор рафтаанд. Бахши муҳимми ашъори шоирон бо фарогирии арзишҳои миллӣ, аз ҷумла Наврӯзу Меҳргону Тиргону Сада ғояҳои ифтихорбарангезро тарғиб намудаанд. Падидаҳои таърихӣ, чеҳраҳои асотирӣ ва паҳлавонӣ низ дар ашъори шоирони гузаштаи мо ба рамзҳои ифтихори миллӣ табдил ёфтаанд, ки дар шеъри устод Рӯдакӣ пойтахти давлати Сомониён – Бухороро мо дар ҳамин мақом мебинем. Баъдан,

дар адабиёти даврони исломӣ унсурҳои фарҳанги тоисломӣ, бавежа падидаҳои фарҳанги меҳрӣ, ҳатто номи китоби Авастову дигар унсурҳои фарҳангии ҷараёни аҳди қадим ба ҳукми мафҳумҳои ифодакунандаи ғояи ифтихори миллӣ баромад кардаанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Азизов К. Ҷ.Фалсафаи ифтихори миллӣ ва давлатдорӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ. – Душанбе: 2023. – 152 с.
2. Айнӣ. С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2010.- 448 с.
3. Ғафуров Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва нав. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 976 с.
4. Раҳмон, Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. – Лондон, 1999.
5. Раҳмон, Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 128 с.
6. Раҳмон, Эмомалӣ. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 372 с.
7. Раҳмон, Эмомалӣ. Чехраҳои мондагор. – Душанбе: Эр-граф, 2016. – 364 с.
8. Рӯдакӣ, Абуабдуллоҳ. Девон. – Душанбе: Бухоро, 2015- 334 с.
9. Сиёсӣ, Маҳадёр. Радде бар вобастагии манзумаи “Юсуф ва Зулайхо” ба Фирдавсӣ. https://kheradgan.ir/p/22276
10. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Симпозиуми байналмилалии илмии «Пажӯҳиш дар фарҳанги бостон: аз дирӯз то имрӯз». – Душанбе, 22 октябри соли 2019.
11. Хираднома:https://vazhaju.tj/search/%D1%85%D0%B8%D1%80%D0%B0
12. Шерозӣ, Ҳофиз. Девон.Таҳияи матн аз Шарифмурод Исрофилниё. – Душанбе: Адиб, 2015- 480 с.
13. Ятимов С. Хирадсолорӣ ва оини давлатдорӣ. – Душанбе: Ганҷ- нашриёт, 2019. – 208 с.
14. Ятимов С. Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт. – Душанбе: Ганҷ-нашриёт, 2019. – 248 с.

## БАЪЗЕ МУЛОҲИЗАҲО ОИД БА ФАЛСАФАИ ХУДШИНОСӢ

**РАҲИМОВ Р.М.**
*Докторанти PhD-и Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар мақола масъалаи фалсафаи худшиносӣ дар доираи илмҳои гуногуни гуманитарӣ таҳқиқ шудааст. Муаллиф масъалаи баҳси фалсафаи худшиносӣ, мафҳум, моҳият ва мақсаду вазифаҳои онро таҳқиқ намуда, ба хулосаҳои мушаххас омадааст, ки худшиносӣ аз ҷониби шахс омӯзиши хусусиятҳои рӯҳӣ ва ҷисмонии худ, худфаҳмӣ мебошад. Дониш дар бораи худ тадриҷан ташаккул меёбад, зеро шахс дар бораи ҳастии олам маълумот пайдо карда, ба худии худ мутаваҷҷеҳ мешавад.*

**Калидвожаҳо:** *Фалсафаи худшиносӣ, худшиносӣ, худро бишнос, бостон, Шарқи қадим, Ақли мутлақ, психология, педагогика, шахсият, шуур.*

## НЕКОТОРЫЕ РАЗМЫШЛЕНИЯ О ФИЛОСОФИИ САМОПОЗНАНИЯ

**РАХИМОВ Р.М.**
*Докторант PhD Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В данной статье исследуется вопрос философии самопознания в рамках различных гуманитарных наук. Автор исследовал вопрос философии самопознания, ее понятия, сущности, целы и задачи и пришел к конкретным выводам, что самопознание – это исследование своих психических и физических особенностей, самопонимание. Знания о себе формируются постепенно, по мере познания человеком сущности мира.*

**Ключевые слова:** *Философия самопознания, самопознание, Познай себя, античность, Древний Восток, Абсолютный разум, психология, педагогика, личность, сознание.*

## SOME THOUGHTS OF THE PHILOSOPHY OF SELF-KNOWLEDGE

**RAHIMOV R.M.**
*Doctor PhD of Institute of philosophy, politics and law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*This article explores the issue of philosophy of self-knowledge within the framework of various humanities sciences. The author explored the issue of the philosophy of self-knowledge, its concept, essence, goals and objectives and came to specific conclusions that self-knowledge is the study of one's mental and physical characteristics, self-understanding. Knowledge about oneself is formed gradually, as a person learns about the existence of the world.*

**Keywords:** *Philosophy of self-knowledge, self-knowledge, Know yourself, antiquity, Ancient East, Absolute mind, psychology, pedagogy, personality, consciousness.*

Фалсафаи худшиносӣ яке аз масъалаҳои мубрамтарини фалсафа то ба ҳол мебошад, ки асоси фалсафаи худшиносиро шинохти худи фард, яъне инсон, ташкил мекунад. Фалсафаи худшиносӣ аз аҳди бостон масъалаи омӯзиши на танҳо файласуфон, балки масъалаи баҳси фалсафаи афроди табақаҳои гуногун ба ҳисоб мерафт ва роҳҳои ҳалли ин масъаларо пайгирӣ ва баррасӣ менамуданд. Он ҷанбаҳои онтологӣ, гносиология ва фарҳангӣ дорад.

Ибораи "Худро бишнос" натиҷаи фалсафаи инсонмеҳварӣ ё ин ки фардшиносии фалсафаи аҳди бостон аз шурӯи ҳафт хирадманди Юнон: Фалес, Питтака, Бианта, Солона, Клеобула, Миссона ва Хилона ба шумор мерафтанд ва принсипи фалсафии онҳо буд. Барои он ки аз фалсафаи худшиносӣ огаҳӣ пайдо кунем, пеш аз ҳама мафҳум ва моҳияти худшиносиро донистан зарур аст.

Худшиносӣ аз ҷониби шахс омӯзиши хусусиятҳои рӯҳӣ ва ҷисмонии худ, худфаҳмӣ мебошад. Он аз кӯдакӣ оғоз мешавад ва дар тӯли ҳаёт идома меёбад. Дониш дар бораи худ тадриҷан ташаккул меёбад, зеро шахс дар бораи ҳастии олам шинос мешавад.

Файласуфони аҳди бостон давра ба давра масъалаи худшиносиро омӯхтаанд ва арзиши онро мавриди баҳс қарор додаанд. Бисёре аз динҳо, мактабҳо ва равишҳои фалсафӣ ва равоншиносӣ асосан ба арзиш ва аҳаммияти худшиносӣ ва инкишофёбӣ бунёд шудаанд. Ҳамин тавр, аз дидгоҳи динҳои Шарқи қадим маҳз бо кӯмаки худшиносӣ дарки моҳияти аслии инсон, расидан ба ваҳдати инсон бо худшиносӣ имконпазир ва воқеӣ гардида, бо расидан ба Ақли мутлақ ва олам амиқ мегардид. Дар масеҳият худшиносӣ «ин кашфи принсипи илоҳӣ дар дохили худ аст ва худшиносӣ роҳи дарки Худо тавассути имон ва иштирок дар маросими калисо мебошад» [1, 7].

Ҳарчанд майли худшиносӣ хоси фалсафаи аввали юнонӣ буд, танҳо Суқрот формулаи хирад “Худро бишнос” – ро як ҷузъи асосии таълимоти худ қарор додааст. Суқрот вазифаи фалсафаро дар омӯзиши соҳаи ахлоқию маърифатии ҳаёт ва фаъолияти инсон медонист. Суқрот боварӣ дошт, ки роҳи худшиносӣ шахсро ба фаҳмиши мавқеи худ дар ҷаҳон, ба фаҳмиши “дар робита бо худ ҳамчун шахс” чи гуна аст, шинос мекунад.

Мутафаккирони тоҷик барои боло рафтани сатҳи худшиносии миллӣ кӯшишҳои зиёд карда буданд. Масалан, Фирдавсӣ бо “Шоҳнома” ҷасорат, қаҳрамонӣ ва озодиву дӯстии мардуми эронитаборро тасвир намуд ва онро ҳадафи асосии худшиносӣ қарор дода буд. Аҳмади Дониш, устод Айнӣ ва пайравони онҳо корҳои бузургро дар ин самт иҷро кардаанд.

Дар психология ва педагогикаи самти илмҳои гуманитарӣ бисёр олимон ба ин назаранд, ки инсон тавассути худшиносӣ метавонад худро дарк кунад, маънои мавҷудияти худро пайдо кунад, ба он чизе табдил ёбад, ки ӯ қодир аст «на он чизе, ки ӯро касе ва чизе маҷбур кунад”. Худшиносӣ баҳси фалсафиест, ки тақрибан ҳамаи илмҳои ҷомеашиносиро дар бар мегирад. Бинобар ин, дар вақтҳои охир дар доираи илмҳои ҷомеашиносӣ татбиқи он дар усулҳои коркарди махсус ба кор бурда мешаванд, то ки таҳқиқи худшиносӣ дар илм ва амалия бартарият пайдо кунад.

Аз ин ҷо хулоса мешавад, ки худшиносӣ аввалин ҷанбаи таҳлилӣ ва ақлӣ ба ҳисоб меравад ва чигунагии фард ба ин васила, яъне роҳҳои маърифати худ ва ҷомеаву куллро момӯзад, ё худ мешиносад. Метавон гуфт, ки сарчашма ва воситаи асосии шинохти ҳар шахс иборат аз дарки он аст, ки ӯ кист? ва барои чӣ ба ҳаёт омадааст? мақсадаш дар ҳаёт чист?

Ҳар шахс бояд донад, ки дарки моҳияти ҳастии ӯ дар ҳаёт чист ва дар зиндагӣ чи мақоме дорад. Ҳамзамон, донистани муҳити ботин ва беруна ва оламе, ки ӯ дар он умр ба сар мебарад ва барои худшиносии ӯ заминаҳо фароҳам меоварад, дар ҳамбастагӣ қарор мегирад. Одаме, ки ба дараҷаи шахсиятсозӣ расидааст, дараҷаи инкишофи рӯҳӣ дорад ва қобилияти идора кардани рафтору кирдорашро то андозае ва рушди равонии худро роҳандозӣ мекунад ва ба дараҷаи баланди худшиносӣ мерасад, ки онро ба ибораи дигар шахсият мегӯянд.

Метавон гуфт, ки дараҷаи инкишофи шахсият дараҷаи рушди озодии ботини инсон буда, дар асоси мақсад, ҳиссиёт ва идеали худ рафтор мекунад [2, 148]. Яъне худшиносӣ зинаҳои гуногуни расидан ба шахсиятсозӣ ё дарки ҳастии худ мебошад. Ҳар як одам худашро месозад ва роҳи худро дар ҳаёт интихоб мекунад, дар муносибатҳои худ бо одамони дигар ба хатоҳо роҳ медиҳад ва ислоҳ мекунад, ки инро аз нигоҳи дигар шахси ба камол расидаи озод мегӯянд.

Барои ҳамин раванди худташаккулёбӣ аз тарбия ва таълим шурӯъ мешавад. Таълиму тарбия заминаҳоеанд, ки дар назария ва амалияи худшиносии ҳар фард воситаҳои аввалин ва асоситарин ба ҳисоб мераванд. Дар тарбияи худогоҳӣ ва худшиносии фард пеш аз ҳама нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бениҳоят бузург аст. Метавон гуфт, ки тарбияи худшиносӣ пеш аз ҳама дар оила сарчашма мегирад. Дар ин ҷо

вазифаи оила ва муассисаҳои таълимӣ аз он иборат аст, ки бевосита дар таъсир расондан ба шахсияти одами инкишофёбанда барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ ва дар фароҳам овардани шароити зарурӣ барои худсохт, худташаккул ва худомӯзӣ, дар навсозии механизмҳои худшиносию худогоҳӣ заминасозӣ кунанд.

Ҳама чизҳои дар боло зикршуда маҷмӯи донишро дар бораи он, ки худшиносӣ ва худидоракунӣ, дар ҳаёти ҳар фард чӣ гуна нақш мебозад, механизмҳои фаъолияти онҳо чӣ гунаанд, чӣ тавр дар марҳилаҳои гуногуни синну сол инкишоф меёбад, чӣ тавр ва тавассути чӣ шахс метавонад худро шиносад, ташаккул медиҳад.

Масъалаи худшиносӣ ин таваҷҷӯҳи фардии ҳар шахс ба худ ва олимону донишмандон ба ҳисоб меравад. Вазифаи омӯхтани дунёи ботини инсон аз ҷиҳати хислатҳои шахсии ӯ, инчунин ба шароити дарунӣ ва ҷамъият мутобиқ кардани ҷаҳони ботинии одам барои ҳар давру замон мувофиқ аст. Дар афкори иҷтимоию фалсафӣ баъзе муҳаққиқон худшиносиро «ҳадафи олии таҳқиқоти фалсафӣ» медонанд [3, 444].

Фалсафаи худшиносӣ аз воқеияти объективӣ ва муносибатҳои ҷамъиятӣ иборат аст. Аз ин рӯ, баррасии худшиносӣ бидуни дарки мафҳуми «шахсият» ғайриимкон аст. Чи хеле, ки дар боло зикр гардид, ба дараҷаи баланди шахсият расиданро худшиносӣ меноманд. Одам як фарди биологӣ аст. Вай бо шуур аст, ҳамчун мавҷуди биологӣ қодир аст олами гирду атроф ва худро дарк намояд ва дар асоси ин оқилона амал намояд. Дар баробари ин, инсон мавҷудияти иҷтимоӣ аст, ки ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи шахсият ҳамчун маҷмӯи системаи муносибатҳои иҷтимоӣ, ки нақшҳои гуногуни иҷтимоиро иҷро мекунад, сухан ронем [4, 1].

Бояд қайд намуд, ки худшиносӣ оғози ҳама гуна шинохтҳои ҳар фард мебошад. Худшиносии миллӣ дараҷаи баланди худшиносии фард аст, ки дар шакли мураккаб яъне, тамоми ҷанбаҳои фардиро дар бар гирифта, ба шахсияти комил расидааст. Зери мафҳуми худшиносӣ дарки мафҳуми донишҳо, арзишҳои ахлоқӣ ва манфиатҳои давлату миллат ва ҳимояи он дар ҷои аввал меистад, ки бешубҳа омӯхтани таърихи фалсафаи худшиносии миллати тоҷик дар шароити кунунӣ, ки раванди пуртаззод аст, айни муддаост.

Марҳилаҳои таърихии худшиносии миллиро академик Олимов Кароматулло ба чунин давраҳо ҷудо намудааст:

Марҳилаи аввалини худшиносии миллии аҷдоди мо пас аз ислом аз онҷо шурӯъ шуд, ки дар миёни қавмҳои гуногуни эронитабор ҳаракати шуубия падид омад, яъне тақрибан пас аз як асри тасаллути араб, ҳатто камтар аз он, чунин ҳаракати бедории фарҳангӣ зуҳур кард, ки он нисбатан боиси бедории умум гашт. Дар ҳамин замина аст, ки пешвоёни динӣ аз қабили Абӯҳанифа ва дигарон, то тавонистанд ба воситаи дин мақому манзалати халқу миллати худро дар олами ислом зинда карданд, балки дар садри он қарор гирифтанд;

Марҳилаи дувум, замони ба қудрати сиёсӣ омадани аҷдоди тоҷикон ва эрониён аст, ки яке аз аввалини онон худи Абӯмуслим ва баъдан хонадонҳои ҳукуматгари маҳаллӣ аз қабили Бармакиён, Навбахтиён ва амсоли эшон буд. Ва ҳам дар ин замина буд, ки аввалин давлатҳои мустақили тоҷикон аз қабили Тоҳириён, Саффориён, Сомониён, Бувайҳиён, Ғуриён ва амсоли эшон дар ҳудуди собиқ давлати Сосониён ба вуҷуд омада, анъанаҳои қаблии давлатдорӣ ва дигар расму русуми мардумии худро дар либоси ислом эҳё карда инкишоф доданд. Донишмандони ин миллат дар садри илми ҷаҳонӣ қарор гирифта, номи пуршараф ва таъсири ҳамешагии тамаддуни худро дар минтақа ва ҷаҳон то ҳадде гузоштаанд, ки барои ҳазор соли дигар ҳеҷ ғосибу фотеҳе ҷуръати комил карда натавонист, ки ин миллатро аз байн барад;

Марҳилаи севвум тақрибан якуним асрро (XI–XIII) дар бар мегирад ва он замонест, ки халқи тоҷик тахти ҳукумронии Ғазнавиёну Салҷуқиён ва Хоразмшоҳиён қарор дошт, ки дар ин муддат натанҳо нерӯи илмиву эҷодии худро нигоҳ дошт, балки тавонист сохти давлатдории худро дар дарборҳои онон ҷорӣ кунад ва худ низ дар идора кардани ин давлатҳо саҳми равшан дошта бошад;

Марҳилаи чаҳорум, асрҳои (XIII–XV) аст, ки асосан замони муборизаҳои шадиди ин миллат баҳри ҳифзи сарзамин, истиқлоли миллӣ ва дар натиҷаи он сохтани давлатҳои хурду миёнаи миллии худ аз қабили Оли Карт дар Ҳирот, Сарбадорон дар Сабзавору Самарқанд ва Музаффариён дар Форс буд;

Марҳалаи панҷум, асрҳои (XV–XIX)-ро дар бар мегирад, ки онро бӯҳрони тӯлонӣ номидан мумкин аст [5, 157]. Бо баробари қавӣ шудани Россия ва Англия ҳирси забткории онҳо бештар шуд ва кишварҳои Шарқ, махсусан Мовароуннаҳр, Эрон, Афғонистон ва қораи Ҳиндро муфассал омӯхтанд. Таърих, дин, тиҷорат, мазҳабҳо, забон, адабиёт, этнография, психологияи мардум, иқтисод, тарзи идоракунӣ, артиш, боигариҳои табиӣ ва муносибатҳои байниқавмҳову қабилаҳоро ба тадриҷ ва дақиқ омӯхтанд ва дар асоси он стратегияи забткоронаи дарозмуддати худро ба вуҷуд оварданд. Англия ва Россияи подшоҳӣ пеш аз ҳама унсурҳои донишманд ва дарккунандаи манфиатҳои қавмии сарзаминҳои мавриди назарашонро бо роҳҳои гуногун аз байн мебурданд. Дар ибтидои асри XIX ба ин раванд Туркия ва дар Афғонистон паштунизм низ ҳамроҳ шуд [6, 207].

Тавре, ки таърих собит мекунад, дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX миллати тоҷик бинобар омилҳои зиёд дар марҳалаи ниҳоят ҳассос ва хатарноки таърихи хеш қарор дошт. Асолат ва ҳатто бақои таърихии ӯ тахти хатари бевосита қарор гирифта буд. На фақат асолат ва ҳастии таърихи тоҷиконро аз ҷиҳати идеявӣ ва сиёсӣ бадқастона инкор менамуданд, балки бо ҳамбстагӣ ва мусоидати фаъоли як тоифа фарзандони нохалафи мо мекушиданд, ки миллати тоҷик ҳамчун миллати асил ва соҳибватан асири фаромӯшхонаи таърих гардад [7, 316].

Марҳалаи шашум, давраи маорифпарварӣ ва мустамликаи Россия шудан аст. Дар давраи маорифпарварӣ, худшиносии миллӣ бо таҷдиди тафаккури динӣ бо ҳам алоқаманд буд. Ва марҳалаи ҳафтум, давраи шӯравӣ ва соҳиби давлати ҳамноми миллии худ шудани тоҷикон қатъи назар аз маҳрумиятҳои ҳудудӣ ва маънавӣ мебошад.

Ба андешаи устод Айнӣ тоҷикони аз донишу хирад ақибмонда ва поймоли зулми худӣ ва бегона шуда, аз соҳаи худшиносӣ дур афтода буданд, ва аз адабиёти замони худ чизе надоштанд, ҳатто номашон ҳам азёдашон баромада рафта буд. Чунки аз зулму шиканҷаи амирон, мустамликадорон, муллоҳо ва аз дасти бойҳову эшонҳои маҳаллӣ ранҷ мебурданд. Аммо Инқилоби Октябр ҳамаи ин ҳолатҳои фалокатбори барои халқи азобдидаро аз байн бурда, то андозае вазъиятро дигаргун намуд.

Якчанд асиру хор будем,
Бар зулму ситам дучор будем.
Акнун, ки шудем ҷумла озод,
Кӯшем, ки мулк гардад обод.

Марҳалаи ҳаштум ин давраи истиқлолияти давлатӣ ва дар партави сиёсати мустақилонаи давлати миллӣ шаклу мазмуни нав гирифтани худшиносии миллӣ мебошад, ки дар ин давра ба вуҷуд омадани мафкураи шаҳрвандии умумӣ ва муштарак мебошад, ки "халқи тоҷик" ва тоҷикистонӣ будани ин падидаро ифода мекунад [8, 157]. Аз ин рӯ, зарур ба ёдоварист, ки таърихи сохтани фалсафаи форсу тоҷик албатта осон набуд. Ва дар ин замина ба вуҷуд омадани шахсиятҳои маънависозу худшинос, ки дар ташаккулии худшиносӣ ва маънавиёти ҷаҳонӣ саҳми беандоза гузоштаанд, назаррас мебошад.

Тавре ки медонем, ватандӯстӣ ва худшиносиву хештаншиносиро Президенти кишвар дар меҳвари Паёмҳои худ иброз намуда, қайд менамоянд, ки бидуни худшиносӣ, садоқат ба Ватан, фидокорӣ ба комёбӣ ноил гардидан ғайриимкон аст. Хусусан, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, истиқлол ва дастовардҳои он, таъмини сулҳу осоиштагӣ, ягонагӣ, дӯстиву рафоқат қарзи виҷдонии мост. Ин аст, ки Фирдавсӣ шоири бузурги форсу тоҷик, ватандӯсти ва худшиносиро бисёр хуб васф намудааст.

Нигаҳ кун бад-ин лашкари номдор,

Ҷавонони шоистаи корзор.
Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаки хурду пайванди хеш,
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

Ҳар касе, ки худро шинохт бо рӯшноии хирад роҳи босаодати ояндаи худро дар ҳаёт месозад ва хушбахт мегардад. Хулоса, фалсафаи худшиносӣ, ки заминаи дарки ҳастии фард мебошад, ҷанбаҳои гуногуни омӯзишӣ дорад. Бояд қайд намуд, ки мавзуи баҳси фалсафаи худшиносӣ бисёр васеъ буда, барои хубтар омӯхтан ва ба роҳ мондани ин мавзӯъ, таваҷҷӯҳи ҷиддиро талаб менамояд.

**АДАБИЁТ:**


1. В.Л. Блинова, Ю.Л. Блинова. Психологические основы самопознания и саморазвитии: учебно –методическое пособие.- Казань, ТГГПУ 2009 – 222 с.
2. Н.Н. Толстых. “Как возможна внутренная свобода: Три ответа Л.И. Божович” Вестн. Моск. УН-ТА. СЕР. 14 Психология 2007. №1. 158 с.
3. .Кассирер,Э. Опыт о человеке. Введение в философию человеческой культуры / Э.Кассирер // Избранное. Опыты о человеке. – М.: Гардарика, 1998. – 779 с.
4. Вестник МДПУ имя П. Шамякина. Самопознание как важнейший процесс становления личности. Татьяна Валерьевна Мастич 2015.
5. Олимов Кароматулло. Андешаҳо доир ба фалсафа, ирфон ва худшиносии миллӣ., АИ ҶТ “Дониш”, Душанбе – 2014. 405 с.
6. Кароматулло Олимов. Дар қаламрави фалсафа ва сиёсат. Душанбе, ҶДММ “Табъу нашр” 2023. – 320 с.
7. Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. Душанбе – “Эр-граф”, 2016. – 364 с.
8. Олимов К. Андешаҳо доир ба фалсафа, ирфон ва худшиносии миллӣ. АИ ҶТ “Дониш”, Душанбе – 2014. – 405 с.

## АЗ ТАЪРИХИ ХИСЛАТШИНОСӢ ДАР ФАЛСАФАИ ВЕДОӢ

**МУҲАММАДИЕВА С.М.**
*Ходими хурди илмии Маркази антропологияи АМИТ, докторанти PhD-ии кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ*

*Дар мақола сухан дар бораи масъалаи хислатшиносӣ дар фалсафаи Ведоӣ ва сарчашмаҳои бунёдии дониши Ведоӣ дар бораи хислати инсон меравад. Муаллиф кӯшиш намудааст, ки масъалаи мазкурро дар яке аз панҷ тазкираҳои фалсафаи Ведоӣ бо номи Аюрведа мавриди таҳлил қарор диҳад.*

*Аюрведа ба омӯзиши масъалаҳои табиати инсон ҳам дар ҳолати саломатӣ ва ҳам дар ҳолати маризии он бахшида шудааст. Барои муайян намудани хислати инсон дар Аюрведа аз муайян намудани "доша" оғоз мекунанд, ки ба воситаи ин муайянӣ психофизиологияи инсон ба танзим даровардa мешавад. Доша ё типҳое, ки миҷози инсонро муайян мекунанд, бо мафҳумҳои "вата" (бод), "питта" (зарда) ва "капха" (луоб) ифода шудаанд.*

**Калидвожаҳо:** *Ведҳо, Аюрведа, хислат, сифат, доша, миҷоз, вата (бод), питта (зарда), капха (луоб).*

## ИЗ ИСТОРИИ ХАРАКТЕРОЛОГИИ В ВЕДИЙСКОЙ ФИЛОСОФИИ

**МУХАММАДИЕВА С.М.**
*Младший научный сотрудник Центра антропологии НАНТ, докторант PhD кафедры истории философии и социальной философии ТНУ*

*В статье речь идет о проблемах характерологии в Ведийской философии. Автор попытался проанализировать данную проблему в одном из пяти фундаментальных трактатов ведийской философии под названием Аюрведа.*

*Аюрведа направлена на изучение природы человека, как в состоянии здоровья, так и в состоянии болезни. Для определения характера человека в Аюрведе опираются на определения в которых проявляется психофизиология человека. Три "доши" выражаются санскритскими терминами "вата" (воздух), "питта" (желчь) и "капха" (слизь).*

**Ключевые слова:** *Веды, Аюрведа, характер , качество, доша, темперамент, вата (воздух), питта (желчь) капха (слизь).*

## FROM THE HISTORY OF CHARACTEROLOGY IN VEDIC PHILOSOPHY

**MUHAMMADIEVA S.M.**
*Junior research fellow at the Center of Anthropology of NAST, doctoral student of PhD at the Department of History of Philosophy and Social Philosophy at TNU*

*The article deals with the problems of characterology in Vedic philosophy. The author tried to analyze this problem in one of the fundamental treatises of Ayurveda.*

*Ayurveda is aimed at studying the nature of human, both in health and in illness conditions. To determine the character of a person, Ayurveda rely on the definition in which the psychophysiology of a person is manifested. The three doshas are expressed by the Sanskrit terms as vata (air), pitta (bile) and kapha (mucus).*

**Key words:** *Vedas, Ayurveda, character, qualities, dosha, temperament, vata (air), pitta (bile), kapha (mucus).*

Масъалаи хислатшиносӣ дар фалсафаи Ведоӣ асосан аз ведаи панҷум – Аюрведа, ки идомаи ведаи чаҳорум Атҳарваведа мебошад, сарчашма мегирад.

Аюрведа – ин таълимот дар бораи табиати ҷисмониву равонӣ ва хиради инсон ҳисобида мешавад. Аюрведа ба омӯзиши масъалаҳои табиати инсон ҳам дар ҳолати саломатӣ ва ҳам дар ҳолати маризии он бахшида шудааст.

Тасниф ва ё худ классификатсияи одамон дар Аюрведа, пеш аз ҳама асоси анатомӣ ва физиологӣ ва равонӣ дорад. Аз ин лиҳоз, муайян намудани хислати инсон танҳо аз

хусусияти равонии он то андозае номукаммал аст. Ногуфта намонад, ки гурӯҳбандии хислат дар адабиёти Ғарб танҳо аз ифодашавии ҳолатҳои равонӣ сурат мегирад. Аз ин сабаб алоқамандии миҷози инсон ва ифодашавии он дар хислат аз назар берун мемонад.

Муаллифони Аюрведа пеш аз ҳама гуруҳбандии физиологияи инсонро муайян намудаанд.

Мутобиқи андешаи ду муаллифи Аюрведа Сушрупа ва Чарака, муайян будани омилҳои физиологӣ барои дуруст тасниф намудани хислати шахс имконият медиҳад. Таснифи миҷозии (темперамент) шахс, ки аз тибби Гипократӣ боқӣ мондааст, бо мафҳумҳои "холерик", "меланхолик", "сангвиник" ва "флегматик" ифода шуда, бартарияти доштани зарда, зардаи сиёҳ, хун ва луобро нишон медиҳанд.

Дар Аюрведа ва умуман фарҳанги Ведоӣ асоси ҳодисаҳоро сифатҳои таркибии сегона ташкил медиҳанд. Масалан, се веда, се гун, се олам, се овоз – АОМ ва ғайра [2, 42].

Назарияи хислатшиносии Аюрведа дар самти физиологияи инсон низ, аз омили сегона таркиб ёфтааст. Ин омилҳоро "доша" меноманд.

Андешаи мавҷуд будани "доша" аз Атхарваведа оғоз мегардад. Дар замони ташаккул ёфтани андешаҳои фалсафӣ (даршан) назарияи "доша" аз тарафи Сушрупа бо исботи мавҷуд будани се "доша" – "вата" (бод), "питта" (зарда) ва "капха" (луоб) асоснок карда шудааст [1].

"Доша" – ин мафҳуми калидии Аюрведа буда, барои муайян намудани типи физиологияи инсон ва баъдан муайян намудани шакли маризӣ истифода бурда мешавад. Дар забони тоҷикӣ барои равшантар намудани маънои мафҳуми "доша" метавон онро бо мафҳумҳои "пойдоранда" ва "вайроншавшаванда" ифода намуд. Мафҳуми "пойдоранда", ба фикри мо, бештар ба маънои мафҳуми "доша" наздиктар аст.

Фаҳмидани маънои мафҳуми "доша" албатта осон нест. Доша ин ашё ё ин ки модда ва ё ҳаюло нест. Аз ин рӯ, андешаи он ки "тани инсон аз се доша иборат аст" ва ғайра натиҷаи нодуруст фаҳмидани маънои мафҳуми "доша" мебошад.

Доша ба андешаи мо, хусусияти сифатиест, ки характеристикаи физикии гуногун дошта, дар ҷисми инсон мавқеи махсусро ишғол мекунад. Доша ин пайкари инсон нест, шакли ҷисми инсон низ нест. Агар муқоиса намудан мумкин бошад, пас метавон мафҳуми "конститутсия"-ро ҳамчун муродиф истифода бурд. Намуди пайкари биологӣ дар Аюрведа бо мафҳуми "пракрити" (ҳаюло, модда) ифода мешавад. Дар забони русӣ мафҳуми дурусттараш шояд "порода" бошад. Порода ин сифати модарзодӣ буда, барои ҳар як инсон нотакрор ва табиист. Чунин нотакрории пайкар, натиҷаи модарзодӣ ва ирсияти ҳар фард мебошад.

Бояд дар назар дошт, ки асоси ҷаҳонбинии Ведоиро боварихое ташкил медиҳанд, ки мутобиқи он ҳама мавҷудоти дидашаванда аз ягонагие оғоз мешаванд, ки бунёд ё таҳкурсии онро хиради ягона ташкил медиҳад. Ин хиради ягона бо кадом як сабабе ба олами гуногуни моддӣ табдил меёбад, ки яке аз чунин моддиёт ҷисми инсон мебошад. Олами кабирро макрокосмос ва олами сағирро микрокосмос номидаанд. Қувваҳои асосие, ки ҷисми инсонро зинда ва фаъол нигоҳ медоранд ин қувваҳои дугонаи микрокосмосӣ мебошанд. Муаллифи Аюрведа – Сушрупа се дошаро ҳамчун намояндагони қувваҳои кайҳонӣ мешуморад, ки дар ҷисми инсон вуҷуд доранд. Ба ақидаи Сушрупа "Чунон, ки офтоб, моҳ ва бод заминро нигоҳ медоранд... монанди ҳамин се доша аносири ҷисми инсонро нигаҳдоранда мебошанд" [5, 41].

Аз ин сабаб, ягонагии кайҳон ва инсон аз дидгоҳи Аюрведа се дошаи аносири бузургро ташкил медиҳад. Бо тариқи схемавӣ фазо+бод=вата, оташ+об=питта, об+хок=капхаро меофаранд.

Доша ба ибораи дигар, қисме аз қувваест, ки ба ҷисм ва ахлоқи инсон таъсир мерасонад ва худ натиҷаи дигаргуншавии таносуби хиради ноб ба ҳисоб меравад.

Масалан, табиби амрикоӣ Д.Чопра чунин меҳисобад, ки доша “ин принсипҳои ивазшавӣ”-и моддаҳои бадан мебошад [8, 33]. Агар дошаро бо мафҳумҳои физиологияи расмии муосир муқоиса намоем, чунин тасвир ба назар мерасад.

| Доша | Вазифаи бартариятдошта | Мафҳумҳои тибби расм |
|---|---|---|
| Вата | паҳн намудан | катаболизм |
| Питта | иваз намудан | метаболизм |
| Капха | ҳал намудан, ҷамъ намудан | анаболизм |

Агар сухан дар бораи бартарияти вата дар ҷисми инсон равад, чунин шахс хусусияти зуд ҳазмкунандаро дорад, шахси капха баръакс, шахси питта нобаробар ҳазмкунанда мебошад. Мутобиқи биологияи муосир тани инсон аз давраи таваллуд ва тули ҳаёт ҳар як лаҳза шумораи муайяни ҳаво, гази ангишт, оҳан, витамини С, инсулин ва ғайра моддаҳо мутобиқи шароит, вақт, ҳолати ҷисмонӣ, ҳиссиёт ва интеллект дорад[8, 34]. Доша аз тарафи дигар, ба нопокиҳо, партовҳои бадан ва ғайра вобаста аст. Ҳангоми риоя шудани таносуби партовҳои бадан, ки ба се гуруҳ тааллуқ доранд, маризӣ ва ё камбудӣ дар инсон ба вуҷуд намеояд. Ин се доша организмро маҷбур месозанд, ки ҳамчун яке аз ҳафт элементи дар ҷисми инсон буда, фаъолият дошта бошанд. Танҳо камшавӣ ва ё зиёдшавии яке аз элементҳо организми инсонро дучори маризӣ мегардонад. Аз ин рӯ, доша худ беморӣ нест, вале метавонад ба маризӣ биоварад. Бо ибораи дигар, доша омили вайронкунанда ва нигоҳдорандаи бадани инсон ҳисобида мешавад.

Дар ҳолати нигоҳдошти таносуб миёни “вата”, “питта” ва “капха”, онҳо саломатиро нигоҳбон буда, вайроншавии таносуб сабаби барангезандагии маризӣ мегардад.

Ҳар як дошаи дар физиологияи инсон ҳукмрон буда, як қатор хусусиятҳои сифатиро дорост. Ин сифатҳо дар ҷадвал оварда шудаанд:

| **Вата** | **Питта** | **Капха** |
|---|---|---|
| хушк | гарм | вазнин |
| сард | равғанӣ | сард |
| сабук | нарм | нарм |
| шаддакунанда | тез дар ҳолати ҳаракат | нафис |
| серҳаракат | туруш | ширин |
| равшан | тез | часпанда |
| тунд | қобилияти паҳншавӣ | устувор |

Сифатҳои дар боло зикршуда, дар ҷисми шахси ба ин ва ё он доша тааллуқдошта, мушоҳидашаванда мебошанд.

Аз ин андешаҳо ба чунин хулоса омадан мумкин, ки ҳангоми муайян намудани хислати инсон се омили дар боло зикршуда, асоси физиологии хислати инсонро ташкил медиҳанд. Вобаста аз бартарияти яке аз се доша физиология ва психологияи инсон мутобиқи онҳо фаъолият мекунад.

Чунон ки зикр гардид, дошаҳои бунёдӣ ба се қисм тақсим мешаванд. Аз сабаби он ки шумораи дошаҳо се гурӯҳ мебошад, пас асоси ҷисми инсонро низ се омил ташкил медиҳад. Ҳангоми бо тариқи умумӣ муайян намудани хислати инсон, одатан мегӯянд, ки ин нафар хислати бод (вата), дигараш хислати зарда (питта) ва сеюмаш хислат ва ё сифати луоб (капха)-ро дорад. Ин омилҳои сегона чунон ки қайд гардид, омилҳои асосӣ ва ё бунёдӣ ҳисобида мешаванд. Онҳо дар ҷисми инсон, яъне дар тани фарди алоҳида, ба тариқи холис ё тоза амал намекунанд. Дар ҳамвобастагӣ ба якдигар ва махлут шудан дар доираи сегонагӣ ба ҳафт гурӯҳ ҷудо мешаванд. Ба ибораи дигар шахси танҳо аз бод (вата) иборатбуда хеле кам аст. Ҳамчунони дигар шахсоне, ки танҳо аз зарда (питта) ва ё луоб (капха) иборат бошанд, ангуштшуморанд. Асосан, шахс аз омехтаи ду доша иборат

аст. Баъзе шахсон метавонанд омехтаи се доша бошанд. Аз ин рӯ, тақсимбандии шахсон аз мавҷуд будан ё бартарӣ доштани ин ва ё он доша чунин сурат мегирад.

1. Ватта (бод). 2. Питта (зарда) 3. Капха (луоб)

4. Ватта -питта 5. Питта-капха 6. Ватта-капха.

Дар маҷмӯъ гурӯҳбандии шахсон 7 типро ташкил медиҳад. Агар ба ин тақсимбандӣ боз гурӯҳи а) капха-вата ва б) питта-вата-ро илова намоем, пас тақсимбандии темпераменти (миҷоз) одамон ба 9 нафар мерасад.

Типи тоза, чунонки гуфта шуд, тақрибан 10% одамонро ташкил медиҳад. Аз ин шумора боз камтари одамон метавонанд сифати се дошаро дошта бошанд. Аксарияти одамон аз ду доша иборатанд. Ба ақидаи Аюрведа агар инсон аз се доша иборат бошад, табобат намудани маризии он бениҳоят мушкил аст. Мутобиқи муаллифони Аюрведа хусусияти ҳар як доша иборат аз сифатҳои гуногун мебошад. Сифатҳои вата (дурусташ боди узвӣ) чунинанд: вата тамоми бадани инсонро шадда намудааст. "Қувва, нафас, нафасбарорӣ, майл ба ҳаракат ва нигоҳдории таносуби узвҳо, баробар озод намудани роҳҳо ин ҳама вазифаи боди таркибан вайроншуда мебошад"[3, 18 – 55].

Ин бод бо лаппиши асабҳо сифатҳои дигарро ба ҳаракат оварда, дигаргунии физиологии ҳархеларо ба миён меоварад, қисмҳои бадан, нутқ ва фикрро ҳамроҳӣ менамояд. Вайро ҳамчун "қувваи шаффофе, ки ҳаракати биологиро таъмин намуда ҳамагуна дигаргуншавии нозукро дар раванди ивазшавӣ таъмин менамояд" [7, 191], бояд донист. Вай нафаскашӣ, чашмпушидан, тапиши дил, ҳаракати мушакҳо ва бофтаҳоро, ҳама фушурдашавӣ ва паҳншавӣ (мармараки чашм, рагҳо) ҳаракати ситоплазма, мембранҳои ҳуҷайра, лаппиши ҳуҷайраҳои асаб ва ғайраро таъмин менамояд. Яке аз вазифаи муҳими Вата берун баровардани ахлот, шоша, зарда ва дигар моддаҳои ихроҷшаванда мебошад. Табиби машҳури амрикоӣ Д.Чопра Вата – дошаро яке аз пурқувваттарин доша номида онро "подшоҳи дошаҳо" меҳисобад [7].

Ҳамчун боди табиӣ тамоми ковокиҳои бадани инсонро аз худ пур намудааст. Аз ин сабаб, ҳар як узве, ки аз бадани инсон бо воситаи ҷарроҳӣ гирифта мешавад (миндалин, апедикс, гурда ё дандон) бодро дар бадан зиёд мегардонад.

Шахсони дорандаи бод одатан монанди боди вазанда амалашон бошиддат аст. Онҳо тез таъбашон иваз мешавад ва метавонанд ҳам халерик бошанд ва ҳам меланхолик. Чунон ки бод хушк аст, онҳо одатан камгушт ва лоғар мешаванд. Дар бисёр ҳолат мегӯянд, ки "дар сари онҳо бод аст" [6, 67]. Одамони ба ин гурӯҳ нисбатдошта яку якбора метавонанд аз ҳолати фахр кардан ба тарсончакӣ ва аз ҳаяҷон ба бетафовутӣ табдил ёбанд. Онҳоро на тарс аз ҳодиса, балки хаёли худ тарсончак мегардонад. Андешаи дигаронро тез дарк мекунанд, вале дар бораи ин андеша дарозмуддат фикр карда наметавонанд. Ноором онҳоро ба иваз намудани ҷой маҷбур месозад ва дар натиҷаи бартарият доштани бод дар ҷисми онҳо дигаргуниҳои зиёде ба миён меояд.

Шахсони дар таъсири зарда (питта) буда, фаъолияти фарқкунандае нисбат ба бод доранд. Питта (зарда) дар қисми ишками инсон сукунат дорад. Рудаи борик ҷойгоҳи асосии зарда мебошад. Узви асосие, ки питта фаъолият дорад ва аз вай ҳосил мешавад, ҷигар аст.

Фаъолияти асосии зарда ҳосил намудани оташ аст, ки барои ҳазми хӯрок хизмат мекунад. Зардаи солим баданро мутаносибан дуруст нигоҳ медорад, ташнагӣ ва гуруснагиро ба миён меоварад, қобилияти биниш ва қувваи фаҳмишро меафзояд.

Шахсоне, ки дар онҳо типи питта (зарда) бартарият дорад, асосан бо муйҳои равшани зард ва пусти сафеду сурхмонанд фарқ карда мешаванд. Дар хислаташон чунин амалҳоро дидан мумкин аст. Онҳо то андозае сергушт ва тануманд мебошанд, зуд арақ пайдо мекунанд, дар хурдану нушидан иштиҳо доранд. Аз сабаби он ки табиати зарда гарм аст, шахсони бартарияти зарда дошта, ба гармӣ тобовар нестанд. Нафарони ба ин гурӯҳ дахлдошта ҳамеша "сари гарм", дасту пойи гарм, мӯйи зардмонанд, "оташчашм" ва дар рафторашон хоҳиши амал кардан зиёд аст. Рухсорашон ба зуди сурх мешавад.

Фаъолияти тезу тунд доранд ва аз ин сабаб зуд монда мешаванд. Ин гуна шахсонро характери “зардагӣ” дошта, номидаанд. Онҳо қобилияти ташкилӣ ва роҳбар буданро доранд, бетоқат, худтанқидкунанда, таъриф карданро дӯст медоранд, ҳукмрон будан мехоҳанд, қаҳр кардан одати онҳост. Шахсони омили питта дошта доимо майли санҷиши қувваи худро доранд ва хостори мубориза мебошанд. Онҳо мушкилиҳоро ба миён меоваранд ва ҳамоно аз дунболи ҳалли масъала мешаванд.

Сифатҳои луоб (капха) нисбат ба ду омили дигар мӯътадил ба назар мерасад. Бартарӣ доштани об ва сардӣ ҷисми чунин шахсонро нисбат ба шахсони бодӣ ва зарда то андозае тобовар ва устувор гардонидааст. Шахсони дар табиаташон сифати капхагӣ дошта, одатан сергушт ва тануманд мебошанд. Устухону мушакҳои чунин нафарон дар дохили гӯшт ва чарпу ноаён мемонанд. Аз таснифи равонишиносии аврупоӣ шахсони капхадоштаро флегматик меноманд. Занони сифати капха дошта, одатан мулоимтан, гирдрӯ, чашмони гирди сарднамуд доранд, ки рафтору гаштори онҳоро ба фил ташбеҳ медиҳанд.

Дар замони муосир худи занон хоҳишманди доштани чунин табиат нестанд. Вале дар анъанаи фарҳангии мардумони ҳинд чунин занҳо хусусияти мусбатро доро мебошанд. Дар муносибат бо дигарон чунин занҳо орому меҳрубон буда, камбудии дигаронро ҳеҷ гоҳ мавриди танқид қарор намедиҳанд. Агар нафаре онҳоро ранҷонида бошад, чунин ранҷишро тез фаромуш месозанд. Дар муҳаббат бо дигарон устувор, ба атрофиён хизматрасон ва меҳрубонанд. Одатан ба шахсони чунин сифатҳо дошта, бо меҳрубонӣ менигаранд.

Шахсони дорои сифати капха (луоб) бо зудӣ фарбеҳ мешаванд. Хӯрокро онҳо монанди шахсони вата (бод) ва питта (зарда) на ба ҳаракату қаҳру ғазаб, балки ба гушту чарбу мубадал шудан истифода мебаранд. Дар ҳолати иштиҳо надоштанашон ҳам, онҳо метавонанд танҳо бо воситаи ба ёд овардани хӯрок вазни худро зиёд гардонанд. Ба ғайр аз ин онҳо беихтиёр гоҳе бо чашидани кулчақанд, ширинӣ, ҷой ва ғайра фарбеҳшавии худро ба миён меоваранд. Дар нигоҳубин намудани оила, таъмини он бо ғизо ва дигар лавозимот кӯшиши зиёд доранд.

Хислатҳои каму беш манфии ин гуна шахсон, ҷамъ намудани сарват ва дар баъзе ҳолат хасис будан ба назар мерасад. Онҳо аз молу ашёи кӯҳна ба зудӣ даст кашидан наметавонанд. Чунин шахсон ҳаёти осоишта ва орому таъминро орзу доранд. Онҳо оҳистакор, ба кашф намудани ягон чизи нав эҳтиёҷ ва дилгармӣ надоранд. Дар ҳавои сард онҳо ғайрифаъол, хоболуд, гапношунав ва якрав мешаванд.

Барои муайян намудани доша ё ин ки типи хислати инсон метавон аз тестҳои Аюрведӣ [6, 55] истифода намуд, ки бо донистани дошаи худ инсон метавонад натанҳо хислати хешро муайян созад, балки саломатии физиологии худро низ дар тавозун нигоҳ дошта бошад.

Инсон, ба андешаи муаллифони Аюрведа аз бисёр сифатҳои гуногун ташкил ёфтааст. Се намуди доша (омил) ин нишонаҳои физиологии бунёдие мебошанд, ки гурӯҳбандии хислати одамонро аз онҳо бояд оғоз намуд [4, 184]. Бинобар ҳадафи амал чӣ тавре, ки дар боло зикр гардид, ин се омилро ба дудошагӣ тақсим мекунем, ки дар натиҷа 9 гурӯҳро ба миён меоваранд:

**1**. Бод **2.** Зарда **3.** Луоб **4.** Бод-зарда **5.** Зарда-бод

**6.**Зарда-луоб **7.** Бод-луоб **8.** Луоб-зарда **9.** Луоб-бод

Гуруҳи тоза, яъне бод (вата), зарда (питта) ва луоб (капха) ҳамагӣ 10 фоизи одамонро ташкил медиҳанд ва чунон ки зикр гардид, дар бештари одамон ду омил ташаккул ёфтааст. Гуруҳи ками одамон дорандаи се омил мебошанд. Ин омилҳо якдигарро иваз карда наметавонанд. Агар инсоне, ки аз ду омил ташкил шуда бошад, яке аз омилҳо баранда буда, дигаре ёрирасон мебошад. Одатан дошаи бартариятдошта ҷавобгӯйи ҳама гуна дахолати беруна буда, дошаи дуввум муайянкунандаи рафтор хоҳад буд.

**Гурӯҳи Бод-зарда**

Агар нафаре дорандаи бод-зарда бошад, эҳтимол меравад, ки ҷавоби ӯ ба амалҳои беруна нобоварона ва бо тарс хоҳад буд, ки ин нобоварӣ ва тарсро сифати "ҷангҷӯёна"-и зарда ислоҳ менамояд.

Пеш аз амал намудан аз шахси бод-зарда шубҳае, беҷуръатие пайдо мешавад, вале ҳангоме, ки чунин шахс маҷбур мешавад, ки амалеро иҷро кунад, вай ҳатман ғазаболуд ва бетоқат хоҳад шуд. Масалан, ҳангоми дар назди дигарон суханронӣ намудан, вай аввал орзу мекунад, ки ин вохӯрӣ сурат нагирад, вале бо сурат гирифтани чунин вохӯрӣ вай хоҳиши идора намудани шунавандагонро пайдо мекунад.

Аз чунин шахсон одатан зеҳни фаъол ва монандшаванда ба назар мерасад. Эҳсосоти табиии онҳо ва зуд дигаргуншавии табъ хусусияти бошиддатро мегирад. Бод ва зарда хунукиро намепазиранд. Дар муқоиса бо одамони бартарияти зарда дошта, онҳо ба гармӣ то андозае тобоваранд, вале мавҷуд будани зарда дар бод тобовариро зиён мерасонад. Дар иҷрои корҳо шахсони бод-зарда, гарчанде низомро дӯст надоранд ҳам, онҳо хеле нуктасанҷ ва дақиққор мебошанд. Тарзи ҳаёти носолими хобу хӯроки ҳаррӯза, истироҳат ва ғайра дар муқоиса бо дигарон серталаб мебошад.

Гарчанде хотираи чунин шахсон чандон устувор набошад ҳам, онҳо андешаи нав баёншударо зуд, дарк намуда, интизори андешаи дигаре мешаванд. Таъсири зарда дар ҷисми онҳо дар он мушоҳида мешавад, ки хоҳиши ноустувор натиҷаи бошиддат ва кӯшиши зудамал дар миҷози онҳост.

**Гуруҳи Зарда-бод**

Одамони ин навъ одатан сохтори миёнаи баданро доро буда, мушкҳои қавӣ доранд ва аз ҷиҳати физиологӣ худ инкишоф ёфтаанд. Намояндагони типи Зарда-бод зуд ҳаракат мекунанд, бо устуворӣ ва руҳияи мусбат фарқ мекунанд. Дар онҳо бартарият доштани зарда аз руйи серҳеракатиашон маълум мегардад. Вуҷуд доштани бод бо ҳамроҳии зарда ба хуб ҳазм намудани хӯрок кумак мерасонад, ки шахсони дорои ин тип хӯрокро бемамоният ҳазм менамоянд. Шахсони дорои ин навъ хислаташон чунин аст, ки онҳо ҷасур буда, мушкулиҳоро бемамоният пушти сар мекунанд ва ба суи комёбиҳо ҳаракат менамоянд.

**Гуруҳи Зарда-луоб**

Қисми пургушт ва майл ба фарбеҳшавӣ. Иштиҳои пуршиддат дар баробари дерҳазмшавӣ. Агар вақти хӯроккурӣ дер шавад ва ё гузашта бошад, чунин шахсон бетоқат ва эҳсосотӣ мешаванд. Мӯйи сарашон борик, ростфуромада, ҷилодор, равшан ва ё зардчатобанд. Дар бисёр маврид мӯйи сарашон кам ва резанда (аз зарда), на сермӯй ба монанди гурӯҳи капха (луоб).

Ҳангоми гармӣ ва корҳои вазнин зуд араҷи баданашон падид меояд, аз типҳои холис, тезтар мондагиро ҳис мекунанд. Ташнагӣ бетоқат, хӯроки гарм ва тезро қабул надоранд (сабабаш сифати питта).

Бениҳоят фаъол ва пурқувватанд, вале дар онҳо бештар сарддилӣ ва сардхунӣ мушоҳида мешавад. Лаззат ба мубориза ва бартараф намудани мамониятҳо, хоҳиши ба ягон ҳадаф расидан бо кӯшиши ҷиддӣ. Танҳо тез бетоқат ва оташин мешаванд, қаҳру ғазаб боло мегирад, бо таъсири луоб ором мешаванд, вале нафраташон зиёд мешавад.

Ҳангоми дар ҳаяҷон будан, мавриди баҳс суханашон захролудкунанда то дараҷаи аз сухан гуфтандаст кашидан. Муҳаббат ба асоснокгардонӣ, дақиқ ва бетоқатӣ ба шахсони диққаташонро мутамарказ накунанда ва ноӯҳдабаро, якрав дуру дароз дар фикри худ фурӯрафта.

**Гуруҳи Бод-луоб**

Иҷрои нохоҳами баъзе аз ниятҳо, ки аз надонистани хоҳиш ба миён меояд, аз танбалии сифатҳои луоб шаҳодат медиҳад. Андешаҳоро зуд мепазирад, вале хусусияти луоб-танбалӣ намегузорад, ки онҳоро амалӣ созанд.

Хоби на он қадар чуқури "бод" ва хоби дарозмуддати "луоб" маҷбур месозанд, ки аз хоб хестан хеле мушкил гардад. Барои хестан аз хоб хеле кӯшиш менамоянд, ки баъдан ба фаъолияте шурӯъ намояд.

Ҳисси кайфият дар ҳолати рӯзи мулоим-намнок noроҳатиро дар рӯзи сард ба миён меоварад.

Умуман, боду ҳавои сардро намепазиранд. Онҳо аз пайдоиши луоби зиёд, нафастангӣ ва дигар маризиҳои аз хунук ба миёномада азоб мекашанд.

Андешаҳои навинро зуд аз худ менамоянд, вале аз нафаре, агар ранҷ кашида бошанд, бо зудӣ фаромӯш нахоҳанд кард. Нутқи бетоқатона ба хомӯшии боранҷиш табдил меёбад.

**Гурухи Луоб-зарда**

Шахсони ҳаракаташон ором, хӯрокро оҳиста ва ботамкин хурда, иштиҳои баланди гурӯҳи "зарда"-ро доро мебошанд. Бештари онҳо танумананд, вале дар ҳолати хӯрок набудан, бетоқат намешаванд. Пас аз хӯрок ноором хӯрокҳазмкуниро дар худ надоранд.

Мӯйҳои сарашон ғафс, мавҷнок, тоссарашон кам дида мешавад. Пӯсташон мулоим, сафедчатоб, гарм, бо холҳои зиёд. Барои ҳаёти ботамкин ва миёна омода, дар нақшаашон дигаргуниҳои зуд суратгирифта дида мешавад.

Бештар чунин шахсон хонанишин мебошанд ва дар муқоиса ба шахсони "луобӣ" ба муошират майл доранд. Бо ҳадафи худро беҳтар ҳис кардан, бояд на кам аз ҳашт (8) соат имконияти хоб карданро дошта бошанд. Хобашон чуқур ва ором аст.

Оромтабиат, ботоқат буда, бетарафӣ дар бисёр ҳолат бар эҳсосот дастболо мешавад. Қаҳру ғазаб дар баъзе маврид ҳеҷ гоҳ то дараҷаи ифротӣ ба бераҳмӣ, ба монанди шахсони "зарда" намерасанд ва зоҳиршаванда нестанд. Хотираашон фавран андешаро ба худ намегирад, вале давомнок нигоҳ медорад.

**Гурухи Луоб-бод**

Ин гуруҳ хусусиятҳояш ба гуруҳи Бод-луоб наздик буда, аммо нисбатан оромтабиаттаранд. Бартарияти луоб (капха) ба намояндагони ин тип имконият медиҳад, ки нисбат ба бод (вата) оромиро дар худ ҳифз намоянд. Ба мисли гуруҳи Бод-луоб онҳо низ хӯрокҳазмкуниро душвор гузаронида, ҳавои сардро ба сахтӣ пушти сар мекунанд.

Дар муқоиса бо дигар таснифоти классикӣ, таълимоти Аюрведа нисбат ба хислати инсон аз ҷиҳати мантиқӣ равшан ва фаҳмо ба назар мерасад. Илми хислатшиносии муосир кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки ягона омилеро пайдо кунад, ки бо воситаи он тафовути миёни одамонро муайян созад. Аюрведа бошад, гурӯҳбандии хислати одамонро аз нишон додан ва ба назар гирифтани сифатҳои гуногун оғоз намуда, ба самте равона будани ҳар як гурӯҳро нишон дода, тиологияи пайкар, нишона, миҷоз ва қобилияти хиради ҳар як гурӯҳро муайян месозад.

Инҷо суоле ба миён меояд: андешаи муаллифони Аюрведа дар бораи тағйирёбии сифатҳои гурӯҳӣ ва ҷисму хиради одамон чӣ гуна бошад?

Аюрведа дар ҳақиқат, таносуби "доша"-ҳои модарзодии одамонро дар рафтори нодуруст, хӯрок ва ғайра мебинад. Асосҳои сифатии бадани инсонро, ки дар он бартарияти яке аз "доша" нисбат ба дигараш мушоҳида мешавад, аз "карма"-и шахс (пиндору кирдору рафтори гузашта ва имрӯза) вобаста аст [2]. Аз ин рӯ, шахси табиати "бод" дошта, ба "зарда" табдил намеёбад. Вале таносуби миқдории "доша"-ҳо вобаста аз тарзи ҳаётгузаронии шахс, муҳити зист, кору фаъолият ва синну сол то андозае дигаргун мешавад.

Дар кӯдакон "луоб" зиёд аст, ки ба ташаккул ва сабзиши онҳо алоқаманд мебошад. Дар синну соли наврасӣ "зарда" бештар мушоҳида мешавад. Дар давраи пиронсолӣ дар бадани инсон "бод" – вата зиёд мешавад, ки боиси рехтани дандон, сабук шудани устухон ва ғайра мегардад. Бар замми ҳама ин норасогиҳо дар бисёре аз шахсон "капха"

– луоб зиёд шуда, боиси табдилёбии мушакҳо ба равған гашта, аз нисф зиёди вазни инсонро ташкил медиҳанд.

Дар бештари ҳолат муайян намудани хислати ҷавонон муяссар намегардад. Сифатҳои хислат, дар ҳар сурат, аз бартарият доштани ин ва ё он доша вобоста мебошанд. Ин сифатҳо тухмеро мемонанд, ки баъдан дар шакли гуногунии ҷисми инсон ба бор меоянд.

Маризӣ ва хӯроки вайрон метавонанд сохтори баданро, яъне сифатҳои модарзодиро вайрон созанд.

Таҳлили назария ва амалияи хислатшиносӣ дар Аюрведа нишон медиҳад, ки бо мақсади ҳар чӣ бештар бо боварӣ шинохтани хислати инсон бояд аввал миҷози инсонро муайян сохт. Пас аз муайян намудани миҷоз (чунон ки дар боло зикр шуд) Аюрведа меъёри бартарият доштани ин ва ё он "доша" (омил)-ро мегузорад. Муайян намудани доша барои фаҳмиши хусусияти интелектуалии инсон кӯмакрасон мебошад. Гарчанде муайян будани сифатҳои миҷоз барои санҷиши хислати инсон муҳим бошанд ҳам, вале онҳо (сифатҳо) наметавонанд муайянкунандаи сифати хирадии инсон гарданд. Ин омилҳо, яъне муайянии дошаҳо ва ё миҷози инсон барои муайян намудани сифатҳои хирадии инсон, заминаи мусоидро фароҳам меоваранд.

## АДАБИЁТ:

1. Атхарваведа: Избранное. - М., 1989. – 406 с.
2. Аюрведа: наука самооздровления. – СПб., 1992. – 159 с.
3. Матвеев С.А. Чарака-Самхита. Сутра-стхана.– М., 2020. – 408 с.
4. Петров Н. И., Кузьменко А.В. Основа Аюрведической медицины (История и метафизика). – С-Петербург. 2003. – 348 с.
5. Соловьева Л.Н. Наука о жизни с позиции Аюрведы – М., 1998. – 96 с.
6. Чопра Д. Аюрведа. Древняя мудрость и современная наука для совершенного здоровья. – М., 2024. – 480 с.
7. Чопра Д. Нестареющее тело, вечный дух. – М., 1995. – 364 с.
8. Чопра Д. Идеальное здоровье. – М., 1992. – 428 с.
9. Фомин Н.А. Физиология человека. - М., 1982. – 320 с.

ИЛМҲОИ ҲУҚУҚӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ – LEGAL SCIENCES

УДК: 343.32

# ЭКСТРЕМИЗМИ РАҚАМӢ: ТАҲДИД БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ ВА РОҲҲОИ МУҚОВИМАТ БА ОН

**ҚУДРАТОВ Н.А.**

*Сардори раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор.*

*Дар мақола мафҳуми "экстремизми рақамӣ" ҳамчун яке аз таҳдидҳои ҷиддӣ ба амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷаҳон таҳлил ва мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муайян карда шудааст, ки бо вуҷуди тадбирҳои андешидашуда, динамикаи содиршавии ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ дар кишвар нишон медиҳад, ки ин зуҳурот дар солҳои охир шиддат ёфтааст. Муаллиф зарурати таҳияи мафҳуми расмии "экстремизми рақамӣ" дар қонунгузории миллӣ ва таҳкими механизмҳои ҳуқуқӣ ва техникӣ барои муқовимат бо ин таҳдидро таъкид мекунад. Илова бар ин, ташкили шабакаҳои пинҳонӣ, таблиғоти рақамӣ, ҷалбкунӣ ва ҳамлаҳои киберӣ ҳамчун шаклҳои асосии зуҳури экстремизми рақамӣ муфассал тавсиф шудаанд. Муаллиф зарурати таҳияи стратегияи нави миллӣ барои муқовимат бо экстремизми рақамиро бо такя ба таҳлили амиқи вазъи мавҷуда пешниҳод мекунад.*

**Калидвожаҳо:** *экстремизми рақамӣ, амнияти миллӣ, шабакаҳои пинҳонӣ, ҷалбкунӣ, ҳамлаҳои киберӣ, таблиғоти ифротӣ, қонунгузорӣ, муқовимат, Тоҷикистон, амнияти иттилоотӣ.*

# ЦИФРОВОЙ ЭКСТРЕМИЗМ: УГРОЗА НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ И СПОСОБЫ ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ ЕМУ

**КУДРАТОВ Н.А.**

*Начальник управления науки и инноваций Международного университета туризма и предпринимательства Таджикистана, доктор юридических наук, профессор.*

*В статье проанализировано понятие "цифровой экстремизм" как одной из серьёзных угроз национальной безопасности в Республике Таджикистан и в мире. Установлено, что, несмотря на принятые меры, динамика совершения экстремистских и террористических преступлений в стране показывает значительное увеличение таких случаев в последние годы. Автор подчёркивает необходимость разработки официального определения "цифрового экстремизма" в национальном законодательстве и усиления правовых и технических механизмов для противодействия этой угрозе. Кроме того, подробно рассмотрены основные формы проявления цифрового экстремизма, такие как создание скрытых сетей, цифровая пропаганда, вербовка и кибератаки. Автор также предлагает разработку новой национальной стратегии для противодействия цифровому экстремизму на основе глубокого анализа текущей ситуации.*

**Ключевые слова:** *цифровой экстремизм, национальная безопасность, скрытые сети, вербовка, кибератаки, цифровая пропаганда, законодательство, противодействие, Таджикистан, информационная безопасность.*

# DIGITAL EXTREMISM: A THREAT TO NATIONAL SECURITY AND THE WAYS TO COUNTER IT

**KUDRATOV N.A.**

*Head of the Department of Science and Innovations of the International University of Tourism and Entrepreneurship of Tajikistan, Doctor of Law, Professor.*

*The article analyzes the concept of "digital extremism" as one of the serious threats to national security in the Republic of Tajikistan and in the world. It has been established that, despite the*

*measures taken, the dynamics of extremist and terrorist crimes in the country shows a significant increase in such cases in recent years. The author emphasizes the need to develop an official definition of "digital extremism" in national legislation and strengthen legal and technical mechanisms to counter this threat. In addition, the main forms of digital extremism, such as the creation of hidden networks, digital propaganda, recruitment and cyber attacks, are considered in detail. The author also proposes the development of a new national strategy to counter digital extremism based on an in-depth analysis of the current situation.*

**Keywords:** *digital extremism, national security, hidden networks, recruitment, cyber attacks, digital propaganda, legislation, counteraction, Tajikistan, information security.*

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, соли 2023, таъкид гардида буд, ки "Вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, аз ҷумла торафт шиддат гирифтани раванди азнавтақсимкунии дунё, яроқнокшавии бошитоб, «ҷанги сард», таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ моро водор месозад, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем"[10]. Чунин хатарҳои муосир, аз ҷумла яке аз шаклҳои экстремизм, яъне экстремизми рақамӣ имрӯзҳо ба амнияти миллии Тоҷикистон таҳдид мекунад.

С.С. Ятимов дуруст менависад, ки таърихи инсоният, дар маҷмуъ, таърихи сулҳ нест. Таърихи ҷангу мубориза ва низоъҳо аст, ки ҳамчун шакли сиёсат ҳамсафари ҳаёти одамон мебошад. Сабаби аслии чунин вазъи тезутундӣ, мутаассифона, устувор ва поянда дар давоми асрҳо он аст, ки мардуми олам бо ҳам, асосан, ба як забон гап мезананд. Онро забони манфиат мегӯянд [16]. Ин гуфтаи С.С. Ятимов ба табиати амиқи низоъҳо ва мунокишаҳои инсонӣ ишора мекунад, ки аз замонҳои қадим то имрӯз ҳаёти одамон, ҷомеаҳо ва давлатҳоро ҳамроҳӣ мекунанд. Ӯ дуруст таъкид мекунад, ки таърихи инсоният на танҳо таърихи сулҳ, балки бештар таърихи ҷангу мубориза аст. Ин раванд ба он далел аст, ки инсонҳо дар равобити байниҳамдигарӣ бештар ба забони манфиат, на ба забони адолат ё ҳамдилӣ сухан мегӯянд. Сабабҳои асосии ин вазъият чунинанд: ***нахуст, манфиатҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ.*** Дар тӯли таърих, аксарияти ҷангҳо ва низоъҳо барои захираҳои табиӣ, ишғоли сарзаминҳо, нуфуз ва қудрат ба миён омадаанд. Империяҳои қадим ба монанди Рум, Форс, Миср ва дигар империяҳои асримиёнагӣ барои тавсеаи сарзаминҳо ва қудрати сиёсӣ пайваста ҷанг мекарданд. Дар замони муосир низ манфиатҳои иқтисодӣ ва геополитикӣ ба пайдоиши низоъҳо мусоидат мекунанд, мисоли равшани ин мунокишаҳои Сирия, Ироқ, Афғонистон, Яман ва низоъҳои барои захираҳои энергетикӣ мебошанд. ***Дуюм, забони манфиат ва бархӯрдҳои фарҳангӣ.*** С.С. Ятимов дуруст қайд мекунад, ки одамон бештар ба забони манфиат сухан мегӯянд. Ин маънои онро дорад, ки манфиатҳои шахсӣ, гуруҳӣ ва давлатӣ аксар вақт аз арзишҳои инсонӣ ва адолат болотар гузошта мешаванд. Масалан, ҳатто дар ровбитаҳои байналмилалӣ, аксар кишварҳо дар аввал манфиатҳои миллии худро ҳимоя мекунанд, новобаста ба он ки ин раванд ба субот ва амнияти ҷаҳонӣ чӣ гуна таъсир мерасонад. ***Сеюм, хусусияти инсонӣ ва рақобатпазирӣ.*** Забони манфиат ҳамеша ба таври муайян бо табиати инсонӣ алоқаманд аст. Инсонҳо аз рӯи табиати худ барои мавқеи беҳтар, нуфуз ва қудрат мубориза мебаранд. Ин ҳолатро на танҳо дар муносибатҳои давлатҳо, балки дар дохили ҷомеаҳо низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар он гуруҳҳо, ҳизбҳо ва созмонҳои гуногун барои қудрат ва нуфуз мубориза мебаранд. ***Чорум, идеология ва манфиатҳои динӣ.*** Ғайр аз манфиатҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ, аксар вақт идеологияҳо ва манфиатҳои динӣ низ сабаби низоъҳо мегарданд. Дар таърих ҷангҳои салибӣ, ҷангҳои мазҳабӣ дар Аврупо ва мунокишаҳои мазҳабӣ дар Ховари Миёна аз мисолҳои равшани ин падида мебошанд. ***Панҷум, тавсеаи технологӣ ва коркарди силоҳҳои нав.*** Пешрафти технологияҳои низомӣ ва васоити нави ҷанг дар ҳар давру замон ба шиддат гирифтани низоъҳо мусоидат кардааст. Ҳар як кашфи нав дар соҳаи ҳарбӣ, аз тиру камон то

силоҳҳои ҳастаӣ, имкониятҳои нави муборизаро фароҳам оварда, низоъҳоро ҷиддитар гардонидааст. ***Шашум, дастрасӣ ба иттилоот ва таблиғоти сиёсӣ.*** Дар замони муосир, расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд ба шиддат гирифтани низоъҳо мусоидат кунанд, зеро онҳо таблиғоти идеологӣ, иттилооти нодуруст ва даъватҳо ба зӯровариро зуд паҳн мекунанд. Ҳамин тавр, ақидаи муҳаққиқ С.С. Ятимов нишон медиҳад, ки ҷангҳо ва мунокишаҳо қисми ҷудонашавандаи таърихи инсоният мебошанд, зеро онҳо аксар вақт бо манфиатҳои шахсӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ алоқамананд. Забони манфиат, ки дар асл асоси муносибатҳои байналмилалӣ ва дохилиро ташкил медиҳад, сабаби аслии шиддатнокии мунокишаҳо дар тӯли таърих мебошад.

Масъалаҳои таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ аҳамияти фавқуллода ҷиддӣ ба худ гирифтааст. Чунин зарурат ва муҳиммиятро дар Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳанӯз соли 2003 қабул гардида буд, мушоҳида намудан мумкин аст. Таҳлили ин ҳуҷҷати муҳимми сиёсӣ нишон медиҳад, ки воқеан ҳам амнияти иттилоотӣ унсури марказии амнияти миллии Тоҷикистон мебошад. Дар ҳуҷҷати мазкур мақсад, вазифаҳо, меъёрҳо ва самтҳои асосии таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудаанд. Ҳамчунин дар ҳуҷҷати мазкур қайд мегардад, ки амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолати ҳимоятшавандагии манфиатҳои миллии мамлакат дар соҳаи иттилоот мебошад, ки маҷмӯи манфиатҳои бо ҳам мувофиқи шахс, ҷомеа ва давлатро муайян менамояд. Дар Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба он ишора мешавад, ки соҳаи иттилоотӣ омили муҳимми ҳаёти ҷомеа ба шумор рафта, ба вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, мудофиавӣ ва дигар ҷузъҳои амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ҷиддӣ расонида, сатҳу сифати онҳо аз таъмини амнияти иттилоотӣ вобаста мегарданд. Консепсияи мазкур сиёсати давлатии таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври возеҳ муайян менамояд [17].

Албатта, таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон як масъалаи муҳим ва афзалиятнок дар шароити афзоиши таҳдидҳои иттилоотӣ, густариши технологияҳои рақамӣ ва васеъ гардидани фазои киберӣ мебошад. Амнияти иттилоотӣ ҳамчун ҷузъи муҳими амнияти миллии Тоҷикистон, ҳифзи захираҳои иттилоотӣ, шабакаҳои компютерӣ ва технологияҳои иттилоотиро дар бар мегирад. Ин раванд дар баробари ҳифзи махфияти маълумот, дақиқият, дастрасӣ ва бехатарии маълумоти давлатӣ ва шахсӣ, инчунин пешгирӣ аз ҳамлаҳои киберӣ, ҷосусии рақамӣ ва таҳдидҳои гибридиро низ дар назар дорад. Дар Тоҷикистон, амнияти иттилоотӣ тавассути маҷмӯи қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим мегардад, ки самтҳои асосии онро чунин унсурҳо ташкил медиҳанд: таъмини ҳимояи инфрасохтори иттилоотии муҳим, татбиқи технологияҳои муосири ҳифзи иттилоот, назорати истифодаи технологияҳои рақамӣ, ташкили низоми самараноки идоракунии хавфҳо, баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва саводи рақамии аҳолӣ, таҳкими ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ дар самти мубориза бо киберҷиноятҳо, инчунин таҳкими амнияти иттилоотӣ дар шабакаҳои ҳукумати электронӣ ва соҳаи хизматрасониҳои рақамӣ. Ҳадафи ин чорабиниҳо ташкили низоми устувори ҳифзи иттилоот аз хатари ихроҷ, тағйирот ва нобудшавии ғайриқонунӣ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025 бо ҳалномаҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти 29 гуруҳҳо ва ташкилотҳои террористиву экстремистӣ манъ карда шудааст. Новобаста аз тадбирҳои андешидашуда динамикаи содиршавии ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010–2024 нишон медиҳад, ки афзоиши назарраси онҳо ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам аз лиҳози сифат ба назар мерасад. Мувофиқи маълумоти оморӣ дар соли 2010 агар дар Тоҷикистон 10 ҳолати содиршавии ҷиноятҳои экстремистӣ ба қайд гирифта шуда бошад, пас дар солҳои 2011-28, 2012 – 18, 2013 – 38, 2014 – 116, 2015 – 345, 2016 – 617, 2017 – 506, 2018 – 360, 2019 – 634, 2020 – 1091, 2021- 761, 2022 – 991, 2023- 1228 ва 2024 – 1494 ҳолат ба қайд

гирифта шудаанд, ки нигаронкунанда мебошанд [6]. Омори мазкур нишон медиҳад, ки махсусан дар солҳои охир шиддатнокии содиршавии ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ дар кишвар ба таври ҷиддӣ афзоиш ёфтааст. Масалан, дар соли 2024 нисбат ба соли 2010 шумораи ин ҷиноятҳо беш аз 149 баробар зиёд шудааст ва аксарияти ин ҷиноятҳо бо рақамишавӣ алоқаманданд.

Мафҳуми расмии экстремизми рақамӣ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба экстремизм" [7] вуҷуд надорад. Дар Қонуни мазкур ҳатто мафҳуми "экстремизми иттилоотӣ" пешбинӣ нашудааст, ки яке аз норасоиҳои он башумор меравад. Бинобар ин, барои муайян ва пешниҳод намудани мафҳуми "экстремизми рақамӣ" таҳлил ва коркарди доктриналии он зарур аст.

Пешрафти технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, аз як ҷониб, имкониятҳои нав барои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварҳои ҷаҳон фароҳам овард, аммо аз ҷониби дигар, заминаи мусоидро барои тавсеаи зуҳуроти хатарнок ба монанди экстремизми рақамӣ муҳайё сохт. Экстремизми рақамӣ дар замони муосир, аслан, ба як падидаи фаромиллӣ табдил ёфта, хосиятҳои анъанавии ифротгароиро бо имкониятҳои беинтиҳои интернетӣ муттаҳид менамояд. Таҳлили доктринаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ (ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятӣ ва ғ.), сиёсатшиносӣ, сотсиология нишон медиҳад, ки экстремизми рақамиро чунин таъриф диҳем: "Экстремизми рақамӣ шакли фаъолияти экстремистие мебошад, ки бо истифода аз абзорҳои рақамӣ – шабакаҳои иҷтимоӣ (Facebook), мессенҷерҳо (Telegram, Watsaap), платформаҳои видеоӣ (youtube.com) ва дигар василаҳои онлайнӣ – ба паҳнсозии андешаҳои радикалӣ, таблиғи зӯроварӣ ва ҷалби тарафдорони нав равона шудааст".

Ба гуфтаи И. Эвон, экстремистон шабакаҳои иҷтимоиро ҳамчун муҳити «босубот ва амн барои ифротишавии ҷавонон» ба таври васеъ истифода мебаранд, ки дар он идеологияҳои хатарнок бо забони оммафаҳм, гоҳе таҳти шиорҳои динӣ, сиёсӣ ё иҷтимоӣ паҳн мешавад [1, 278–286]. Ин муҳитро "босубот ва амн" номидани И. Эвон беҳуда нест, зеро: 1) шабакаҳои иҷтимоӣ назорати пурра надоранд; 2) шахсони ифротгаро метавонанд бо номҳои сохта, ва ба таври пинҳонӣ фаъолият кунанд; 3) экстремистон аз забони содда ва шиорҳои динӣ, сиёсӣ ё иҷтимоӣ истифода мебаранд, то эҳсосоти ҷавононро таҳрик диҳанд ва онҳоро барои содир намудани ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ моил созанд.

Албатта дар ҳар як ҷомеа нафароне (одатан ҷавонон) ҳастанд, ки дар ҳолати изтироб, ноумедӣ ё ҷустуҷӯи маънӣ қарор доранд, ва таблиғоти ифротӣ дар шабакаҳо ба ин эҳсосот таъсир мегузоранд. Идеологияҳои ифротӣ дар зоҳир ҳамчун ҷавоб ба мушкилоти иҷтимоӣ ё адолатталабӣ нишон дода мешаванд, дар ҳоле ки дар асл онҳо мардумро ба зӯроварӣ, нафрат ва ифротгароӣ роҳнамоӣ мекунанд.

Экстремизми рақамӣ дар шаклҳои гуногун зуҳур намуда, метавонад вобаста ба мақсад, восита ва гурӯҳи мақсадноки экстремистон тағйир ёбад. Дар зер баъзе шаклҳои асосии зуҳури экстремизми рақамӣ оварда мешаванд, ки дар муҳити интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ бештар ба мушоҳида мерасанд:

1. **Таблиғоти рақамии ифротӣ** - кирдори мазкур дар паҳн кардани аксҳо, наворҳо, навиштаҳо ва паёмҳо дар бораи идеологияҳои экстремистӣ бо истифода аз забони таъсирбахш ифода мегардад. Ин шакли зуҳурёбии экстремизми рақамӣ бештар дар шабакаҳои иҷтимоӣ (Facebook, Instagram, TikTok) ва платформаҳои видео (YouTube, Telegram) дида мешавад. Мақсади асосии ин шакли экстремизми рақамӣ ба таъсиргузорӣ ба эҳсосоти ҷавонон, «қаҳрамон» нишон додани шахсони радикалӣ, сохтани шинохти гуруҳӣ равона гардидааст. Масалан, дар платформаи видеоии YouTube мубаллиғону экстремистоне бо номҳои Муҷибураҳмони Ансорӣ, Абӯ Зоири Доӣ, Муҳаммад Маданӣ, Абӯ Убайдуллоҳи Мутаваккил, Абӯ Муҳаммад Хоблос, Зокир Найк, Мавлавӣ Фирӯз, Муҳаммадиқболи Садриддин ва ҳазорҳои дигар саҳифаҳоро аз номи худ ё ҳизбу

ҳаракатҳои фаъолияташон дар Тоҷикистон мамнуъ таъсис дода, шабу рӯз шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар давлатҳоро ба ифротгароӣ ҷалб менамоянд. Баъзе аз ин шабакаҳо то 200000 аъзо дорад ва кулли даъвату баромадҳои онҳо бо забони тоҷикӣ сурат мегирад. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ин 200000 ҳама шаҳрвандони Тоҷикистон ҳастанд ва ё забони тоҷикро медонанд;

2. **Ифротишавии маҷозӣ** – ин равандест, ки дар он шахс дар муҳити интернетӣ зина ба зина ба ақидаҳои ифротӣ рӯ меорад, то он даме ки омодаи амалиёти ифротгароёна шавад. Ин раванд метавонад моҳҳо ё солҳо тӯл кашад ва зери таъсири таблиғот, видеоҳо ва гуфтугӯҳои пинҳонӣ сурат гирад;

3. **Одамчидагирӣ (моилсозӣ).** Гурӯҳҳои ифротӣ бо истифода аз чатҳо, форумҳо ва платформаҳои бозӣ (мисли Discord, Steam) ба ҷавонон наздик мешаванд, бо онҳо мукотиба мекунанд ва онҳоро оҳиста ба гурӯҳҳои худ ҷалб мекунанд. “Ҷамоати Ансоруллоҳ”, “Гурӯҳи 24”, “Давлати исломӣ”, “Ҷабҳат ан Нусра”, “Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон”, “Паймони миллии Тоҷикистон” фаъолони чунин гуруҳҳои экстремистиву террористӣ мебошанд. Танҳо бо одамчидагирии ТЭТ “Давлати исломӣ” зиёда аз 2500 шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷангҳои Сурияву Ироқ ва Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ширкат кардаанд [3; 5; 6];

4. **Ташкили шабакаҳои пинҳонӣ.** Гуруҳҳои экстремистиву террористӣ аслан аз барномаҳои рамзгузоришуда (зашифрованный) (мисли Telegram, Signal) барои фаъолияти махфӣ, яъне муошırати дохилӣ, мубодилаи нақшаҳо ва ҳамоҳангсозии амалиёт истифода мебаранд. Ин гуна шабакаҳо аслан пӯшидаанд ва дастрасӣ ба онҳо танҳо пас аз «санҷиш» ё «эътимод» имконпазир аст. Масалан, дар давраи фаъолияташ, ДОИШ аз Telegram ба таври васеъ истифода мебурд, то ки аъзоёни худро дар кишварҳои мухталиф муттаҳид созад ва амалиётҳои террористиро ҳамоҳанг кунад. Telegram имкони эҷоди гурӯҳҳои дорои то 200,000 нафарро медиҳад ва дорои функсияҳои рамзгузории мустаҳкам аст [12]. Созмони Ал-Қоида аз Threema, ки дорои сатҳи баланди махфият ва анонимият аст, барои паҳн кардани таблиғот ва омодагии амалиётӣ истифода мебарад. Таҳқиқоти пас аз ҳамлаҳои террористии Париж соли 2015 ва Крокус Москва соли 2024 нишон доданд, ки гуруҳи ҳамлагарон барои муошират ва ҳамоҳангсозӣ аз WhatsApp ва Telegram истифода кардаанд [13]. Ташкили шабакаҳои пинҳонӣ ба гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ имкон медиҳад, ки бе хатари ошкоршавӣ фаъолият кунанд, иттилоотро мубодила намоянд ва амалиётҳои худро омода кунанд. Ин амалия бо истифодаи технологияҳои пешрафтаи рамзгузорӣ ва махфият, инчунин бо эҷоди шабакаҳои боварӣ ва санҷиш таъмин карда мешавад, ки назорат ва наздикшавӣ ба ин гурӯҳҳоро хеле душвор месозад.

5. **Ҳамлаҳои киберӣ бо ангезаи идеологӣ.** Баъзе гурӯҳҳои ифротӣ (масалан, ТЭТ Давлати исломӣ) ба ҳамлаҳои рақамӣ (DDoS, хакерӣ, вайрон кардани вебсайтҳо) даст мезананд, ки ин ҳамлаҳо метавонад ангезаҳои сиёсӣ, мазҳабӣ ё идеологӣ дошта бошанд. Ин амалҳо асосан алайҳи мақомоти давлатӣ, шабакаҳои низомӣ, ВАО ё шахсони дорои мавқеи иҷтимоии зиддиэкстремистӣ равона шаванд. Ҳамлаҳои киберӣ ба шабакаҳои низомӣ ва таҷҳизот метавонанд қобилияти мудофиавии кишварро, аз ҷумла коҳиш додани имкониятҳои алоқа, дахолат ба системаҳои идоракунӣ ва назоратро халалдор кунанд ва ҳатто қобилияти кории техникаи низомиро вайрон кунанд. Пешвои миллат дар ин самт таъкид намуданд, ки “барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон бояд тадбирҳои иловагӣ андешем. Бо беҳтарин шароити зиндагиву хизмат таъмин намудани хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, омода кардани кадрҳои баландихтисос, такмил додани дониши тахассусӣ ва сатҳи касбияти ҳайати шахсии ҷузъу томҳо, боз ҳам баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстиву ватанпарастии афсарону сарбозон аз қабили ин тадбирҳо мебошанд”. Тибқи маълумоти Хадамоти алоқа, ҳоло дар Тоҷикистон 8,3 миллион муштарии алоқаи мобилӣ фаъолият доранд, ки тақрибан 5,6 миллион нафари онҳо фаъол ҳисобида мешаванд. Шумораи

умумии истифодабарандагони интернет (ва мобилӣ ва кабелӣ) 4,5 миллион нафарро ташкил медиҳад. Омори мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки имконияти содиршавии киберҷиноятҳо тавассути шабакаи Интернет рӯ ба афзоиш дорад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аъзоёни Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон (Паём соли 2023) муроҷиат карда, таъкид намуданд, ки "... ҳамаи шуморо даъват менамоям, ки биёед, минбаъд низ якҷоя кору фаъолият намуда, кишвари худро ободу зебо созем, сатҳу сифати зиндагии халқамонро баланд бардорем ва обрӯи Ватани азизи худ – Тоҷикистони соҳибистиқлолро дар арсаи байналмилалӣ боз ҳам таҳкиму тақвият бахшем". Таъкиди Пешвои миллат маънои онро дорад, ки вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд сари вақт бо назардошти рушди босуръати муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ қонунҳои дахлдорро қабул намоянд, ки бо манфиатҳои миллии Тоҷикистон тавъам бошанд;

6. **Таҳқир ва тарсондани рақамӣ.** Фишор, таҳқир, таҳдид ва бадномсозии фаъолони ҷомеа, рӯзноманигорон, омӯзгорон ё ҳатто донишҷӯёне, ки бар зидди гурӯҳҳои ифротӣ мубориза мебаранд, яке аз амалҳои анъанавии гуруҳҳои экстремистиву террористӣ гаштааст. Ин амал аксаран тавассути паёмҳо, комментҳо ва номҳо фейкӣ сурат мегирад. Кибертаҳдид (ё шантажи маҷозӣ) як шакли фаъолияти ҷиноятӣ мебошад, ки дар он ҳамлагарон технологияи рақамӣ ва интернетро барои таҳдид, иръоб, тамаъҷӯӣ ё фишор ба ҷабрдидагон истифода мебаранд. Кибертаҳдид аксар вақт таҳдиди ифшои маълумоти ҳассос (вобаста ба ҳаёти шахсӣ), нашри маълумоти беобрӯкунанда ё ворид кардани тағйироти зараровар ба маълумотҳои рақамиро дар бар мегирад. Ин гуна ҳамлаҳо метавонанд ҳам ба шахсони алоҳида, ҳам ба ширкатҳо, ташкилотҳо ва ҳатто муассисаҳои давлатӣ равона карда шаванд. Хусусиятҳои асосии кибертаҳдидҳо инҳо буда метавонанд: а) таҳдиди ифшои иттилоот - кибертаҳдидкорон аксар вақт таҳдид мекунанд, ки агар талаботи онҳо иҷро нашавад, маълумоти махфӣ, шахсӣ ё беобрӯкунандаро ошкор мекунанд; б) тамаъҷӯии молиявӣ. Аксар вақт ба сифати иддао ҷуброни молиявӣ талаб карда мешавад. Кибертаҳдидчиён дар ивази ифшо накардан ё нест кардани маълумоти беобрӯкунанда пардохтро талаб мекунанд; в) ҳамлаҳо ба маълумоти шахсӣ. Кибертаҳдид метавонад таҳдидҳои ифшои шахсиро ба монанди аксҳо, видеоҳо, мукотиба ва дигар маълумоти ҳассосро дар бар гирад. Кибертаҳдид ба амнияти шахсӣ, обрӯ ва амнияти иттилоотӣ таҳдиди ҷиддӣ дорад. Мубориза бо ин намуди ҷинояткорӣ омӯзиши корбарон, истифодаи технологияҳои муосири киберамният ва ҳамкорӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқро дар бар мегирад;

Экстремизми рақамӣ амнияти миллиро зери хатар мегузорад, зеро дар сатҳи фардӣ ва иҷтимоӣ метавонад боиси амалҳои террористӣ гардад. Тавре ки Ҷ. Вайман зикр мекунад: «Интернет ба экстремистон на танҳо минбар, балки платформаи муташаккилсозии амалиётро фароҳам месозад. Ӯ дар китоби худ «Терроризм дар фазои маҷозӣ: насли оянда (Terrorism in Cyberspace: The Next Generation)» таҳлил менамояд, ки чӣ гуна созмонҳои террористӣ ба муҳити рақамӣ мутобиқ шудаанд ва аз сомонаҳо, шабакаҳои иҷтимоӣ ва шабакаҳои пинҳонӣ (Darknet) барои паҳн намудани идеологияи худ ва ҷалби ҷонибдорон истифода мебаранд. Ӯ таъкид мекунад, ки интернет барои экстремистон шаффофият, фарогирии глобалӣ ва арзиши пасти паҳн кардани маводҳоро таъмин менамояд, ки онро ба платформаи идеалӣ барои фаъолияти онҳо табдил медиҳад" [6].

Дар муҳити рақамӣ, маҳдудияти ҷуғрофӣ ва ҳуқуқӣ амалан аз байн меравад, ки ин, ба ақидаи Ҷ. Броун, «экстремизмро ба як шабакаи бидуни сарҳад табдил додааст» [2. 45 – 58]. Ин гуфтаи Ҷ. Броун таъкид мекунад, ки дар муҳити рақамӣ, маҳдудиятҳои ҷуғрофӣ ва ҳуқуқӣ амалан маънои худро гум мекунанд, ки ин ба паҳншавии босуръати идеологияҳои ифротӣ дар саросари ҷаҳон мусоидат мекунад. Ин ҳолат бо якчанд омилҳои муҳими зерин вобаста аст: а) аз байн рафтани сарҳадҳои ҷуғрофӣ – чи тавре аён аст, Интернет як шабакаи глобалие мебошад, ки ба истифодабарандагон имкон медиҳад

дар вақти воқеӣ бо шахсони дигар, новобаста аз макони будубоши онҳо, муошират кунанд. Ин боиси он мегардад, ки гуруҳҳои террористиву экстремистӣ метавонанд ба аудиторияҳои васеъ дастрасӣ пайдо кунанд, таблиғоти пешакӣ тарҳрезишудаи худро паҳн намоянд ва ҷонибдоронро аз гӯшаву канори ҷаҳон ҷалб кунанд. Масалан, гуруҳҳои экстремистӣ ба воситаи шабакҳои иҷтимоӣ, форумҳо ва каналҳои рамзгузоришуда ба осонӣ метавонанд тарафдорони худро пайдо кунанд; б) маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва амниятӣ – дар фазои рақамӣ, назорат ва таъқиби гурӯҳҳои экстремистӣ нисбат ба ҷаҳони воқеӣ хеле ва хеле душвортар аст. Бештаре аз ин гуруҳҳо аз технологияҳои рамзгузорӣ (шифрование) истифода мебаранд, ки муошироти онҳоро то андозае махфӣ нигоҳ медорад. Барномаҳо ба монанди Telegram ва WhatsApp имконият медиҳанд, ки паёмҳои шахсӣ бидуни хатари шиносоӣ ва таҳлил ирсол шаванд, ки ин ба кам шудани самаранокии тадбирҳои ҳуқуқӣ оварда мерасонад; в) суръатнок ва глобалӣ будани паҳншавӣ – Интернет имконият медиҳад, ки маводҳои экстремистӣ бо суръати баланд ва бо фарогирии ҷаҳонӣ паҳн шаванд. Ин маънои онро дорад, ки як паёми радикалӣ метавонад дар як муддати кӯтоҳ (як сония) ба ҳазорон нафар расад, ки ин равандро дар ҷаҳони воқеӣ амалӣ кардан ғайриимкон аст;

Ҳамин тавр, гуфтаи Ҷ. Броун ду масъалаи калидиро таъкид мекунад: аз як тараф, ин шабакаи бидуни сарҳад имкон медиҳад, ки идеологияҳои ифротӣ ба таври васеъ ва босуръат паҳн шаванд, ва аз тарафи дигар, он фазои муносиберо барои ҷалб ва таҳкими ҷонибдорон фароҳам меорад, ки муқобилияти анъанавиро мушкил мегардонад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2025 амали “Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025” ба анҷом мерасад ва боварӣ дорем, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи навро бо дарназардошти омилҳо ва сабабу шароитҳои нави содиршавии ин ҷиноятҳо, бахусус экстремизми рақамӣ, омода ва дар амал татбиқ менамояд [10]. Бо назардошти динамикаи нигаронкунандаи содиршавии ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ дар солҳои охир, таҳияи стратегияи нав бо такя ба таҳлили амиқи вазъи мавҷуда сурат гирифта, бояд на танҳо ба пешгирии ҷиноятҳои экстремистиву террористӣ, балки ба ҳалли амиқи омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва идеологӣ, ки сабаби густариши ифротгароӣ мегарданд, равона шавад. Барои Стратегияи нав ҷиҳати муқовимат бо экстремизми рақамӣ чунин тавсияҳо муҳим арзёбӣ хоҳанд гардид:

1. Нишон додани ташаббус ҷиҳати танзими ҳуқуқӣ ва ҳамкории нави сатҳи байналмилалӣ дар самти муқовимат ба экстремизми рақамӣ зарур аст, ки қонунгузории миллиро бо технологияи нав мутобиқ созем ва созишномаҳои нави байналмилалиро тақвият диҳем;

2. Дар заминаи эълон намудани солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ба баланд бардоштани саводнокии рақамии аҳолӣ диққати махсус дода шуда, барномаҳои давлатӣ қабул карда шавад. Дар раванди таълиму тарбия ва фаъолият дар ВАО, омӯхтани роҳҳои шинохт ва муқовимат бо таблиғоти ифротӣ муҳим арзёбӣ мегардад;

3. Истифодаи абзорҳои рақамӣ зидди экстремизм, яъне тавассути зеҳни сунъӣ ва таҳлилҳои криминологӣ дар назди мақомоти КДАМ, ВКД ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон алгоритмҳои ошкоркунандаи муҳтавои хатарнок, ки бо экстремизм, терроризм ва дигар ҷиноятҳо алоқаманданд, таҳия ва дар амал татбиқ карда шаванд;

4. Таҳқиқоти илмӣ ва омӯзиши криминологӣ дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва муқовимат ба экстремизму терроризм [4, 1 – 22]. Рушди самти криминологияи рақамӣ ва таҳлили равоншинохтии экстремистон дар муҳити маҷозӣ барои пешгирии ин зуҳурот аҳаммияти хоса дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷавобгарии ҷиноятӣ ва муқовимат ба экстремизму терроризм 2 рисолаи докторӣ ва зиёда аз 10 рисолаи номзадӣ ҳимоя гардидааст, вале аксарияти ин пешниҳодҳои илмӣ дар амалия татбиқи худро

наёфтаанд. Боварӣ дорем, ки таҳлили ин рисолаҳои илмӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳо метавонад дар пешгирии экстремизму терроризм самара диҳанд.

Дар умум, муқовимат ба экстремизм пеш аз ҳама аз илм вобаста аст, бахусус аз омилҳои зерин:

а) пешниҳодҳое, ки дар рисолаҳои илмӣ (докторӣ ва номзадӣ) доир ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва муқовимат ба экстремизму терроризм дар оянда таҳия мешаванд, бояд дар амал татбиқ карда шаванд. Барои ин зарур аст, ки байни муассисаҳои илмӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (КДАМ, ВКД) робитаи зич ба роҳ монда шавад, то ки натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар амалия васеъ истифода шаванд;

б) зарур аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррароти махсусро оид ба дастгирии таҳқиқоти илмӣ дар самти муқовимат ба экстремизм ва терроризм пешбинӣ намояд. Ин метавонад шакли грантҳо, дастгирии молиявӣ, озмунҳои илмӣ ва шароити мусоиди татбиқи натиҷаҳои илмиро дар бар гирад;

в) баргузории конфронсҳо ва симпозиумҳои байналмилалӣ дар самти криминологияи рақамӣ ва муқовимат ба экстремизму терроризм метавонад шароити мусоид барои табодули таҷриба, шиносоии усулҳои нави таҳқиқот ва таҳияи стратегияҳои муассирро фароҳам оварад. Ин гуна чорабиниҳо метавонанд бо ҷалби мутахассисони байналмилалӣ, намояндагони сохторҳои амниятӣ ва олимони соҳа баргузор шаванд;

г) барои самаранок ба роҳ мондани тадқиқоти илмӣ дар самти муқовимат ба экстремизму терроризм, зарур аст, ки дар назди КДАМ ва муассисаҳои илмӣ (Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Академияи ВКД, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва ғайра), ҳадди ақал, маркази миллӣ ва ё институти илмии таҳқиқоти криминологӣ таъсис дода шавад. Ин марказ бояд вазифаи таҳлили равандҳои ҷиноятҳои рақамӣ, омӯзиши тактика ва стратегияи экстремистон дар муҳити онлайн ва таҳияи тавсияҳои илмӣ барои пешгирии ифротгароиро ба ӯҳда дошта бошад.

д) барои баланд бардоштани сатҳи донишҳои кормандони мақомоти амниятӣ, прокурорҳо, судяҳо ва омӯзгорон зарур аст, ки курсҳои махсус оид ба криминологияи рақамӣ, равоншинохтии экстремистон ва тактикаҳои муқовимат ба таблиғоти ифротӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд. Ва ин гуна адабиёт бояд ба пояҳои сохти конститутсионӣ – давлатдории миллӣ мутобиқ карда шаванд [7; 15]. Яке аз бузургтарин самтҳои таъмини амнияти миллӣ дар мубоизаҳои иттилоотӣ зарурати ҳифз ва паҳн кардани донишҳои илмӣ аст. Дарки ҳодисаҳои мураккаби табиат, ҷамъият ва тафаккур дар шароити мафкураи тангу тори асримиёнагӣ ва тасаввуроти схоластикӣ ғайриимкон мебошад. Маҳз ба ҳамин мақсад зарур аст, ки китобҳои дарсӣ, адабиёти илмӣ, илмӣ – оммавӣ, тарбияи инсон, шаҳрванд ба талаботи меъёрҳои конститутсионии сохти давлатдорӣ пурра мувофиқ гардонида шавад [17, 214];

е) барои беҳтар намудани ҳамкорӣ байни олимон, кормандони амниятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, бояд платформаи махсуси рақамӣ таҳия шавад, ки дар он натиҷаҳои таҳқиқот, таҷрибаи байналмилалӣ ва тавсияҳои амалии пешгирии ифротгароӣ паҳн карда шаванд.

Ҳамин тавр, нақши илм дар муқовимат ба экстремизм аҳамияти хоса дошта, таҳқиқоти илмӣ дар самти омӯзиши сабабҳо, шароитҳо ва механизмҳои паҳншавии идеологияҳои ифротӣ имконият медиҳад, ки стратегияҳои муассир барои пешгирӣ ва мубоизаву муқовимат бо ин таҳдид таҳия шаванд. Илм дар ин раванд нақши дугона дорад: аз як тараф, он асоси назариявии омӯзиши экстремизмро таъмин мекунад ва аз тарафи дигар, механизмҳои амалӣ барои муқовиматро пешниҳод менамояд. Нахуст, илм имконият медиҳад, ки мафҳуми экстремизми рақамӣ ва дигар мафҳумҳои зарурӣ дақиқ муайян шаванд, шаклҳои зуҳури онҳо таҳлил гарданд ва нишондиҳандаҳои асосии онҳо муайян карда шаванд. уюм, илм нақши калидӣ дар таҳияи технологияҳои пешгирӣ ва шиносоии муҳтавои хатарнок дар муҳити рақамӣ дорад. Ин раванд бо истифода аз зеҳни

сунъӣ, системаҳои таҳлили калони додаҳо (Big Data) ва алгоритмҳои мураккаби таҳлилгарӣ амалӣ мегардад. Масалан, платформаҳо ба монанди Meta (Facebook, Instagram) ва YouTube аллакай системаҳои автоматии шиносоӣ ва ҳазфи муҳтавои ифротиро ба таври васеъ истифода мебаранд. Сеюм, илм метавонад ба таҳияи механизмҳои самараноки ҷалби ҷавонон ба равандҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ мусоидат кунад, ки эҳсоси бегонагӣ ва ноумедиро, ки аксар вақт сабаби ҷалби онҳо ба гуруҳҳои ифротӣ мегардад, коҳиш диҳад. Барномаҳои тарбиявӣ ва таълимӣ, ки ба баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамӣ, таҳкими тафаккури танқидӣ ва ташаккули арзишҳои инсонӣ равона шудаанд, метавонанд ҷилавгирӣ аз ифротишавии ҷавононро таъмин намоянд. Чаҳорум, таҳқиқоти илмӣ метавонанд ба таҳияи қонунгузории мукаммал ва стратегияи миллӣ барои муқовимат ба экстремизм мусоидат кунанд. Масалан, таҳқиқоти дар Тоҷикистон анҷомшуда, ки ба ҷиноятҳои экстремистӣ, механизмҳои ҷалби рақамӣ ва таблиғоти ифротӣ бахшида шудаанд, метавонанд заминаи таҳияи қонунҳои нав ва тадбирҳои амниятӣ гарданд. Ҳамин тавр, нақши илм дар муқовимат ба экстремизм аз таҳияи асосҳои назариявӣ, таҳқиқоти эмпирикӣ ва татбиқи технологияҳои муосир иборат буда, шароити мусоидро барои ҳифзи амнияти миллӣ ва байналмилалӣ фароҳам меорад.

Дар ин росто С.С. Ятимов дуруст менависад, ки система, структура ва функсияҳои таъмини амнияти давлатӣ ҳамон вақт метавонад вазифаҳои худро дар чаҳорчӯби қонунҳои амалкунанда муваффақона таъмин созад, ки ба илм, маърифат тавассути қатъиян ба инобат гирифтани қонуниятҳои тараққиёти ҷамъият ва тафаккури инсонӣ муносибат намояд [14].

5. Самаранок ба роҳ мондани таъмини ҳамкорӣ бо платформаҳои ҷаҳонӣ. Таъмини ҳамкорӣ бо платформаҳои ҷаҳонӣ, ба монанди Google, Meta (Facebook, Instagram, WhatsApp), TikTok, X (собиқ Twitter) ва монанди инҳо, яке аз роҳҳои калидии муқовимат ба экстремизми рақамӣ ба шумор меравад. Чунин ҳамкорӣ на танҳо муборизаву муқовимат бо таблиғоти ифротиро самараноктар мегардонад, балки барои ҳифзи амнияти миллӣ ва амнияти байналмилалӣ низ шароити мусоид фароҳам меорад. Бисёр кишварҳо, ба монанди Олмон (бо қонуни NetzDG - Немецкий закон против ненависти и травли в Интернете) ва Ҳиндустон, қонунан уҳдадор мекунанд, ки ширкатҳои технологӣ дар муҳлатҳои муайян маводи хатарнокро аз шабакаҳояшон ҳазф кунанд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули чунин як қонун амали саривақтӣ мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин ширкатҳо меморандумҳои ҳамкорӣ бояд ба имзо расонад, ки дар асоси онҳо платформаҳо муҳтавои хатарнокро бо тавсияи мақомоти давлатӣ баррасӣ кунанд ва онҳо барои кормандони сохторҳои амниятӣ курсҳои омӯзишӣ гузаронанд (масалан, чӣ гуна дархост барои ҳазф ё дарёфти маълумот фиристодан). Албатта дар дохили ҳар як платформа барномаҳои махсус бо истифода аз зеҳнӣ сунъӣ фаъолият мекунанд, то маводҳои эктремистиву террористӣ дар онҷо роҳ наёбад. Масалан, платформаи Meta (Facebook, Instagram) – дорои сиёсатҳои «Community Standards» ва гуруҳҳои хоси зидди “hate speech” ва ифротгароӣ мебошанд, YouTube (таҳти Google) – истифодаи зеҳни сунъиро барои шиносоӣ ва ҳазфи автоматии видеои ифротгароёна ба роҳ мондааст. Ҳарчанд платформаҳо кӯшиши зиёдеро дар мубориза ба экстремизму терроризм ба харҷ медиҳанд, вале ба сабаби ҳаҷми бузурги маълумот ва душвории забонҳо (масалан, тоҷикӣ ё дарӣ) имконияти назорати пурра маҳдуд боқӣ мемонад.

Хулоса. Муқовимат бо экстремизми рақамӣ як амали мураккаб, дарозмуддат ва бисёрсоҳа аст. Барои шинохт ва муқовимати муассир, бояд ҳар як шакли он таҳлил, мушаххас ва таҳти назорати касбӣ қарор гирад.

Таҳқиқоти анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки экстремизми рақамӣ дар замони муосир ба як падидаи хатарноки фаромиллӣ табдил ёфта, амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври ҷиддӣ зери хатар мегузорад. Пешрафти босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва афзоиши истифодабарандагони интернет дар кишвар шароити мусоидро

барои паҳншавии идеологияҳои ифротӣ, ифротишавии маҷозӣ ва ҷалби рақамии шаҳрвандон фароҳам овардааст.

Муқовимати муассир бо экстремизми рақамӣ бояд аз роҳи танзими ҳуқуқии фаъол, таълими саводнокии рақамӣ, таҳқиқоти илмии байнисоҳаӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ ва таҳлилҳои криминологӣ, ҳамчунин тавассути ҳамкорӣ бо платформаҳои ҷаҳонии рақамӣ ба роҳ монда шавад. Илова бар ин, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва рушди самти криминологияи рақамӣ метавонанд ба коҳиши хатари экстремизми рақамӣ ва таҳкими суботи миллӣ мусоидат намоянд.

**АДАБИЁТ:**


1. Awan I. (2016). Cyber-Extremism: ISIS and the Power of Social Media. Society, 53(3), 278–286
2. Brown J. Digital Radicalization: The Global Threat of Online Extremism. Global Security Review, 2020, 12(2), 45–58.
3. Farangis N. Life After Islamic State: Pardoned Tajik Militants Navigate Road To Reintegration. RFE/RL. - August 6, 2017.
4. Klausen J. Tweeting the Jihad: Social Media Networks of Western Foreign Fighters in Syria and Iraq. Studies in Conflict & Terrorism, 2015, 38(1), 1–22
5. Richard B. Beyond the Caliphate: Foreign Fighters and the Threat of Returnees. Soufan Center. - October 2017. - June 2018/
6. Weimann, G. Terrorism in Cyberspace: The Next Generation. Columbia University Press, 2015. 329 p.
7. Кудратов, Н.А. Некоторые вопросы влияние образования в предупреждении экстремизма // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – 2022. – № 3(42). – С. 313-325.
8. Кудратов, Н.А. Уголовно–правовая охрана основ конституционного строя и безопасности государства: проблемы доктрины, правоприменения и совершенствования законодательства: диссертация на соискание ученой степени доктора юридических наук. – Душанбе, 2021. – 539 с.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба экстремизм”. Аз 2 январи соли 2020, № 1655
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/36370 (санаи мурoҷиат: 04.05.2025).
11. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025
12. Телеграм заблокировал 78 каналов, связанных с ИГИЛ [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.tatar-inform.ru/news/telegram-zablokiroval-78-kanalov-svyazannyh-s-igil (санаи мурoҷиат: 04.05.2025).
13. Телеграм. Роскомнадзор заблокировал 11 Telegram-каналов после теракта в «Крокусе» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.kommersant.ru/doc/6596494 (санаи мурoҷиат: 04.05.2025).
14. Ятимов С.С. Илм ва амният // Международные отношения и безопасность. – 2022. – №. 1(1). – С. 9-23.
15. Ятимов С.С. Дунявият ва амният // Международные отношения и безопасность. – 2022. – №. 2(2). – С. 18-36.
16. Ятимов С.С. Эҳёи миллат - бақои давлат // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. – 2024. – №. 4(88). – С. 14-33.
17. Ятимов С.С., Холиқов Ф.А. Амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои асосии таъмини он // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №. 3(52). – С. 204-216.

# АСОСҲОИ ТАКТИКАИ ИСТИФОДАБАРИИ ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКӢ-КРИМИНАЛИСТӢ ДАР ОШКОР ВА ТАФТИШИ ҶИНОЯТҲО

**АБДАЛИЕВ А.А.**
*Магистранти курси дуюми факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои мубрами истифодабарии воситаҳои техникӣ-криминалистӣ дар раванди ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Қайд мегардад, ки самаранокии тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ аз интихоби дурусти тактикаи татбиқи воситаҳои криминалистӣ вобастагӣ дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *тактикаи амалҳои тафтишӣ, техникаи криминалистӣ, воситаҳои техникӣ-криминалистӣ, усулҳои тактикӣ, амалҳои тафтишӣ.*

# ОСНОВЫ ТАКТИКИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ТЕХНИКО-КРИМИНАЛИСТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ В РАСКРЫТИИ И РАССЛЕДОВАНИИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ

**АБДАЛИЕВ А.А.**
*Магситрант второго курса юридического факультета Таджикского национального университета*

*В данной статье рассматриваются актуальные вопросы использования технико-криминалистических средств в процессе раскрытия и расследования преступлений. Отмечается, что эффективность расследования уголовных дел зависит от правильного выбора тактики применения криминалистических средств.*

***Ключевые слова:*** *тактика следственных действий, криминалистическая техника, технико-криминалистические средства, тактические приёмы, следственные действия.*

# THE BASIS OF TACTICS OF USING TECHNICAL AND CRIMINALISTIC TOOLS IN SOLVING AND INVESTIGATING CRIMES

**ABDALIEV A.A.**
*Master deegre of the second course in the Faculty of Law, Tajik National University*

*This article examines the current issues of using technical and criminalistics tools in the process of disclosing and investigating crimes. It is noted that the effectiveness of criminalistic investigations depends on the correct choise of tactics at using criminalistic tools.*

**Keywords:** *investigative tactics, criminalistic technology, technical – chimenaeistie means technigues,tactical metods, investigative actions.*

Масъалаи таъмини босамари гузаронидани амалҳои тафтишӣ то имрӯз масъалаи ҳалталаб буд ва боқӣ мемонад. Чи тавре, ки олимони зиёд қайд менамоянд, ҳалли ин мушкилот аз интихоби босамари маҷмуи амалҳои тафтишӣ иборат мебошад, ки дар ҳалли вазифаҳои мурофиаи ҷиноятӣ ва баррасии низомноки тактикаи гузаронидани амалҳои тафтишии алоҳида нақши муҳим дорад [3, 5, 7, 9].

Барои баланд бардоштани самаранокии амалҳои тафтишӣ таҳқиқи назариявии мушкилоти мавҷуда лозим аст. Самаранокии амалҳои тафтишӣ аз интихоби дурусти тактикаи гузаронидани амалҳои тафтишӣ, инчунин аз маҳорат ва имконияти истифодабарии дурусти воситаҳои муайяни техникӣ-криминалистӣ вобастагӣ дорад. С.П. Митричев дуруст қайд мекунад, ки дар адабиёти криминалистӣ ва мурофиавӣ ба масъалаи «тактикаи гузаронидани амалҳои тафтишӣ, ки ба монанди техникаи криминалистӣ сифат ва сатҳи илмии тафтиши ҷиноятҳоро муайян мекунад» кам аҳамият дода шудааст [6, 14].

Дар баробари ин, бояд қайд намуд, ки ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ муфаттишон дар интихоби тактикаи гузаронидани онҳо ва истифодабарии воситаҳои техникӣ-криминалистӣ ба иштибоҳ роҳ медиҳанд.

Чи тавре, ки И.П. Кочнева ба тадқиқотҳои эмперикии гузаронидаи худ такя намуда қайд мекунад, муфаттишон ба иштибоҳ бо сабаби камтарҷрибагӣ ё хунукназарӣ роҳ

медиҳанд [4, 123]. Дар натиҷа, ин хатогиҳо дар ҷустуҷӯ ва ошкор намудани маълумоти исботкунанда ва дигар маълумоти барои парванда аҳамиятнок мушкилиҳо эҷод менамояд. Дар ин бобат ба андешаи С.А.Шейфер, ки мегуяд дар натиҷаи гузаронидани амалҳои нодуруст интихобгардида зарари секарата расонида мешавад: кори нодаркор анҷом дода мешавад, имконияти гирифтан ва мустаҳкамкунии маълумотҳои воқеӣ ба таври қатъӣ мушкил ё пурра аз даст дода мешавад, ҳуқуқҳои шаҳрвандон беасос маҳдуд карда мешаванд [10, 44], розӣ шудан мумкин аст.

Мувофиқан, ҷиҳати рафъи иштибоҳҳои болозикр барои гузаронидани амалҳои тафтишӣ омодагии ҷиддӣ дидан лозим аст. Батафсил маълумотро оиди дар куҷо ва чӣ гуна пайҳои ҷиноят бояд пайдо карда шаванд, таҳлил карда, дарк намудан лозим аст, ки вобаста ба ҷинояти содиршуда кадом воситаҳои техникӣ-криминалистиро ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ барои ошкор ва гирифтани пайҳои ҷиноят мебоист истифода бурд. Бинобар гуфтаҳои боло, зарурати истифодабарии маҷмуии усулҳои тактикӣ ва техникӣ-криминалистӣ аз ҷониби муфаттиш ва дигар субъектон ба вуҷуд меояд.

Вақтҳои охир дар криминалистика таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои истифодабарии танҳо усулҳои тактикӣ-криминалистии сатҳи гуногун зоҳир карда мешавад ва айни замон зарурати ба ин номгӯй ворид намудани тактикаи истифодабарии воситаҳои техникӣ-криминалистӣ ё воситаҳои тактикӣ-техникӣ ба вуҷуд омадааст [4, 109].

Масъалаҳои истифодабарии тактикии воситаҳои техникӣ-криминалистӣ дар адабиёти илмӣ кам тадқиқ шудаанд. Аз ҳама бештар амалҳои тафтишии маъмул, ки ҳангоми гузаронидани онҳо воситаҳои техникӣ-криминалистӣ истифода мешаванд, ин азназаргузаронии ҷои ҳодиса, кофтуков, ёфта гирифтан ва қисман озмоиши тафтишӣ мебошанд. Дар рафти гузаронидани онҳо дарки табии предмет ва объектҳои бевосита ба парванда аҳамиятнок ба вуҷуд меояд. Бояд қайд намуд, ки интихоби амалҳои тафтишӣ, пайдарҳамӣ, тактикаи гузаронидани онҳо, усулҳои воситаҳои техникӣ-криминалистӣ ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ ва номгӯйи субъектҳои дар он иштироккунанда аз вазъияти раванди тафтиши ҷиноятҳо вобаста аст. Барои он, ки амали субъектони ба ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо нигаронидашуда, мақсаднок ва босамар бошанд, баҳои ҳаматарафа ва объективӣ ба ҳодисаҳои рухдода ва натиҷаҳои онҳо, додан лозим аст.

Барои гузаронидани тадқиқоти пешакӣ дар ҷои ҳодиса асбобҳои гуногун, дастгоҳҳо, механизмҳо, олотҳо, реактивҳои кимиёвӣ, маводҳо, ки ба воситаҳои техникаи криминалистии "саҳроӣ" дохил мешаванд, истифода мегарданд. Ин асбобҳои оптикӣ ва электронӣ, сарчашмаҳои нурҳои ноаён, техникаи кофтуковӣ, маҷмуи экспресс-таҳлилҳо мебошанд [4, 110].

Мо бо ақидаи Д.А. Турчин ва И.С. Чижиков [8, 185] дар бобати он, ки интихоби воситаҳои техникӣ ва усулҳои тактикии истифодабарии он аз намуди ҷиноят, ки оид ба он ҳаракатҳои тафтишотӣ гузаронида мешаванд, вобастагӣ дорад, ҳамфикр ҳастем [4, 215].

Дар 20 соли охир ҳангоми азназаргузаронии ҷойи ҳодиса ва дигар амалҳои тафтишӣ маҷмуи воситаҳои техникӣ-криминалистии сайёр истифода бурда мешаванд. Истифодабарии онҳо дар ҷои ҳодиса асосан ба ҷустуҷӯ, сабт ва гирифтани пайҳои трасологӣ лозим аст. Барои сабт ва тадқиқи пайҳои дигар истифодабарии дигар воситаҳои болозикр зарур мебошанд [4, 109].

Пеш аз шуруъ намудан ба амалҳои тафтишӣ шахси мансабдор уҳдадор аст, ҳамон амалҳои тафтиширо вобаста ба зарурияти истифодабарии воситаҳои техникӣ ба нақша гирад, ки гум шудани ҳаҷми маълумоти заруриро истисно мекунанд. Бисёр олимон ба чорабиниҳои аввалиндараҷаи омодагӣ ба азназаргузаронии ҷои ҳодиса ва дигар амалҳои тафтишӣ санҷиши пурракунии воситаҳои техникӣ-криминалистии ҷомадони тафтишӣ ва даъвати мутахассисро дохил кардаанд [2, 165 – 168].

Қонуниятҳои ҷойгиршавӣ ва тартиби объектҳо (предметҳо, маълумотҳо), ки далелҳои шайъӣ мебошанд, интихоби воситаҳои техникӣ-криминалистиро барои истифодабарӣ дар гузаронидани амалҳои тафтишӣ тибқи хусусиятҳои ҷинояти

содиршуда тавсиф мекунанд. Шарти тахассусӣ ва босамари пешгӯикунии техникӣ-криминалистӣ ин мавҷуд будани маълумоти пурра оид ба ҷои гузаронидани амали тафтишӣ, андоза ва сарҳади истифодабарии воситаҳои техникӣ-криминалистии ҷустуҷӯ, ошкор, тадқиқ, сабт, инчунин мавҷуд будани аломатҳо ва меъёрҳои ҷустуҷӯии объектҳои эҳтимолӣ мебошад. Зери мафҳуми аломатҳои ҷустуҷӯӣ омилҳое, ки ба мавҷудияти ин ё он объект ё эҳтимолияти пайдо намудани онҳо дар ҷойи муайяншуда ишора мекунанд, фаҳмида мешавад. Зери мафҳуми меъёри криминалистии ҷустуҷӯӣ бошад омилҳое, ки бевосита ё бавосита ба эҳтимолияти бозёфти объектҳои гуногун дар ин ё он шароит ишора мекунанд, фаҳмида мешавад [1, 13].

Ҳангоми гузаронидани амалҳои тафтишӣ як қатор саволҳои заруриро барои таҳлили пешакӣ қабл аз қабули қарор оид ба истифодабарии ин ё он воситаи техникӣ-криминалистӣ мухтасар ифода кардан мумкин аст:

1. Санаи содиршавии ҷиноят ва мундариҷаи кӯтоҳи парванда.
2. Кӣ (айбдоршаванда, гумонбаршаванда, шоҳид) оид ба ҳолати ҷиноят нишондод медиҳад?
3. Маҳз кадом нишондодро айбдоршаванда (гумонбаршуда, шоҳид) медиҳад?
4. а) тарзи содиркунии ҷиноят, мухтасар;
5. б) тарзҳои эҳтимолии пинҳонкунии объект (предмет, маълумот), ки аҳамияти исботкунӣ дорад;
6. в) фарзияҳо оид ба хусусиятҳои физикии объект (предмет), ки аҳамияти исботкунӣ дорад (оҳанӣ, биологӣ, электронӣ ва ғ.);
7. 4) Кадом амалҳои тафтишии мушаххас оид ба санҷиши нишондоди айбдоршаванда (гумонбаршуда, шоҳид) гузаронида шудааст ва кай? Чӣ натиҷа додааст?
8. Маҳалли эҳтимолии кофтуков. Бо ҷойи ҳодиса мувофиқат мекунад (тавсифи мушаххас):

   а) сарҳади маҳалли кофтуков;

   б) хусусияти маҳалли кофтуков (бино ё иншоот, маҳалли кушод, обанбор ва ғ.).

Агар маҳалли ҷустуҷӯ бино ё иншоот бошад, пеш аз оғози он сохти бино ва ҳудуде, ки онро иҳота кардааст, омӯхта мешавад. Хуб мешуд агар ҳуҷҷатҳои сохти бино бо нақшаҳои шабакаҳои барқӣ, канализатсия, партовгоҳҳо, лифтҳо, гармидиҳӣ, алоқа ва сӯхторхомӯшкунӣ ва агар имкон бошад навори камераҳои назоратӣ ба даст оварда шаванд. Маводҳое, ки аз онҳо фарш ва девор сохта шудаанд, технологияҳои ороиши ҳуҷраҳо омӯхта мешаванд. Соли сохта шудани бино, эҳтимолияти дигаргунсозии ва таъмири он аниқ карда мешаванд. Агар ҳуҷҷатҳо мавҷуд набошанд, кормандони ташкилотҳои нигоҳдории бино ва истиқоматкунандагон пурсида мешаванд ва баъд аз он нақшаи бино (бо ченкунии ҳуҷраҳои бино) тартиб дода мешавад. Агар маҳалли кофтуков ё азназаргузаронӣ кушод бошад, оид ба релеф ва навъҳои хок, эҳтимолияти олудашавии маҳалли кофтуков бо партовҳои маишӣ, хусусияти партовҳо (мавҷудияти металлҳои сиёҳ ва ранга, партовҳои кимиёӣ ё биологӣ ва ғ.) омӯхта мешаванд, донистани коммуникатсияҳои зеризаминӣ дар маҳалли кофтуков (кабелҳои барқӣ ва телефонӣ, қубурҳо ва ғ.) шабакаҳои баландшиддати барқӣ зарур аст. Чи тавре, ки дар боло қайд кардем оид ба сарҳади маҳалли ҷустуҷӯ тасаввуроти дақиқ доштан лозим аст. Вобаста ба обанборҳо муфаттиш бояд донад: ҳаҷми он, чуқурии эҳтимолӣ дар маҳалли ҷустуҷӯ, мавҷудияти олудашавӣ бо партовҳои саноатӣ ва маишӣ, суръати ҷараёни об, хусусияти қаъри об (хок, лоиқа, гил, санг ва ғ.), хусусияти соҳилҳо ва имконияти роҳҳои наздикшавӣ ба об.

Баъд аз дақиқ кардани ҷойи гузаронидан ва объекти ҷустуҷӯ воситаҳои техникӣ-криминалистии зарурӣ интихоб карда мешаванд ва худи амали тафтишӣ гузаронида мешавад.

Дар байни объектҳои ҷустуҷӯ микрозарраҳо ва микрообъектҳое, ки дар либос ва ҷисми ҷабрдидагон, ҷинояткорон дар ҷойи ҳодиса ошкор карда мешаванд, аҳамияти муҳим доранд. Аммо дар таҷриба субъектони тафтишот на ҳама вақт муҳимияти чунин

пайҳоро дарк мекунанд, ки тадқиқи микрозарраҳо дар ошкор кардани ҷиноят ёрӣ мерасонанд [4, 187].

Ҳангоми гузаронидани шаҳодаткунонӣ (яке аз амалҳои тафтишии асосӣ оид ба ҷамъоварии маълумоти моддии аз ҷиҳати криминалистӣ муҳим, чуноне, ки Ю.Г. Торбин одилона ишора намудааст) бе истифодабарии воситаҳои техникӣ-криминалистӣ ошкор намудани пайҳо, микрозарраҳо, наххо, муйҳо, пошидани хун, заррахои хок, ранг, гарди растаниҳо, заррахои борут, маводҳои тарканда, маводи мухаддир, инчунин аломатҳои махсус, зарари ҷисмонӣ, маълум кардани ҳолати мастӣ, муайян кардани дигар сифатҳо ва аломатҳо ғайриимкон аст [8, 187].

Тағйиротҳои моддие, ки дар ҷисми инсон мавҷуданд, ба воситаи муоинаи бадан дар ҷойи ба қадри кифоя равшан ошкор карда мешаванд. Дар ин маврид истифодабарии сарчашмаҳое, ки нурҳои баланди равшанидиҳанда доранд, муҳим аст. Онҳо имконияти бавуҷудоии нурҳои рангорангро, ки ба ошкор намудани пайҳои мавҷуда ва дигар тағйиротҳои моддӣ халал ворид месозанд, ғайриимкон мегардонанд. Ҳангоми ҷустуҷӯи пайҳои сатҳӣ ва микрозарраҳо истифодабарии асбобҳои оптикӣ, аз ҷумла пурбинҳо (лупа) ва сарчашмаҳои афканишоти ултрабунафш таъсири мусбӣ мерасонанд [4, 181].

Дар қатори нурҳои ултрабунафш, барои ошкор кардани пайҳои ҷиноят дар бадани шахси муоинашаванда нурҳои инфрасурхро истифода бурдан мумкин аст. Онҳо ба рангҳои топографӣ ворид намешаванд. Ин сифати нурҳои инфрасурх ба ошкор намудани пайҳое, ки бо моддаҳои рангкунанда пӯшонида шудаанд, мусоидат мекунад.

Мақсади истифодабарии воситаҳои техникӣ-криминалистиро нишонаҳои фарққунандаи он шумоӣридан лозим аст, ки расидан ба он танҳо бо кор карда баромадани методикаи истифодабарии воситаҳои техникӣ-криминалистӣ мумкин аст. Дар адабиёти махсус як навъ тавсияҳо ва асосҳои методии истифодабарӣ қайд карда шудааст.

Самарабахшии амалҳои тафтишӣ аз воситаҳои техникӣ, ташкилӣ ва иттилоотие, ки дар ихтиёри муфаттиш қарор доранд, аз сатҳи касбӣ, инчунин донишҳои махсус ва таҷрибаи муфаттиш, маҳорати ӯ оид ба истифодабарии таҷрибаҳои мушоҳидавӣ ва тавсияҳои илмӣ, қобилияти баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти худ вобастагии калон дорад.

Хулоса, таъмини босамар гузаронидани амалҳои тафтишӣ аз интихоби дурусти маҷмуи амалҳои тафтишӣ, тактикаи гузаронидани онҳо ва истифодабарии воситаҳои техникӣ-криминалистӣ, пайдарҳамии гузаронидани онҳо, инчунин восита ва усулҳои техникӣ-криминалистӣ, ки дар амалҳои тафтишӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд, рӯйхати субъектҳои дар онҳо иштироккунанда ва аз вазъияти татфишотӣ вобаста аст. Пеш аз шуруъ намудан ба амалҳои тафтишӣ муфаттиш (таҳқиқбаранда) уҳдадор аст, ба вазъияти тафтишӣ, вазъияти ҷои ҳодиса, навъи ҷиноят таваҷҷӯҳи махсус зоҳир намуда, ҳамон амалҳои тафтиширо вобаста ба зарурияти истифодабарии воситаҳои техникӣ ба нақша гирад, ки гум шудани ҳаҷми маълумоти заруриро истисно мекунанд. Барои мақсаднок ва самарабахш гардонидани фаъолияти субъектҳое, ки ба ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо равона шудаанд, ба воқеаҳои рӯйдиҳанда ва натиҷаи онҳо баҳои объективӣ ва ҳаматарафа додан лозим аст.

## АДАБИЁТ:


1. Баев О.Я Тактика следственных действий М.: Юрлитинформ, 2013. 456 с.
2. Еникеев, М.И., Образцов В.А. Следственные действия: психология, тактика, технология. М.: Проспект, 2011. 216 с.
3. Казинян Г.С., Соловьев А.Б. Проблемы эффективности следственных действий. Ереван: Изд. Ереванского университета, 1987. 216 с.
4. Кочнева И.П. Технико-криминалистическое обеспечение производства следственных действий: диссертация канд. юрид. наук. М., 2010. 215 с.
5. Мерецкий Н.Е., Прутовых В.В. Тактические приемы осмотра трупа на месте его обнаружения: учеб. пособ. Хабаровск: ДВЮИ МВД России, 2004. 176 с.

6. Митричев С.П. Следственная тактика – это мастерство // Соц. законность. 1971. № 4.
7. Соловьев А.Б. Система следственных действий как средство уголовно-процессуального доказывания (проблемы уголовного процесса и криминалистики): науч.-метод. пособ. М.: Юрлитинформ, 2006. 216 с.
8. Торбин Ю.Г. Освидетельствование как способ собирания доказательств на стадии предварительного расследования: науч.-практич. пособ. М: Юрлитин-форм, 2005. 232 с.
9. Турчин Д.А., Чижиков И.С. Полевая криминалистика и ее практическое применение: науч.-практич.пособ. / под ред. проф. Е.П. Ищенко. М.: Юрлитинформ, 2006. 144 с.
10. Шейфер С.А. Следственные действия. Основания, процессуальный порядок и доказательственное значение.М.:Юрлитинформ, 2004. 192 с.

# ТАҲҚИҚОТИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ДУЗДӢ

**КАРИМЗОДА А.А.**
*Унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминалистика ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.*

*Мақола ба таҳлили мафҳуми дуздӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шудааст. Моҳияти ҳуқуқии дуздӣ, хусусиятҳо ва таснифоти он вобаста ба ҳолатҳои гуногун баррасӣ карда мешаванд. Тамоюлҳои амалияи судӣ ва танзими ҳуқуқии ин ҷиноят низ баррасӣ мегарданд. Дар мақола на танҳо ҷанбаҳои назариявии мафҳуми дуздӣ, балки аҳамияти амалии дурусти он барои амалияи татбиқи ҳуқуқ низ баррасӣ карда мешавад.*

**Калидвожаҳо:** *дуздӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҷиноят, моҳияти ҳуқуқӣ, аломатҳои дуздӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, амалияи судӣ, низоми ҳуқуқӣ.*

# УГОЛОВНО-ПРАВОВЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ПОНЯТИЯ И ОСОБЕННОСТЕЙ КРАЖИ

**КАРИМЗОДА А.А.**
*Соискатель кафедры уголовного права, криминалистики и противодействия коррупции юридического факультета Государственного университета права, бизнеса и политики Таджикистана*

*Статья посвящена анализу понятия кражи в уголовном праве. Рассматривается юридическая природа кражи, ее основные признаки и классификации в зависимости от различных обстоятельств. Обсуждаются также тенденции в судебной практике и правовом регулировании, касающиеся данного преступления. В статье рассматриваются не только теоретические аспекты понятия кражи, но и практическое значение ее правильной квалификации для правоприменительной практики.*

**Ключевые слова:** *кража, уголовное право, преступление, юридическая природа, признаки кражи, уголовная ответственность, судебная практика, правовая система.*

# CRIMINAL AND LEGAL LNVESTIGATION THE CONCEPTS AND FEATURES OF STEALING

**KARIMZODA A.A.**
*Applicant of department of criminal law, criminalistics and counteraction with corruption of the fauclty of law of the state Uniwersity of law, business and policy of Tajikistan*

*The article is devoted to the analysis of the concept of stealing in criminal law. The legal nature of theft, its main features and classifications depending on various circumstances are considered. Trends in judicial practice and legal regulation concerning this crime are also discussed. The article considers not only the theoretical aspects of the concept of theft, but also the practical significance of its correct qualification for law enforcement practice.*

**Keywords:** *theft, criminal law, crime, legal nature, features of theft, criminal liability, judicial practice, legal system.*

Мафҳуми дуздӣ, дар назари аввал, баҳснок ба назар намерасад. Қонунгузор онро ҳамчун «тасарруфи ниҳонии молу мулки ғайр» муайян кардааст (қ.1, м. 244 КҶ ҶТ). Аммо, таҳлили муфассали ин таърифи мухтасар ва унсурҳои алоҳидаи таркиби ин кирдори барои ҷамъият хавфнок, як қатор масъалаҳои баҳсталабро ба вуҷуд меорад.

Тавре ба назар мерасад, мафҳуми «ниҳонӣ»-и содиршавии ҷинояти мавриди назар баҳсҳои камтаринро ба вуҷуд меорад. Тасарруф ниҳонӣ содиршуда эътироф мегардад, вақте он ҳангоми ҳузур надоштани ҷабрдида ва шахсони бегона анҷом дода мешавад. Шахсе, ки ҷинояти дуздиро содир мекунад, амали худро ниҳонӣ, яъне бе огоҳӣ ва хилофи иродаи молик ё соҳиби молу мулк, бо тарзе анҷом медиҳад, ки барои шахсе, ки молу мулк таҳти ихтиёр ё ҳимояи онҳо қарор дорад, инчунин барои шахсони сеюм номаълум

мемонад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ дуруст қайд карда мешавад, ки дуздӣ метавонад ҳатто дар ҳузури ҷабрдида, аммо ба таври номаълум ба амал ояд (масалан, кисабурӣ) [11, 336]. Ғайр аз ин, тасарруфи молу мулк аз шахси хобида, маст ё шахсе, ки бинобар хурдсолӣ, бемории рӯҳӣ ё дигар ҳолати беморие қодир нест хусусияти ҷинояткоронаи кирдори гунаҳгорро дарк намояд, ҳамчун дуздӣ ҳисобида мешавад [5, 16].

Дуздӣ метавонад ҳатто дар ҳузури шахсони бегона, ки моҳияти воқеаро дарк намекунанд, содир карда шавад: масалан, вақте ки гунаҳгор дар атрофиён тасаввуротеро эҷод мекунад, ки ҳаракати ӯ қонунӣ мебошад. Ҳамзамон, ҷинояти мазкур хусусияти ниҳонии худро аз даст намедиҳад, агар гунаҳгор дар пеши назари хешовандон, шиносон ё ҳамкорон амал намояд ва умедвор ба ризоияти хомӯшона ё беэътиноии онҳо бошад.

Минбаъд саволе ба миён меояд, ки зери мафҳуми «молу мулки ғайр» чӣ бояд фаҳмид. Дар эзоҳи моддаи 244 КҶ ҶТ қайд шудааст, ки «таҳти мафҳуми тасарруф дар моддаҳои Кодекси мазкур ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон дар назар дошта шудааст». Аммо, тавре ки мебинем, худи мафҳуми «ғайриқонунӣ» шарҳ дода нашудааст, эҳтимолан қонунгузор онро барои фаҳмиш ошкор ва возеҳ меҳисобад.

Комилан равшан аст, ки дар ин масъала муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ба миён меоянд, ки дар шароити муайян метавонанд ба муносибатҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ табдил ёбанд. Баррасии муфассали таносуби муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ва ҷиноятӣ мавзуи таҳқиқоти махсус буда, берун аз доираи таҳқиқоти мо қарор мегирад. Бинобар ин, мо танҳо бо чанд мулоҳиза маҳдуд мешавем. Дар ҳолати мазкур, ба назари мо, диққати аввалиндараҷа ба меъёрӣ ғайриқонунӣ будани ба таври ниҳонӣ ситонидани молу мулк дода шавад.

Қобили зикр аст, ки дар адабиёти ҳуқуқӣ ва таҷрибаи судӣ анъанавӣ эътироф мегардад, ки гирифтани моликияти баҳсӣ ё моликияте, ки шахси тасарруфкунанда гумон мекунад, ҳарчанд иштибоҳан бошад ҳам, ки ба он моликият ҳақ дорад, таркиби тасарруфро ташкил намедиҳад, аммо метавонад ба ҷавобгарӣ барои худсарӣ ё ҷиноятҳои дигар боис гардад [16, 167]. Дар ин робита, нуқтаи назари ҷолибе вуҷуд дорад, ки мувофиқи он, гирифтани моликияти шахсӣ, ки ба он шахсони сеюм низ ҳуқуқ доранд, ҳамчун тасарруф эътироф намегардад, балки асос барои ҷавобгарии ҷиноятӣ, масалан барои худсарӣ мебошад [9, 66].

Чунин андешаро идома дода, метавон гуфт, ки инчунин дар ҳолатҳое, ки шахс молу мулкеро, ки ба ӯ дар асоси ҳуқуқи моликияти муштараки якҷоя тааллуқ дорад, мегирад, низ тасарруф мавҷуд нест. Аз ин рӯй, таҷрибаи судӣ, ки бо ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дуздии моликияти дастаҷамъӣ аз тарафи яке аз аъзои он алоқаманд буд, баҳснок ба назар мерасад. Дар чунин ҳолат мо бо вазъе дучор меоем, ки худи соҳибмулк ашёҳои муайянро аз моликияти умумии муштарак мегирад. Чунин кирдорҳо, ба андешаи мо, таркиби ҷинояти дуздиро ташкил намедиҳанд, балки метавонанд асос барои ҷавобгарии ҷиноятӣ нибати дигар ҷиноятҳо бошанд, агар ба моликияти умумии муштарак зарари ҷиддӣ расонида шавад.

Ҳамин тариқ, зери мафҳуми «молу мулки ғайр», ки предмети дуздиро ташкил медиҳад, бояд молу мулкеро фаҳмид, ки дар асоси ҳуқуқи моликият (аз ҷумла ҳуқуқи моликияти умумии муштарак ё ҳиссавӣ) ба шахси гунаҳгор тааллуқ надорад.

Масъалаи боз ҳам бештар баҳснок, предмети тасарруф ҳангоми дуздӣ мебошад. Масалан, В.Н. Литовченко менависад: «Предмети тасарруф — молу мулке аст, ки барои тайёр кардан, истеҳсол, истихроҷ ё парвариши он меҳнати инсонӣ сарф шудааст. Ҳар як ашё на танҳо арзиши пулӣ, балки арзиши истеъмолӣ ва фоиданокӣ дорад... Вале арзиши истеъмолӣ мафҳуми тағйирёбанда мебошад ва меъёри муайянкунии зарар метавонад танҳо меъёрӣ объективӣ, яъне арзиши он бошад» [13, 9].

М.А. Гелфер қайд мекунад, ки предмети тасарруф метавонад ҳар гуна ашёе бошад, ки дорои арзиши муайяни моддӣ буда, мутобиқи хусусиятҳои объективии худ барои қонеъ кардани талаботи моддӣ ё фарҳангӣ истифода шавад [7, 11].

Г.Н. Борзенков мафҳуми умумии дуздиро нисбат ба моликияти шахсӣ ҳамчун гирифтани молу мулк аз ихтиёрдории ҷабрдида ва табдил додани он ба моликияти худ ё ихтиёрдорӣ намудан ба чунин молу мулк ҳамчун моликияти “худ” муайян намудааст [3, 20].

Чунин таърифҳо солҳои 1980-ум дар асарҳои як қатор муаллифони дигар низ дучор меомаданд [2]. Аммо дар миёнаи солҳои 1990-ум худи Г.Н. Борзенков мақолаеро нашр намуд, ки ба мушкилоти ҷиноятҳо ба муқобили моликият бахшида шуда буд. Дар он ӯ эътироф мекунад, ки набудани таърифи дақиқи тасарруф дар қонунгузории қаблӣ яке аз сабабҳои иштибоҳоти судӣ гардидааст [4, 7].

Ба ақидаи В.Н. Кудрявтсев, «ғайриқонунӣ – ин мафҳуми илмӣ ва абстрактӣ буда, нишонаҳои асосии ҳамаи кирдорҳои ғайриқонуниро дар худ муттаҳид мекунад. Чунин аломати умумии ҳар гуна кирдори ғайриқонунӣ аз риоя накардани талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва, бинобар ин, халалдор кардани муносибатҳои дахлдори ҳуқуқӣ иборат мебошад»[12, 69]. Дар робита бо масъалаи мавриди назар, ғайриқонунӣ маънои вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқиро дорад, ки муносибатҳои моликиятро танзим мекунанд. Дар ин робита дар адабиёти ҳуқуқӣ ақидае баён мегардад, ки тибқи он ҳуқуқи моликият маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки ҳолати мансубияти неъматҳои моддиро ба шахсони мушаххас мустаҳкам, танзим ва ҳифз менамоянд. Дар маҷмуъ, ин меъёрҳо ҳуқуқи моликиятро дар маънои объективӣ — ҳамчун як институти ягона ва мураккаби байнисоҳаии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд [8, 201]. Мо чунин мешуморем, ки бо ин мавқеъ бояд розӣ шуд. Воқеан ҳам, ҳуқуқи ҷиноятӣ тавассути усулҳои хоси танзими худ бевосита дар механизми умумии танзими ҳуқуқии муносибатҳои моликият иштирок мекунад.

Дар мавриди мавқеъ оид ба ҳуқуқи моликият ҳамчун институти комплексӣ ва бисёрсоҳавӣ бояд қайд кард, ки бо ин нуқтаи назар низ пурра мувофиқем. Ҳуқуқи моликият на танҳо ҳуқуқи соҳибӣ ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулкро дар бар мегирад, балки ҳамчунин ҳимояи ин ҳуқуқҳоро аз таҷовуз низ фаро мегирад. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун як ҷузъи низоми умумии ҳуқуқӣ фаъолона ба ҳимояи ин ҳуқуқҳо ҷалб шудааст ва механизми ҳифзи моликиятро бо муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани он, хоҳ тасарруф бошад ё вайрон кардан ё нест кардани молу мулк, ба роҳ мемонад.

Бешубҳа, дар ҷараёни муносибатҳои ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ низ боқӣ мемонанд. Масалан, қонунгузории ҷиноятӣ муайян мекунад, ки соҳибмулк ҳуқуқ дорад молу мулки худро аз тасарруфи ғайриқонунии дигар шахсон талаб намояд. Аз ин рӯ, категорияи «ғайриқонунӣ» дар робита бо таърифи қонунгузории тасарруф ба объекти хелии он ишора мекунад: ҳуқуқи моликият дар маънои объективии он, ки меъёрҳои мустаҳкамкунанда, танзимкунанда ва муҳофизаткунандаи муносибатҳои молумулкиро дар бар мегирад.

Дар робита бо ин, номи боби 21 КҶ ҶТ – «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» чандон мувофиқ нест. Зеро, ки «моликият» метавонад ҳамчун категорияи иқтисодӣ ва ҳам ҳуқуқӣ баромад кунад. Аммо дар заминаи ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии молу мулки ғайр маҳз категорияи ҳуқуқии моликият нақши асосиро мебозад. Аз ин рӯ, розӣ шудан бо ақидае, ки гӯё ҳуқуқи моликият шакли ифода ва мустаҳкамкунии муносибатҳои иқтисодӣ бошад, душвор аст [1]. Эҳтимолан, маҳз чунин фаҳмиши институти ҳуқуқи моликият боис гардидааст, ки боби 21-и КҶ ҶТ ба фасли VIII – «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисод» дохил шудааст.

Дар ҳамин ҳол, молу мулк худ аз худ на танҳо асоси муносибатҳои иқтисодӣ мебошад, балки инчунин ҳамчун ашёи дорои аҳамияти маишӣ, фарҳангӣ-динӣ, таърихӣ, илмӣ ва иҷтимоии дигар баромад мекунад. Аз нуқтаи назари институти ҳуқуқи моликият,

таъиноти мақсадноки молу мулк аҳамияти ҳуқуқӣ надорад. Дар робита бо ин, мансуб донистани дуздӣ (ҳамчунин ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва дигар шаклҳои тасарруф) ба категорияи ҷиноятҳои иқтисодӣ табдили мафҳумҳо мебошад. Бештар асоноктар мебуд агар боби мазкур ҳамчун: «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқи моликият» номгузорӣ мешуд.

Ҳуқуқи субъективӣ ба соҳиби он имкон медиҳад, ки тибқи ихтиёри худ молу мулки ба ӯ тааллуқдоштаро соҳибӣ намояд, истифода барад ва ихтиёрдорӣ кунад. Дар адабиёти ҳуқуқи маданӣ мафҳумҳои «соҳибӣ намудан», «истифода бурдан» ва «ихтиёрдорӣ кардан», ки унсурҳои ҳуқуқи субъективии моликият ба шумор меравaнд, қариб якранг муайян мешаванд.

Дар зери ҳуқуқи соҳибӣ намудан имконияти бо қонун асоснокшудаи доштани молу мулк дар ихтиёри худ ва нигоҳ доштани он дар хоҷагии худ фаҳмида мешавад.

Ҳуқуқи истифода бурдан имконияти бо қонун асоснокшудаи истифодабарӣ ва истифодаи иқтисодӣ ё дигар намуди истифодабарии молу мулк, аз ҷумла гирифтани фоида ё хусусиятҳои дигари фоиданок аз он мебошад.

Ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардан маънои имконияти муайян кардани сарнавишти ҳуқуқии молу мулкро тавассути тағйир додани соҳибият, ҳолат ё таъиноти он дорад.

Танҳо мавҷудияти ҳамаи ин унсурҳо (ваколатҳо) барои соҳибмулк ҳуқуқи субъективии моликиятро нисбат ба молу мулк ба вуҷуд меорад.

Дар робита бо дуздии молу мулки ғайр, ҳар яке аз ҳуқуқҳои зикршуда аҳамияти махсуси худро дар бандубасти ин ҷиноят пайдо менамояд. Бо назардошти он, ки дар таърифи қонунгузории тасарруф аломати «гирифтани молу мулки ғайр» мавҷуд аст, тасарруф ҳамчун ҷинояти хотимаёфта дар давраи бегонасозии ғайриқонунии молу мулк эътироф мешавад. Ба ибораи дигар, чунин ба назар мерасад, ки қонуни ҷиноятӣ танҳо ҳуқуқи соҳибӣ намуданро дар бар мегирад. Аммо ин чунин нест, зеро бо ҷисман гирифтани молу мулк аз ихтиёри соҳибмулк, ҳуқуқҳои дигари ӯ низ (истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ кардан) халалдор мегарданд.

Маънидодкунии бештар васеъи муқаррароти мазкур имкон медиҳад, ки ҳолатҳои ихтиёрдории ғайриқонунии молу мулки ғайр низ ҳамчун тасарруф арзёбӣ шаванд, ҳатто агар гунаҳгор молу мулки мазкурро дар ихтиёри қонунии худ надошта бошад. Зеро, чунонки А.В. Малтсев дуруст қайд мекунад, ихтиёрдории ғайриқонунии молу мулки ғайр дар ниҳоят ба ҳуқуқи субъективии моликият, махсусан дар қисмати ҳуқуқҳои соҳибӣ намудан ва ихтиёрдорӣ кардан, зарар мерасонад[14, 36]. Худи ҳамин муаллиф чунин мешуморад, ки ба манфиати гунаҳгор ё шахсони дигар равона кардани молу мулки ғайр бе гирифтани он дар ҳолатҳои тасарруфи молу мулки ғайриманқул низ метавонад ҷой дошта бошад.

Дар замони хукумати шӯравӣ А.А. Жижиленко мақолаеро нашр намуд, ки дар он кӯшиш кард моҳияти ҳуқуқии категорияи «молу мулк»-ро равшан кунад. Ӯ аз ҷумла чунин менавишт: «Ашё ҳамчун предмети ҷинояти молумулкӣ бояд дорои арзиши муайяне бошад (аломати иқтисодӣ), аммо он ки ин арзиш мубодилашаванда аст ё на, барои таркиби ҷиноят аҳамият надорад. Ин арзиш метавонад бозорӣ бошад, ё арзиши махсус дошта бошад, ки аз таъиноти махсуси ашёи мазкур бармеояд (мисол, ҳуҷҷат, нoвобаста аз он ки оё он ҳуқуқҳои молумулкиро тасдиқ мекунад ё ягон воқеа ё ҳолатро), ё ниҳоят, арзише дошта бошад, ки танҳо барои соҳиби он арзишманд аст (масалан, номаи шахсӣ ё ягон хотираву тӯҳфа)» [9, 66]. Ақидаи А.А.Жижиленко ба таври асоснок таъкид мекунад, ки барои таркиби ҷиноят маҳз худи арзиш доштани ашё муҳим аст, аммо ифодаи мушаххаси он дар арзиши бозорӣ ё мубодилашаванда будани он ҳатмӣ нест. Чунин муносибат барои фаҳмиши боз ҳам васеътари объекти ҷиноят имконият фароҳам меоварад.

Жижиленко А.А. диққати асосиро ба он ҷалб мекунад, ки ашё метавонад на танҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ ё бозорӣ арзиш дошта бошад, балки дар дигар ҷанбаҳо, масалан, дорои арзиши фарҳангӣ, таърихӣ ё шахсӣ барои соҳиби худ бошад. Дар ин замина метавон дар

бораи ашёҳое сухан гуфт, ки дорои аҳамияти хос барои як шахс ё гурӯҳи муайяни одамон мебошанд, новобаста аз он ки ин арзиш барои доираи васеи мардум возеҳ аст ё ин ки дорои аҳамияти махсус ва маҳдудтар мебошад.

Чунин тасаввур дар бораи молу мулк ҳамчун категорияи васеътар ва мураккабтар барои муносибатҳои ҳуқуқии муосир муфид аст. Масалан, ин муносибат дар баррасии парвандаҳои вобаста ба дуздии ашёҳои нодире, ки арзиши бозории бузург надоранд, вале дорои аҳамияти баланди шахсӣ ё фарҳангӣ мебошанд, метавонанд муфид бошанд. Ҳамин тариқ, эътирофи арзиши ашё на танҳо аз нуқтаи назари арзиши бозорӣ, балки аз нигоҳи аҳамияти он барои шахсони мушаххас, имкон медиҳад, ки зарар ва ҷавобгарии ҷиноятӣ ба таври дақиқтар ва одилонатар муайян карда шаванд.

Дар маҷмӯъ, назарияи шӯравии ҳуқуқи ҷиноятӣ ва таҷрибаи судӣ танҳо арзишҳои моддӣ-молиро ҳамчун предмети тасарруф эътироф мекарданд, ки дорои хусусияти иқтисодии арзиш ва ифодаи пулӣ (нарх) мебошанд, инчунин пул дар асъори русӣ ё хориҷӣ, ки ҳамчун эквиваленти умумии ҳамаи навъҳои моликият баромад мекунад [6, 165].

Ҳамин тавр, дар мафҳуми дуздӣ якчанд аломатҳои асосӣ ҷудо карда мешаванд. Аз ҷумла, тасарруф дар он ҳолат ҳамчун ниҳонӣ ҳисобида мешавад, ки агар он дар набудани ҷабрдида ва шахсони бегона содир шуда бошад. Шахсе, ки дуздиро содир мекунад, ниҳонӣ амал мекунад, яъне бе огоҳӣ ва хилофи иродаи соҳибмулк ё соҳиби дигар, молу мулкро бо тарзе мегирад, ки ин ҳаракат барои шахсони молу мулк дар ихтиёр ё ҳимояи онҳо буда, инчунин шахсони сеюм номаълум мемонад. Меъёри асосии ниҳонӣ будан баҳодиҳии худи гунаҳгор ба вазъияти содиршавии ҷиноят мебошад. Бинобар ин, ҳатто дар ҳолатҳое, ки воқеияти тасарруф аз ҷониби касе дарк карда шудааст, вале гунаҳгор фикр мекард, ки ҳаракати худро ниҳонӣ анҷом медиҳад, кирдори ӯ ҳамчун дуздӣ бандубаст мегардад.

Минбаъд, зери мафҳуми «молу мулки ғайр», ки предмети дуздиро ташкил медиҳад, бояд молу мулкеро фаҳмид, ки дар асоси ҳуқуқи моликият ба гунаҳгор тааллуқ надорад (аз ҷумла ҳуқуқи моликияти умумии муштарак ё ҳиссавӣ). Дар мавриди ғайриқонунӣ будани гирфтани молу мулк бояд дар назар дошт, ки бо муқаррар намудани манъи ҷиноятӣ ба ҳар гуна бегонасозии молу мулки ғайр, ки ба меъёрҳои ҳуқуқии дигар соҳаҳо (пеш аз ҳама ҳуқуқи маданӣ) мухолифат мекунад, қонуни ҷиноятӣ ҳама гуна дахолат ба соҳаи манфиатҳои молумулкии соҳибмулкро манъ мекунад. Дар ҳолати муносибатҳои иҷтимоии низоъноқ, ки бо бегонасозии ғайриқонунии молу мулки ғайр вобастаанд, қонуни ҷиноятӣ бо пуштибонӣ аз манфиати ҷабрдида чунин муносибатҳоро ҷиноят эълон намуда, низоъро тавассути таъини ҷазо ҳал мекунад.

Дар ниҳоят, метавон иброз намуд, ки объекти бевоситаи дуздӣ ҳуқуқи субъективии моликият мебошад, ки дар он ҳуқуқҳои соҳибӣ намудан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулк татбиқ мегарданд. Танҳо мавҷудияти ҳамаи ин се ваколатҳои субъективӣ ҳуқуқи субъективии моликиятро ташкил медиҳад. Ҳуқуқҳои «соҳибӣ намудан» ва «ихтиёрдорӣ кардан»-и молу мулк метавонанд ҳамчун объектҳои мустақили таҷовузи ҷиноятӣ баромад намоянд. Ҳамзамон, арзиши молу мулк ҳамчун предмети тасарруф бояд вобаста ба нақше муайян карда шавад, он дар моликияти ҷабрдида ишғол менамояд. Ба андешаи мо, маҳз ҳамин ҳолат бояд яке аз меъёрҳои асосии арзиши молу мулк бошад. Дар акси ҳол, агар қонуни ҷиноятӣ арзиши молу мулкро танҳо аз рӯйи меъёрҳои аҳамияти иҷтимоӣ муайян намуда, омилҳои инфиродиро сарфи назар кунад, он танҳо манфиатҳои ҷамъиятиро дар ҳуқуқи субъективии моликият ҳимоя менамояд. Ғайр аз ин, ба бандубасти дуздӣ бояд фоидаи аз дастрафта низ таъсир расонад, ки метавонад андозаи назаррас дошта бошад.

Барои такмили мафҳуми «дуздӣ» дар назарияи ҳуқуқ зарур аст, ки на танҳо таърифи анъанавӣ, ки ба тасарруфи ниҳонии молу мулки ғайр асос ёфтааст, ба назар гирифта шавад, балки инчунин ба он унсурҳое, ки бо воқеиятҳои технологияи муосир

алоқаманданд, ба мисли ҷиноятҳои киберӣ ва моликияти зеҳнӣ низ ворид карда шаванд. Ин омилҳо дақиқсозии хусусияти «ниҳонӣ» ва «тасарруфи бевосита»-ро дар шароити иқтисоди рақамӣ тақозо менамоянд.

Ғайр аз ин, зарур аст, ки мафҳуми дуздӣ бо назардошти ҷанбаҳои равонӣ ва иҷтимоӣ низ рушд дода шавад, ба монанди ангезаҳо ва мақсадҳои ҷинояткор, инчунин таъсири муҳити иҷтимоӣ, ки имкон медиҳад дараҷаи айбдорӣ ва ҷавобгарии гунаҳгор ба таври дақиқтар фарқ карда шавад. Инчунин муҳим аст, ки нақши содир намудани дуздӣ дар шароите равшан гардад, ки шахси гунаҳгор аз нақшаҳои мураккаби фиреб ё ғайриқонунӣ тобеъ намудани иродаи одамон истифода мекунад, аз ҷумла бо истифода аз сохтакории ҳуҷҷатҳо ё асоснок кардани кирдори худ гӯё бо асосҳои қонунӣ, ки муайян кардани воқеияти тасарруфро душвор месозад.

Чунин вазъият тақозо мекунад, ки маънидодкунии таркиби ҷиноят васеътар гардад ва меъёрҳои иловагӣ, аз ҷумла зарари ба ҷабрдида расонидашуда ва дараҷаи барқароршавии он муайян карда шаванд.

Дуздӣ як кирдори ҷиноятӣ аст, ки ҳамчун тасарруфи ниҳонии молу мулки ғайр эътироф карда мешавад. Таркиби ин ҷиноят дар он аст, ки амалҳои тасарруф пинҳонӣ анҷом дода мешаванд, ва ин амали тасарруф дар ҳузури ҷабрдида ё шахсони бегона метавонад ғайриқонунӣ бошад. Кисабурӣ ва ҳолатҳое, ки шахс хабардор намешавад, ҳамчунин ба сифати дуздӣ ҳисобида мешавад.

Ашё на танҳо метавонад арзиши иқтисодӣ дошта бошад, балки дар баъзе ҳолатҳо метавонад барои соҳиби худ ё гурӯҳи муайян аҳамияти фарҳангӣ, таърихӣ ё шахсӣ дошта бошад. Ин мулоҳизаи муҳиме мебошад, ки дар фаҳмидани обекти дуздӣ, ки на танҳо моликият, балки арзиши номатлуби молу мулкро дар бар мегирад, кӯмак мекунад.

**АДАБИЁТ:**


1. Андреева Л.А., Волженкин Б.В., Овчинников Г.В. Понятие хищения социалистического имущества. Л., 1985;
2. Борзенков Г.Н. Личная собственность под охраной закона. М., 1985. С. 20.
3. Борзенков Г.Н. Новое в уголовном законодательстве о преступлениях против собственности // Законность. 1995. № 2. С. 7,
4. Бюллетень Верховного Суда СССР. 1974. № 6. С. 16.
5. Владимиров В.А., Ляпунов Ю.И. Ответственность за корыстные посягательства на социалистическую собственность. М., 1986. С.165;
6. Гельфер М.А. Преступления против личной собственности граждан. М., 1987. С. 11.
7. Гражданское право: В 2 т. / Под ред. Е.А. Суханова. М., 1994. Т. 1. С. 201.
8. Жижиленко А.А. Имущественные преступления. Л., 1925. С. 66.
9. Загородников Н.И., Наумов А.В. Совершен¬ствование уголовного законодательства об охране социалистической и личной собственности // Советское государство и право. 1989. № 1. С. 19.
10. Комментарий к Уголовному кодексу Российской Федерации / Под ред. А.В. Наумова. М., 1999. С. 336.
11. Кудрявцев В.Н. О противоправности преступления // Правоведение. 1959. № 1. С. 69.
12. Литовиченко В.Н. Уголовная ответственность за кражу личного имущества. М., 1975, С. 9.
13. Мальцев А. Понятие хищения // Российская юстиция. 1995. № 4. С. 36.
14. Постановление Пленума Верховного Суда СССР от 11 июля 1972 г. с изм. 1977, 1981, 1984 гг. //Бюллетень Верховного Суда СССР. 1972. X 4; 1977. № 6; 1982. № 1; 1984. № 4.
15. Уголовное право. Особенная часть / Под ред. Е.В. Здравомыслова. М., 1995. С. 167.

УДК 347.44:347.426(575.3)

# ҶАВОБГАРИИ СУБЪЕКТҲОИ ШАРТНОМАИ ХИЗМАТРАСОНИИ РИЭЛТОРӢ ДАР БОЗОРИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ

**ҲОШИМЗОДА Д. Д.** [1]
**САТТОРОВ А. Ҳ.**[2]
*[1]Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*
*[2]Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон*

*Мақолаи мазкур ба таҳлили масъалаҳои ҳуқуқии ҷавобгарии тарафҳо дар шартномаи хизматрасонии риэлторӣ дар бозори амволи ғайриманқули Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф асосан ба татбиқи меъёрҳои Кодекси мадани дар самти ҷуброни зиён, ноустуворона ва принсипи гуноҳ диққат дода, истисноҳои мавҷударо дар мавриди фаъолияти соҳибкорӣ муҳокима менамояд. Ҳамзамон масъалаҳои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон баррасӣ шуда, татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» нисбат ба шахсони воқеии фармоишдиҳандаи хизматҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирад. Тавассути омӯзиши таҷрибаи шартномавӣ ва судӣ, камбудиҳои амалии иҷрои ӯҳдадориҳои риэлторҳо муайян гардида, пешниҳодҳо барои таҳкими ҷавобгарии васеи онҳо ироа мегарданд.*

**Калидвожаҳо:** *шартнома, риэлтор, ҷавобгарӣ, зиён, ноустуворона, бозори амволи ғайриманқул, Кодекси граждани, ҳуқуқи истеъмолкунанда.*

# ОТВЕТСТВЕННОСТЬ СУБЪЕКТОВ ДОГОВОРА РИЭЛТОРСКОГО ОБСЛУЖИВАНИЯ НА РЫНКЕ НЕДВИЖИМОСТИ

**ХОШИМЗОДА Д. Д.**[1]
**САТТОРОВ А. Х.**[2]
*[1]Исполнительний аппарат Президента Республика Таджикистана*
*[2]Государственного университета права, бизнеса и политики Таджикистана*

*В статье анализируются правовые аспекты ответственности сторон по договору риэлторского обслуживания на рынке недвижимости Республики Таджикистан. Особое внимание уделяется применению норм Гражданского кодекса, регулирующих возмещение убытков, неустойку, а также принцип вины и исключения из него при оказании услуг субъектами предпринимательства. Рассматриваются вопросы прав потребителей, в том числе положения Закона Республики Таджикистан «О защите прав потребителей» применительно к гражданам, заключающим договоры риэлторского обслуживания для личных нужд. На основе анализа договорной и судебной практики выявлены проблемы исполнения обязательств риэлторами и предложены рекомендации по установлению расширенной ответственности риэлторских компаний.*

**Ключевые слова:** *договор, риэлтор, ответственность, убытки, неустойка, рынок недвижимости, Гражданский кодекс, потребительские права.*

# LIABILITY OF THE PARTIES TO REALTOR SERVICE CONTRACTS IN THE REAL ESTATE MARKET

**HOHSIMZODA D.D.**[1]
**SATTOROV A.CH.**[2]
*[1]Exceutive apparatus of the President of the Republic of Tajikistan*
*[2]State Uniwersity of law, business and policy of Tajikistan*

*This article examines the legal asputs of responsibility of sioles under yhe contract real service of realtay in the property market of the Republic of Tajikistan. The particular attention lies on the application of the Civil Code, particularly regarding damage compensation, penalty clauses, and the fault-based principle and its exceptions for business entities providing realtor services. Consumer protection issues are also addressed, specifically the applicability of the Law of the*

*Republic of Tajikistan "On Consumer's right Protection" when individuals enter into real estate service agreements for personal purposes. Based on a review of contract practice and legal precedents, the paper identifies shortcomings in realtors' fulfillment of obligations and offers recommendations for implementing extended liability mechanisms in realtor service companies.*

**Keywords:** *contract, realtor, liability, damages, penalty, real estate market, Civil Code, consumer rights.*

Бо рушди босуръати муносибатҳои бозорӣ ва афзоиши муомилаҳо дар соҳаи амволи ғайриманқул, аҳамияти ҳуқуқии шартномаҳои хизматрасонии риэлторӣ дар муҳити ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд мегардад. Дар ин шароит, муайянсозии заминаҳои ҳуқуқии ҷавобгарии тарафҳо аз рӯи чунин шартномаҳо, махсусан бо дарназардошти талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Мақолаи мазкур ба таҳлили ҳамаҷонибаи принсипҳо ва механизмҳои ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии субъектҳои шартномаи риэлторӣ бахшида шуда, масъалаҳои ҷуброни зиён, пардохти ноустуворона, қоидаҳои исботи гуноҳ ва истисноҳои марбут ба соҳибкоронро фаро мегирад. Ин таҳқиқот на танҳо барои такмили заминаи назариявии соҳа, балки барои амалияи судӣ ва шартномавии кишвар низ аҳамияти назаррас дорад.

Ҷавобгарии тарафҳо аз рӯи шартномаи хизматрасонии риэлторӣ тибқи асосҳои умумии дар боби 24 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон «Масъулияти вайрон кардани ӯҳдадорӣ» оварда шуда ба вуҷуд меояд. Ба ғайр аз ин бинобар он, ки дар баъзе мавридҳо истеъмолкунандаи хизмати риэлторӣ шаҳрванд баромад менамояд ва чунин хизматро барои истеъмоли шахсӣ фармоиш медиҳад, пас нисбати чунин муносибат нишондод Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмлкунандагон» татбиқ карда мешавад» [1].

Чораҳои асосии ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқии тарафҳо аз рӯи шартномаи хизматрасонии риэлторӣ тибқи нишондоди боби 24 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, руйпуш намудани зиён ва пардохти ноустуворона дониста мешавад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ зери мафҳуми зиён баҳодиҳии пулии он зараре, ки бо амалҳои зиддиҳуқуқии як шахс ба амволи шахси дигар расонида шудааст, фаҳмида мешавад [3].

Одатан ба ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон принсипи пурра рӯйпуш намудани зиён хос мебошад, ки он дар моддаи 15 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст. Баробари ин зери мафҳуми зиён хароҷоте фаҳмида мешавад, ки шахси ҳуқуқаш вайронгардида масраф намудааст ё бояд барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардида масраф намояд, аз даст рафтан ё хароб гардидани молу мулки ӯ (зиёни воқеӣ), инчунин даромади ба дастнаомадае, ки ин шахс, агар ҳуқуқаш вайрон намегардид, дар шароити муқаррарии аҳдҳои маданӣ метавонист ба даст оварад (фоидаи аз дастрафта) [1].

Маънии ҷуброни зиён дар он зоҳир меёбад, ки дар натиҷа амволи тарафи зиёнкашида бояд ба ҳолате, агар ӯҳдадорӣ ба таври дуруст иҷро мегардид, барқарор карда шавад. Амалӣ намудани чунин мақсад бечуну чаро ба тарафи зиёнкашида ҷуброн намудани ҳам зиёни воқеӣ ва ҳам фоидаи аз даст рафтаро дар назар дорад.

Ба ғайр аз ҷуброни зиён, тарафи шартномаро вайрон намуда бояд ноустуворонаро, ки қонунгузор ва ё шартнома муайян намудааст пардохт намояд.

Дар амалия чораҳои ҷавобгарии маданӣ – ҳуқуқӣ, аз ҷумла ноустуворона, аз тарафи риэлторон нодуруст истифода бурда мешавад. Ҳамин тавр, дар шартномаи хизматрасонӣ оид ба ҷустуҷӯи амволи ғайриманқул, ки аз тарафи ҶДММ «Оҷонсии амволи ғайриманқули Сомон» аз 20 июли соли 2018 омода шудааст, чораи ноустуворона дар ҳолати яктарафа даст кашидаи фармоишгар аз иҷроиши шартнома ба пуррагӣ ё қисман то иҷро намудани ӯҳдадорӣ аз тарафи иҷрокунанда пешбинӣ гардидааст [100].

Доир ба масъалаи оқибати иҷро накардан ё нопурра иҷро кардани шартномаи хизматрасонии риэлторӣ, қоидаҳои умумии дар моддаи 422 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда амал намуда, он ба асосҳои ҷавобгарии барои вайрон намудани ӯҳдадорӣ бахшида шудааст. Дар назар дошта шавад, ки тарафи ӯҳдадориашро иҷро накарда ва ё онро номатлуб иҷро карда танҳо дар мавриди мавҷудияти гуноҳ ҳамчун қоидаи умумӣ ҷавобгариро пайдо менамояд. Дар моддаи 422 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми гуноҳ бо роҳи ишора намудан ба таносуб гирифтани мафҳумҳои гуноҳ ва бегуноҳӣ муқаррар карда мешавад: тараф дар ӯҳдадорӣ гунаҳкор дониста мешавад, агар дар ҳолат ва дараҷаи ғамхорӣ, эҳтиёткорӣ бо назардошти ӯҳдадорӣ ва шарти муомилот, тарафи мазкур чораи лозимаро барои иҷроиши муносиби он андешида буд [1].

Маҳз принсипи мавҷудияти гуноҳ, ки дар худ ҷой доштани эҳтимолияти гуноҳ доштани шахсро дар назар дорад, нисбати шартномаи хизматрасонии риэлторӣ амал мекунад (шахсе, ки ӯҳдадориашро вайрон мекунад гунаҳкор дониста мешавад, ба шарте, ки бегуноҳии худро исбот накунад).

Лекин принсипи мазкур инчунин истисноро дар назар дорад, ки ба таври пурра ба шартномаи баррасигардида истода низ паҳн мешавад (қ.2 моддаи 432 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон) [4].

Чунин истисно бо он маънидод мешавад, ки хизмати аз ҷониби соҳибкори инфиродӣ ба ширкати риэлторӣ расонидашаванда ба соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ дар бозори амволи ғайриманқул расонида шаванда дохил мегардад. Ҳамин тавр, барои иҷро накардан ва ё ба таври муносиб иҷро накардани ӯҳдадорӣ ҳатто дар он лаҳзае, ки гуноҳи вай дида намешавад, соҳибкори инфиродӣ ҷавобгар мебошад. Риэлтор мумкин аст аз ҷавобгарӣ танҳо ба шарте, ки исбот намояд, ки вайронкунӣ дар натиҷаи амали қувваҳои рафънопазир, ки зери он ҳолатҳои фавқулодда ва пешгирӣ нашаванда ба монанди ҳодисаҳои табиӣ (заминларза, обхезӣ, амалиётҳои ҷангӣ, гирдиҳамоӣ ва ғ.), ба вуҷуд омадааст, озод гардида метавонад.

Дар КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳолатҳои ба доираи ҳолатҳои рафънопазир дохил карда нашуда ишора сохта, шахсро дар натиҷаи таъсири он аз ҷавобгарӣ озод насохтааст: вайрон кардани ӯҳдадорӣ аз ҷониби контрагентони қарздор дар бозори амволи ғайриманқул, вуҷуд надоштани моли лозима (масъалан дар бозор вуҷуд надоштани объекти ғайриманқули барои мизоҷ лозим буда) ва дар қарздор вуҷуд надоштани воситаҳои пулии кифоягӣ (қ.3 моддаи 432 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон) [3].

Ҳангоми истифодаи қоида дар бораи ҷавобгарии васеъ (ҷавобгарӣ на фақат барои гуноҳ, балки боз «бегуноҳӣ») бояд дар назар ду ҳолатро дошт. Якум, барои истифодаи қоида оид ба ҷавобгарии «васеъ» зарур, ки иҷрокунанда соҳибкор бошадва ин нишондод дар шартномаи хизматрасонии риэлторӣ дарҷ гардида бошад. Баробари ин нисбати фармоишгар фарқ надорад, ки вай ба ҳайси муассиса, ташкилот ва ё шаҳрванд барои қонеъ кунонидани талаботҳои маишии худ амал мекунад, баромад менамояд. Дуюм, қоидаи умумӣ оид ба ҷавобгарӣ барои гуноҳ ва аз он истисно намудан дар намуди ҷавобгарии васеъ (то дараҷаи амали қувваҳои рафънопазир), ки дар меъёри диспозитивӣ муқаррар шуда бошад. Моҳиятан он имконият медиҳад, ки дар қонун ва ё шартнома ҷавобгарии боз ҳам баланд пешбинӣ гардад (масъалан, ҷавобгарии риэлтор инчунин ҳангоми ҳолатҳои рафънопазир ба вуҷуд меояд) ва ё ҷавобгарии мӯътадил (масъалан, риэлтор танҳо ҳангоми мавҷудияти гуноҳ ҷавобгариро пайдо мекунад). Ба фикри мо, дар шартномаи хизматрасонии риэлторӣ зарур аст ҷавобгарии васеи риэлтор пешбинӣ гардад, яъне дар мавриди ҷой доштани «гуноҳ». Баробари ин инчунин бояд нишондоди қ.2 моддаи 432 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳбарӣ гирифт, ки тибқи он созишнома оид ба маҳдуд намудани ҳаҷми ҷавобгарии қарздор аз рӯи шартномаи ҳамроҳшавӣ ва ё дигар шартнома, ки дар он қарздиҳанда шаҳрванд баромад намуда вай беэътибор дониста мешавад, агар ҳаҷми ҷавобгарӣ барои ӯҳдадории мазкур ва ё барои вайронкории зайл аз ҷониби қонун муайян гардидааст ва агар созишнома то ба вуҷуд

омадани ҳолатҳои барангезандаи ҷавобгарӣ барои иҷро накардан ва иҷрои номатлуби ӯҳдадорӣ пешбинӣ шуда бошад.

Тибқи нишондоди моддаи 432 ва 799 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон оқибати ғайриимкон будани иҷрои шартномаи хизматрасонии риэлторӣ байни тарафҳо бо дар назардошти гуноҳи ин ё он тараф ба таври зерин тақсим карда мешавад. Тарзи якум, (моддаи 799 КМ) ҳолатеро дар назар дорад, ки тибқи он агар ғайриимкон будани иҷроиш бо гуноҳи истеъмолкунандаи хизматрасонии риэлторӣ ба вуҷуд омадааст. Пас бар вай тамоми оқибатҳои ғайри имкон будан, ки дар ӯҳдадории истеъмолкунанда оид ба пардохти хизмат дар ҳаҷми пурра таҷассум меёбад. Дар ҳолате, ки ғайри имкон будани иҷроиши вобаста ба ҳолатҳои ягон тараф ҷавобгар нест пайдо гардидааст, истеъмолкунанда ба риэлтор хароҷоти доштаи худ, агар дигар нишондод дар қонун ва ё шартномаи хизматрасонии риэлторӣ оварда нашуда бошад, ҷуброн менамояд.

Агар иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби шартномаи хизматрасонии риэлторӣ бо гуноҳи ҳар ду тараф ба вуҷуд омада бошад, пас бояд нишондоди моддаи 432 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳбарӣ гирифта, тибқи он суд ҳуқуқ дорад ҳаҷми ҷавобгарии риэлториро кам намояд. Суд инчунин ҳуқуқ дорад ҳаҷми ҷавобгарии риэлториро кам намояд, агар истеъмолкунанда қасдан ва ё аз рӯи беэҳтиёти барои зиёд гардидани ҳаҷми зиёд, ки бо иҷронакардан ё ин ки бо номатлуб иҷро кардани уҳдадорӣ алоқаманд бошад, ё ин ки чораҳои дахлдорро барои кам намудани чунин оқибат наандешида бошад, татбиқ намояд.

Қисми 1 ва 2 моддаи 800 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри диспозитивӣ дониста мешавад. Ин ҳолат он маъниро дорад, ки тарафҳо ҳуқуқ доранд дар шартномаи хизматрасонии риэлторӣ ҳамагуна дигар ҳалли дигари масъаларо оид ба оқибати ғайриимкон будани иҷрои шартнома дохил намоянд.

Моддаи 800 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи оқибати ғайри имкон будани иҷрои шартномаро дар мавриди бо гуноҳи иҷрокунанда (риэлтор) рух додани онро танзим намудааст.

Дар ҳамин радиф зарур мебошад нисбати шартномаи хизматрасонии риэлторӣ инчунин дигар муқаррарот оид ба ҷавобгарӣ барои вайрон намудани уҳдадориро дида бароем.

Ҳамин тавр бинобар нишондоди моддаи 427 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохти ноустуворона ва рӯйпуш намудани зиён дар ҳолати ба таври номатлуб иҷро намудани уҳдадорӣ, қарздорро (риэлтор) аз ба иҷро расонидани уҳдадорӣ дар шакли нопурра (яъне расонидани хизмати риэлторӣ дар ҳаҷми дар шартнома муқаррар шуда), ба шарте, ки дар қонун ва ё шартнома дигар нишондод оварда нашуда бошад, озод намекунад. Риэлтор мумкин аст аз расонидани хизмат дар он маврид озод карда мешавад, агар дар натиҷаи гузаронидани муҳлати иҷроиши уҳдадорӣ аз тарафи риэлтор, расонидани хизмати мазкур ба истеъмолкунанда аҳамияти худро гум кардааст: дар чунин маврид риэлтор уҳдадор мегардад ба истеъмолкунанда зарари ба миёномадаро рӯйпуш намояд.

Бинобар нишондоди 428 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди иҷро накардани уҳдадорӣ аз тарафи риэлтор оид ба расонидани хизмати дар шартнома пешбинӣ гардида, истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад дар муҳлатҳои имконпазир расонидани хизмати дахлдорро бо нархи дастрас супориш диҳад (яъне ба риэлтори дигар муроҷиат намояд) ва аз риэлтор рӯйпуш намудани хароҷотҳои ба миёномада ва дигар зиёни кашидаро талаб намояд.

Тибқи қоидаи умумии дар моддаи 433 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шуда, амали кормандони ширкати риэлторӣ, соҳибкори инфиродӣ оид ба иҷро расонидани уҳдадорӣ, амали ширкати риэлтории мазкур, соҳибкори инфиродӣ дониста шуда, он ҷавобгариро аз болои рафтори кормандони худ, ки боиси иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ гардида буд, мебарад.

Моддаи 434 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии карздорро барои иҷро накардан ё ба таври номатлуб ба иҷро расонидани уҳдадории шахсони сеюм, ки ба онҳо ба иҷро расонидани уҳдадорӣ вогузор гардида буд, агар қонун муайян бошад, ки ҷавобгариро бевосита шахси сеюм (иҷрокунандаи бевосита) мебарад, муайян нашудааст. Нисбат ба шартномаи дида баромада шуда истод, риэлтор барои иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадорӣ дар он вақт ҷавобгариро мебарад, агар тибқи шартнома хизматрасонии бевоситаи риэлторӣ аз ҷониби риэлтор бар дӯши шахси сеюм гузошта шуда бошад. Масъалан хизматрасонӣ ба истеъмолкунанда аз тарафи дигар ширкати риэлторӣ ва ё соҳибкори инфиродӣ – риэлтор, ки ба сифати субпудратчӣ баромад менамояд, вогузор гардида буд.

Тавре, ки дар боло ишора шуд буд, ҳангоми истеъмолкунандаи хизматрасонии риэлторӣ шаҳрванд баромад намояд, ки ин гуна хизматро барои истеъмоли шахсӣ фармоиш медиҳад, ҷавобгарии тарафҳо аз рӯи шартномаи дида баромада шуда истода, инчунин аз тарафи меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ба танзим даровавда мешавад. Ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунанда дар боби 3 қонуни номбурда муайян гаридааст. Ҳамин тавр дар моддаҳои 26, 27 қонуни ишора шуда мӯҳлати иҷрои уҳдадорӣ ва оқибати аз ҷониби иҷрокунанда риоя нашудани мӯҳлати иҷрои кор (хизматрасонӣ) танзим шудааст. Риэлтор вазифадор аст, ки ба истеъмолкунанда хизматҳои дахлдорро дар мӯҳлати дар шартномаи хизматрасонии риэлторӣ пешбинигардида расонад. Агар хизматрасонӣ дар мӯҳлати муайян гардида расонида нашуда бошад, пас тибқи нишондоди моддаи 27 қонуни номбурда, истеъмлкунанда ҳуқуқ дорад бо хоҳиши худ чунин чораҳоро итифода барад:

- ба риэлтор мӯҳлати навро муайян намояд;
- расонидани хизмати риэлториро ба шахси сеюм бар ивази нархи дастрас супориш дода, аз риэлтор ҷуброни хароҷоти ба вуҷудомадаро талаб намояд;
- кам кардани нархи хизматрасониро талаб намояд;
- аз иҷрои шартномаи хизматрасонии риэлторӣ даст кашад.

Истеъмолкунанда ҳуқуқ дорад инчунин ҷуброни пурраи зиёни дар натиҷаи вайрон кардани мӯҳлат расонидашударо талаб намояд. Ба ғайр аз ин дар ҳолати даст кашидани истеъмолкунанда аз иҷрои шартнома риэлтор ҳуқуқ надорад рӯйпуш намудани хароҷоти худро, ки дар ҷараёни хизматрасонии риэлторӣ ба вуҷуд омадааст, ба ғайр аз ҳолатҳое, агар истеъмолкунанда хизматро қабул карда бошад, талаб намояд.

Мувофиқи нишондоди қ.6 моддаи 28 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқии истеъмолкунандагон», дар сурати риоя нашудани мӯҳлати муқарраргардидаи иҷрои хизматрасонии риэлторӣ ё мӯҳлати нави пешбинӣ шуда, иҷрокунанда ба истеъмолкунанда барои ҳар рӯзи гузаштани мӯҳлат ба андозаи як фоизи арзиши хизматрасонӣ ноустуворона месупорад ва агар нархи иҷрои хизматрасонии риэлторӣ дар шартнома муайян карда нашуда бошад, нархи умумии супоришро пардохт мекунад. Дар шартномаи хизматрасонии риэлторӣ дар байни истеъмолкунанда ва иҷрокунанада метавонад андозаи хеле баландтари ноустуворона муайян шавад.

Дар баробари мӯҳлати хизматрасонии риэлторӣ, истеъмолкунандагон бисёр вақт аз сифати пасти хизмати расонидашаванда азият мекашанд.

Доир ба ин масъала гарчанде мисоли таҷрибаи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас нагардида бошад ҳам, лекин дар адабиёти ҳуқуқӣ мисолҳои мушаххаси таҷрибаи судии кишварҳои хориҷӣ оварда шудааст. Масъалан Е.В. Накушнова қайд менамояд, ки моҳи октябри соли 2004 дар суди шаҳри А. парвандаи гражданӣ аз рӯи аризаи даъвогии шаҳрванд К. нисбати агентии амволи ғайриманқули «П» оид ба ҷуброн намудани 20000 р. зиён, ки дар натиҷаи хизматрасонии бесифати риэлторӣ расонида шудааст, инчунин ҷуброни зарари маънавӣ дар ҳаҷми 15000 р., баррасӣ гардида буд. Дар ҷараёни муҳокимаи судӣ муайян шуда буд, ки агентии амволи ғайриманқул ба шаҳрванд К. маълумоти беэътимодро нисбати соҳибмулки ҳуҷраи ба иҷора супорида мешударо

пешкаш намудааст. Баъди баста шудани шартномаи иҷора аз тарафи агентӣ тавсияшуда ва пардохтаи маблағи иҷора барои муҳлати як сол (30500 р.) муайян шудааст, ки «иҷорадиҳанда» соҳибмулк ва намояндаи ваколатдори вай намебошад ва шаҳрванд К. маҷбур шуд то дубора маблағ барои истиқоматро ба соҳибмулки қонунӣ пардозад. Новобаста ба ҳолати баръало аёни муносибати хунукназарона дар рафтори ширкати риэлторӣ, суд ба шаҳрванд К. дар қонеъ кунонидани даъво радъ намуд ва ҳолати зеринро ишора намуд: дар шартномаи хизматрасонии миёнаравию ахборотӣ ӯҳдадории агентӣ оид ба санҷидани вазъи ҳуқуқии иҷорадиҳандаи ҳуҷра муайян нагардида буд, даъвогар бошад худ бепарвоиро нишон дода дар иҷорадиҳанда мавҷудияти ҳуҷҷатҳои ҳуқуқмуайянкунандаро насанҷидааст [2, 27 – 32].

Инчунин дар адабиёти ҳуқуқӣ ҳолат ишора шудааст, ки мувофиқи он агентии амволи ғайри манқкул ба мизоҷони худ имконияти дастрасӣ ба анбори (базаи) ахборотӣ доир ба биноҳои истиқоматӣ, ки бо иҷора пешниҳод гардидааст, бо роҳи пешниҳоди сиркалиди (код) инфиродиро пешкаш менамояд ва бо воситаи он мизоҷ тамоми маълумоти лозимаашро ё бо воситаи «барномаи автоматикунонидашуда» ва ё бо воситаи кормандони махсуси агентӣ бо телефони шабонарӯзӣ пайдо карда метавонанд. Аз рӯи шартнома иҷрокунанда барои боэътимодии маълумот доир ба биноҳои истиқоматӣ, ки аз иҷорадиҳанда гирифтааст ё асли будани ҳуқуқҳои вай ҷавобгарӣ намебарад. Ӯҳдадории мустақилона санҷидани ин ҳолатҳо ба тарафи фармоишгар вогузор мешавад [3, 239].

Дар натиҷаи таҳлили муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои қонунгузории марбут ба муносибатҳои шартномавӣ, метавон ба чунин натиҷа расид, ки ҷавобгарии субъектҳои шартномаи хизматрасонии риэлторӣ бояд дар асоси принсипи эҳтимолияти гуноҳ, иҷрои комил ва саривақтии ӯҳдадориҳо, инчунин ҳифзи манфиатҳои истеъмолкунандагон асос ёбад. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар шартномаҳои хизматрасонии риэлторӣ ҷавобгарии васеъ пешбинӣ гардад, ки ба таври мушаххас ҳолатҳои ғайриимкон будани иҷроиш ва хатари соҳибкорро дар бар гирад. Татбиқи чунин механизми ҳуқуқӣ метавонад ба коҳиши баҳсҳои судӣ ва баланд бардоштани сатҳи масъулияти касбии риэлторон дар бозори амволи ғайриманқул мусоидат намояд.

## АДАБИЁТ:


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2004. – № 12, қ. 1. – Мод. 699; 2008. – № 10. – Мод. 805, 817; 2013. – № 12. – Мод. 896; 2015. – № 3. – Мод. 215; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018, № 1498.
2. Кратенко, М. В. Пределы имущественной ответственности риэлтора за ненадлежащее оказание услуг / М. В. Кратенко, Т. В. Хамуха // Право и экономика. – 2005. – № 9. – С. 27–32.
3. Накушнова, Е. В. Договор оказания риэлторских услуг в гражданском праве России : дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2010. – 239 с.
4. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қисми якум) аз 30-юми июни соли 1999, №803 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1999. – №6. – м. 153-154; – 2001. – №7. – м. 508; – 2002. – №4. – қ. 1. – м. 170; – 2005. – №3. – м. 125; – 2006. – №4. – м. 193; – 2007. – №5. – м. 356; – 2010. – №3. – м. 156; – №12. – қ. 1. – м. 802; – 2012. – №7. – м. 700; – №12. – қ. 1. – м. 1021; – 2013. – №7. – м. 504; – 2015. – №3. – м. 200; – 2016. – №7. – м. 612; – 2019. – №1. – м. 4; – 2020. – №1. – м. 3-4.2
5. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми II // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1999. – № 12. – Мод. 323; 2002. – № 4, қ. 1. – Мод. 170; 2006. – № 4. – Мод. 194; 2009. – № 12. – Мод. 821; 2010. – № 7. – Мод. 540; 2012. – № 7. – Мод. 699; 2013. – № 7. – Мод. 505; Қонуни ҶТ аз 03.05.2002 № 5; аз 29.04.2006 № 181;

аз 03.12.2009 № 569; аз 21.07.2010 № 607; аз 03.07.2012 № 849; аз 22.07.2013 № 977; аз 02.01.2019 № 1558.
6. Баринов, Н.А. Имущественные потребности и гражданское право [Текст] / Н.А. Баринов. – Саратов: Изд-во Сарат. ун-та, 1987. – 191 с.
7. Брагинский, М.И., Витрянский, В.В. Договорное право [Текст] / М.И. Брагинский, В.В. Витрянский. – Книга первая: Общие положения. – 2-е изд., испр. – М.: Статут, 1999. – 848 с.
8. Брагинский, М.И., Витрянский, В.В. Договорное право [Текст] / М.И. Брагинский, В.В. Витрянский. – Книга третья: Договор о выполнении работ и оказании услуг. – М.: Статут, 2002. – 598 с.
9. Брагинский, М.И., Витрянский, В.В. Договорное право. Общие положения [Текст] / М.И. Брагинский, В.В. Витрянский. – М.: Статут, 1997. – 682 с.37
10. Диноршоев А.М., Салохиддинова С.М. Право на предпринимательскую деятельность в системе социально-экономических и культурных прав в Республике Таджикистан [Текст] / А.М. Диноршоев, С.М. Салохиддинова. – Душанбе, 2015. – 189 с.

## ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

### Талабот ба мақолаҳое, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Илм ва амният» пешниҳод мегарданд:

Мақолаҳое, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: 1) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; 2) мақола бояд натиҷаи тадқиқоти илмӣ бошад; 3) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи «Антиплагиат» барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

**Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:**

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад. Ҳаҷми мақола бояд бо формати А4, бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро дар бар гирад.

**Мақола бояд дорои сохтори зерин бошад:**

- индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
- номи мақола;
- насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Рустамзода С.Т.);
- номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;
- матни асосии мақола;
- ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда (мувофиқи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон *аз 30 июни соли 2021, № 268)* ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси мураббаъ [ ] нишон дода шавад. Намуна: [6,42]. Яъне, адабиёти №6 ва саҳифаи 42;
- нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Онҳо инчунин бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд;
- рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад;
- номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) навишта шаванд. Аннотатсия бояд дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯй таҳия шавад;
- дар охири мақола маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо ду забон (русӣ ва англисӣ) бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

# ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

**Требования к научным статьям, представляемым для публикации в научном журнале «Наука и безопасность»:**

Научные статьи, представляемые для публикации в журнале, должны соответствовать следующим требованиям: 1) научная статья должна быть подготовлена с учетом требований журнала; 2) статья должна быть результатом научного исследования; 3) тема статьи должна соответствовать одному из научных направлений журнала.

Все научные материалы, представляемые в журнал, проверяются с помощью системы «Антиплагиат» на определение уровня оригинальности текста. Статьи, в тексте которых использованы материалы других авторов без цитирования, к рассмотрению в следующих этапах не выносятся и не публикуются.

Требования к подготовке научных статей:

Текст статьи должен быть подготовлен в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman для русского и английского текстов и шрифтом Times New Roman Tj для таджикского текста, размер букв в тексте должен быть 14 см, поля – 2,5 см, а расстояние между текстами – 1,5 мм. Объем статьи должен составлять от 10 до 12 страниц формата А4, включая список использованной литературы и аннотацию.

Статья должна иметь следующую структуру:

• указатель УДК (данный указатель можно получить в любой научной библиотеке);

• название статьи;

• фамилия, имя и отчество в форме сокращения (например: Рустамзода С.Т.);

• название учреждения, в котором работает автор статьи;

• основной текст статьи;

• при цитировании использованной литературы (согласно «Правил правописания таджикского языка и символов книги таджикского языка», Постановления Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года № 268) и её конкретной страницы, следует указывать в квадратных скобках [ ]. Пример: [6,42]. То есть, литература №6 и стр. 42;

• планы, схемы, диаграммы и чертежи необходимо пронумеровать и указать поясняющее название;

• список используемой литературы (не менее 10 наименований и не более 25 названий научной литературы). Список используемой литературы следует подготовить на основании требований ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

• название статьи, аннотация и ключевые слова должны быть написаны на трёх языках (таджикском, русском и английском). Аннотацию необходимо подготовить в объёме не менее 25 строк и от 7 до 10 ключевых слов;

• в конце статьи предлагается указать сведения об авторе или авторах на двух языках (русском и английском) в следующем порядке: фамилия, имя и отчество (полностью), учёная степень и звание (при наличии), название учреждения, в котором работает автор, должность, номер телефона, адрес электронной почты, адрес места работы автора.

## ORDER OF ACCEPTION AND PUBLICATION OF ARTICLE

**Requirements for scientific articles submitted for publication in the scientific journal «Science and Security»:**

Scientific articles submitted for publication in the journal must meet the following requirements: 1) the scientific article must be prepared taking into account the requirements of the journal; 2) the article must be the result of scientific research; 3) the topic of the article must correspond to one of the scientific areas of the journal.

All scientific materials submitted to the journal are checked using the «Antiplagiarism» system to determine the level of originality of the text. Articles in the text of which materials of other authors are used without citation are not submitted for consideration at the next stages, and such articles are not allowed for publication.

Requirements for the preparation of scientific articles:

The text of the article should be prepared in Microsoft Word format, in Times New Roman font for Russian and English texts and Times New Roman Tj font for Tajik text, the size of the letters in the text should be 14, the margins should be 2.5 cm, and the distance between the texts should be 1.5mm. The volume of the article should be from 10 to 12 pages of A4 format, including a list of references and annotations.

The article should have the following structure:

• UDC index (this index can be obtained from any scientific library);

• article title;

• surname, name and patronymic in the form of an abbreviation (for example: Rustamzoda S.T.);

• the name of the institution where the author of the article works;

• the main text of the article;

• when citing the literature used (according to the «Rules for the spelling of the Tajik language and symbols of the book of the Tajik language», Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 30, 2021 No. 268) and its specific page should be indicated in square brackets [ ]. Example: [6, 42]. That is, literature No. 6 and p. 42;

• plans, diagrams and drawings must be numbered. They should also have a descriptive title;

• list of used literature (not less than 10 lists and not more than 25 lists of scientific literature). The list of used literature should be prepared on the basis of the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5-2008;

• The title of the article, abstract and keywords must be written in three languages (Tajik, Russian and English). The abstract must be prepared in the amount of at least 25 lines and from 7 to 10 keywords;

• at the end of the article, information about the author or authors in two languages (Russian and English) should be indicated in the following order: last name, first name and patronymic (in full), academic degree and title (if any), name of the institution where the author works, position, phone number, e-mail address, work address of the author.

**ИЛМ ВА АМНИЯТ**
**НАШРИЯИ МАКТАБИ ОЛИИ КДАМ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№2 (12), 2025**

Нашриёти «Меҳвар»-и
Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 54/2
Сомонаи маҷалла: https://ilm-va-amniyat.tj
Почтаи электронӣ: maktabi_oli24@mail.ru
Тел.: (+992 37) 233 55 19, Факс: (+992 37) 233 89 93.
Андозаи 60х84/8. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ.
Адади нашр: 150 нусха. Ҷузъи чопии нашрӣ 15.25, ҷузъи чопии шартӣ 14.25.
Барои чоп 26.05.2025 имзо шудааст. Фармоиши №